# РОҲНАМОИ ФАННИ
# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# СИНФИ 10-УМ

**бароИ омӯзгорони муассисаҳои**
**таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373.167.1 (072)**
**ББК Я72+74.261.4**
А-57

**А-57.** С. Аминов, С. Набиева, С. Бойбобоева. **Роҳнамои фанни забони тоҷикӣ, синфи 10-ум** барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017. 108 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-494-0**
**© Маориф, 2017**

## Мундарича

Сарсухан………………………………………………………………….. 4
Барномаи корӣ……………………………………………………………5
Роҳнамо барои омӯзгор…………………………………………………..7

## САРСУХАН

Таълими салоҳиятнокии хонанда чӣ маънӣ дорад, дар Стандарти давлатии забони модарӣ барои синфҳои 5-11 оварда шудааст. Аммо ин ҷо лозим аст, ки ба баъзе масъалаҳои дигари ба усули таълими салоҳиятнокӣ ва роҳнамои ба омӯзгор пешниҳодшаванда чанд маълумот дода шавад. Таълими салоҳиятнокии хонанда камтар истифода карданро аз қоидаҳои грамматикӣ дар назар дошта, бештар ба сайқал додани малакаҳои хонандагон дар истифодаи амалии забон нигаронида шудааст.

Ҳамин принсипи муносибат ба таълими забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки ҳангоми таълим ба ғайр аз донишу малакаҳои забонӣ дар хонандагон салоҳиятҳои болоифаннӣ ё асосӣ, ки дар зиндагии ҳамарӯза ба хонанда даркор мешаванд, ташаккул дода шавад. Дар маҷмӯъ салоҳиятнокии хонанда дар дарси забони тоҷикӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: салоҳиятҳои болоифаннӣ, салоҳиятҳои иртиботӣ ва салоҳияти забонӣ. Дар таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома  соатҳои ҷудогона нишон дода шудаанд. Омӯзгор мавзӯи бевоситаи забонӣ - овошиносӣ, луғатомӯзӣ, калимасозӣ, ҷумлабандиро дар дарсҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ба хонандагон таълим медиҳад. Ҳар кадом мавзӯи забонӣ дар бобҳои ҷудогона таълим дода мешаванд, дар баробари ин соатҳои ҷудогона барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон ҷудо карда шудааст. Ҳар як қисмати забон дар доираи соатҳои муайян ва боби муайян ба хонандагон омӯзонида мешавад, дар охир (дар аввал ҳам мумкин аст) ду, се, чор соат, вобаста ба миқдори умумии саотҳои ҳамин боб дарсҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Барои ташаккули салоҳияти болоифаннӣ ё асосӣ соати ҷудогона ҷудо карда намешавад, омӯзгор чунин салоҳиятҳоро дар дарсҳои ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ  инкишоф медиҳад. Салоҳиятҳои асосӣ дар стандарти таълимӣ зикр карда шудаанд. Ҷавҳари онҳоро омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, муносибат дар ҷомеа, масъалаҳои ахлоқ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу башарӣ ташкил медиҳанд.  Омӯзгорро лозим мешавад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Ба хонандагон салоҳиятҳои муносибати байни ҳамсинфон, эҳтироми ҳамдигар, одоби муошират ва муносибат, ахлоқ, тарбиятро дар ҷараёни таълими фан ва баррасии мавзӯъҳо ташаккул диҳад.

Ҷузъиёти дигари таълими фанни забони тоҷикӣ дар барномаи таълимӣ ва стандарти фаннӣ оварда шудаанд. Боқӣ ба шумо барори кор таманно намуда, умеди он дорем, дар роҳи таълим ва тарбияи насли нав саҳми арзанда мегузоред.

Мураттибони роҳнамои мазкур барои саволҳо, пешниҳоду дархостҳои шумо омодаанд. Барои тамос: почтаи электронӣ: saida40@inbox.ru

**Нақшаи тақвимӣ аз фанни “Забони тоҷикӣ” бари синфи 10**

| | Фасл ва мавзӯъҳо | соат | сана |
|---|---|---|---|
| | Фасли 1. Забон ва сухан | 1 | |
| | Суду зиёни сухан | 1 | |
| | Фасли 2. Имлои ҳарфи “ӣ”-и заданок | 3+1=4 | |
| | Ҳарфи ӣ дар таркиби калима | 1 | |
| | Фарқ кардани пасванди “-ӣ” аз бандакҳои феълӣ ва хабарӣ | 1 | |
| | Кор бо матни протоколи сода ё (ё мураккаб) | 1 | |
| | Фасли 3. Ҳарфи “ӯ”-и дароз ва имлои он | 3+2=5 | |
| | Фарқи “ӯ” аз “у” | 1 | |
| | Мавқеъ ва ҷойи ҳарфи “ӯ” дар калима | 1 | |
| | Мавқеи зада дар калимаҳое, ки “ӯ” доранд | 1 | |
| | Кор бо матни протоколи муфассал | 2 | |
| | Фасли 4. Ҳодисаҳои овоӣ | 6+2=8 | |
| | Ташдиди овозҳо ва монандшавии онҳо | 1 | |
| | Ҷойивазкунию бадалшавии овозҳо | | |
| | Табдили овозҳои таркиби калима | | |
| | Такрор шудани овозҳо ҳангоми калимасозӣ | | |
| | Мавҷудияти ду тарзи навишти калима | | |
| | Имлои санҷиш | | |
| | Кор бо матни санад (акт) | 2 | |
| | Фасли 5. Ҳарфи сакта дар забони тоҷикӣ. | 2 | |
| | Вазифаи ҳарфи сакта (ъ) дар забони тоҷикӣ | | |
| | Мавқеъ ва ҷойи ҳарфи сакта дар калима | | |
| | Фасли 6. Имлои исм ва сифат | 6+2=8 | |
| | Имлои ихтисораҳо, номҳои муассисаву маҷаллаҳо | | |
| | Имлои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои илмию бадеӣ | | |
| | Имлои исмҳои мураккаб | | |
| | Бо дефис навиштани баъзе исмҳо | | |
| | Имлои сифатҳои мураккаб | | |
| | Имлои санҷиш | | |
| | Кор бо матни баёнот | | |
| | Фасли 7. Феъл, сифати феълӣ ва феъли ҳол ва имлои онҳо | 4+2=6 | |
| | Бадакҳои феълию хабарӣ ва имлои онҳо | | |
| | Феълҳои сохтаю таркибӣ ва имлои онҳо | | |
| | Сифати феълӣ, феъли ҳол ва имлои онҳо | | |
| | Кор матни созишномаи меҳнатӣ | 2 | |
| | Фасли 8. Шумораю ҷонишин ва имлои онҳо | 6+2+8 | |
| | Имлои шумораҳои тартибӣ ва касрӣ | 1 | |
| | Шумораҳои таркиби ва имлои онҳо | 1 | |
| | Ҷонишин ва имлои онҳо | 2 | |
| | Ҷонишини Шумо, мавқеи ибтидо ва имлои санҷиши | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Кор бо матни тақриз (навиштани тақриз ба мақолае) | 2 | |
| | Фасли 9. Зарф ва имлои он | 3+1=4 | |
| | Имлои зардҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ | 2 | |
| | Кор бо матнҳо оид ба ёфтани зардҳо ва шарҳи имлои онҳо | 1 | |
| | Кор бо номаҳои расмӣ | 1 | |
| | Фасли 10. Пешоянду пасоянд ва имлои онҳо | 4+2=6 | |
| | Фарқ кардани пешоянд ва пасоянд. Имлои пешояндҳои таркибӣ | 1 | |
| | Истифодаи пешояндҳо дар назм ва имлои онҳо | 1 | |
| | Ба ҷойи якдигар омадани пешояндҳо ва пасояндҳо | 1 | |
| | Пешояндҳои-ро, боз, ҳамон ва имлои онҳо | 1 | |
| | Навиштани иншо(эссе) дар мавзӯи-Сайёҳӣ (туризм) барои давлат манфиатовар | 2 | |
| | Фасли 11. Пайвандакҳо дар назм ва имлои онҳо | 5+2=7 | |
| | Пайвандакҳои мураккаб, таркиби ва имлои онҳо | 1 | |
| | Мавқеи пайвандакҳо дар назм ва имлои онҳо | 2 | |
| | Пайвандакҳо ва аломатҳо китобат | 1 | |
| | Имлои санҷиш | 1 | |
| | Гузориши хатти | 2 | |
| | Фасли 12. Имлои ҳиссача ва нидо | 4+2=6 | |
| | Ҳиссачаҳо ва имлои онҳо | 1 | |
| | Аломатҳои китобат ва ҳиссачаҳо | 1 | |
| | Ҷой ва мавқеи ҳиссачаҳо дар нутқ ва асарҳои бадеӣ | 1 | |
| | Асарҳои бадеӣ | 1 | |
| | Нидо ва имлоӣ. Дар матн дарк кардани нидо аз ҳиссача | 2 | |
| | Фасли 13. Такрори маводди омӯхта | 3+0=3 | |
| | Такрори имлои исму сифатҳо | 1 | |
| | Такрори имлои шумораю ҷонишинҳо | 1 | |
| | Такрори имлои зарфҳо | 1 | |
| | | | |
| | | | |

# I. ЗАБОН ВА СУХАН
## §1. СУДУ ЗИЁНИ ЗАБОН ВА СУХАН

**Салоҳиятҳои забонӣ:**

10.1.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан; маълумоти кофӣ пайдо кардан оид ба қадимӣ будан ва фасеҳу равонии он ва офаридани асарҳои безавол.

Хонанда

– дар бораи мақоми забон дар ҷомеа фикрашро баён мекунад;

– эҳтироми забони модариро бо мисолҳо мефаҳмонад;

– нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо шарҳ медиҳад;

– дар бораи аҳамияти забон пораҳои шеърӣ ва суханони ҳикматнокро мисол меорад;

– мавқеи забони тоҷикиро дар байни забонҳои дигар мешиносад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– нақши забони тоҷикиро дар рушди адабиёти бадеӣ муайян карда тавонистан;

– талқини омӯхтани адабиёт бо мақсади рушди забони адабӣ;

– дар мавридҳои муносиб истифода бурдан аз осори адабӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

– ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

– омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

– шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Сухани муқаддимавии омӯзгор.** Муҳокимаи мақсадҳои таълимии дарси имрӯза.

**III. Интизорӣ:**

– Аз дарси имрӯза чиро интизоред?

– Чиро фаҳмидан мехоҳед?

• Шунидани фикру мулоҳизаи хонандагон.

**IV. Супориши 1. Кори инфиродӣ.** Навиштани фикру ақида оид ба мавзӯъ:

1. Шумо оид ба ин мавзӯъ чиро медонед?

**2.** Ба фикри шумо суду зиёни сухан аз чӣ иборат аст?

• Хонандагон дар зарфи ду дақиқа ақида ва гумони худро атрофи ин масъала менависанд.

**V. Супориши 2. Кори дунафара.** Таҳлили матни машқи 1 . Матнро бодиққат хонда, мазмуни онро нақл кардан.

**VI. Супориши 3. Кор дар гурӯҳҳо. Ҳалли машқҳо**

Гурӯҳи 1. Матнро ба нақшҳо ҷудо карда хондан.

Гурӯҳи 2. Аз рӯи мазмуни матн хулосаҳои худро оид ба суди забон баён кардан ва навиштан.

Гурӯҳи 3. Вобаста ба мазмуни матн дар бораи зиёни сухан мушоҳидаҳои худро гуфтан ва сипас навиштан.

**VII. Супориши 4.** Таҳлили порчаи шеърии машқи 2:

– қироати ифоданоки шеър, шарҳи калимаҳо;

– шарҳи мазмуни байтҳо;

– навиштани хулосаҳо бо 2 – 3 ҷумла;

– калимаҳои ҳарфи ӣ-дорро ёфта, имлои онҳоро шарҳ додан.

**VIII. Мустаҳкамкунӣ:**

- Дар хусуси аҳамияти забон кадом зарбулмасалу мақол, пандҳоро медонед? Чанде аз онҳоро навишта шарҳ додан;

- Шарҳи мазмуни байтҳои зерин:

*Шунидам, ки бошад забони сухан,*
*Чу алмоси буррону теги куҳан,*
*Сухан бифканад минбарру дарро,*
*Зи сӯрох берун кашад, морро.*

**• Саволҳо:**

- Аз ин дарс чӣ чизи навро омӯхтед?
- Оид ба суду зиёни сухан ба чӣ хулоса омадед?

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Дар мавзӯи «Суду зиёни забон ва сухан» иншое навиштан.

**X. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## II. ИМЛОИ ҲАРФИ Ӣ – И ЗАДАНОК
## §2. ҲАРФИ *Ӣ* ДАР ТАРКИБИ КАЛИМА

**Салоҳиятҳо:**

10.1.2. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ).

Хонанда

– ҳарфи «ӣ»-и заданокро дар таркиби калима муайян мекунад;
– калимаи ҳарфи «ӣ» -доштаро дуруст талаффуз менамояд;
– пасванди (суффикси) «-ӣ» - ро аз бандакҳои феълӣ ва хабарӣ фарқ мекунад;
– бо роҳи таҳлили калимасозӣ пасванди «ӣ» ва бандаки хабарию феълии «ӣ»- ро муқаррар менамояд;
– ҳангоми хондани матнҳо оҳанги талаффузро риоя мекунад ва дар ҷумлаю матнҳо калимаҳои «ӣ»-и заданокдорро меёбад ва шарҳ медиҳад;
– барои фарқ кардан мисолҳо оварда метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мавҷудияти ду ҳарфро барои ифодаи овози «и» нишон дода тавонистан;
– шиносномаи имлои «и» ва «и»-и дарозро таҳия карда тавонистан;
– бамаврид истифода бурдани «и» ва «ӣ» дар калимаву ибора.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Суду зиёни забон ва сухан» иншое навиштан.

• Аз назар гузарондани кори хаттӣ;
• Баррасии кори хонандагон дар ҷадвал:

| Мазмун | Имло | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Имлои ҳарфи ӣ – и заданок. Ҳарфи ӣ дар таркиби калима

**Ангезиши зеҳн:**

1. Оид ба имлои ҳарфи «ӣ» чӣ медонед?
2. Ҳарфи «ӣ» дар забони тоҷикӣ чӣ мавқеъ дорад?

**IV. Супориши фардӣ:** Фарқи ҳарфи и ва ӣ-ро дар мисолҳои зерин шарҳ додан:

| **Калимаҳо** | **Ибораҳо** |
| --- | --- |
| Моҳӣ, ҳавлӣ, шолӣ, шоҳӣ, биҳӣ, холӣ | Китоби нав, оби тоза, табиати босафо |
| | |

• Санҷиши кори хонандагон.

**2.** Порчаро возеҳ хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Калимаҳои ҳарфи **ӣ** – дорро ёбед ва имлояшонро шарҳ диҳед. Ба саволҳо ҷавоб дода, супоришро иҷро кунед.

**V. Кори дунафара:** Бо истифода аз калимаҳои машқи 3 ибора ва ҷумла тартиб дода, вазифаи ӣ-и дарозро шарҳ додан.

Калимаҳо: моҳӣ, ҳавлӣ, шолӣ, тӯтӣ, мӯрӣ, ҷуворӣ, бинӣ.

Намуна: Моҳӣ дар об зиндагӣ мекунад.

Пирамард бо тӯр моҳии тилло дошт.

***Дар хотир доред:*** Ҳарфи ӣ дар таркиби калимаҳои решагии навъи моҳӣ, ҳавлӣ, шолӣ, биҳӣ, холӣ навишта мешавад.

• Бандаки изофӣ ҳеҷ гоҳ бо ӣ-и дароз навишта намешавад: китоб*и* бадеӣ, об*и* тоза, табиат*и* босафо.

**VI. Кор дар гурӯҳҳои чорнафара:** Кор бо машқи 4.

Калимаҳои сутуни аввалро бо сутуни дуюм муқоиса карда, вобаста ба ҳарфи и ва ӣ шарҳ додан.

| | |
| --- | --- |
| шолӣ | шоли хона |
| холӣ | холи сиёҳ |
| мӯрӣ | мӯри донакаш |
| моҳӣ | моҳи май |
| тифлӣ | тифли хурдсол |
| омӯзгорӣ | омӯзгори мо |
| сурхӣ | сурхи баланд |
| обӣ | – оби зулол |

**VII. Диктанти «Худамро месанҷам»**

Матни машқи 5-ро омӯзгор қироат мекунад, хонандагон менависанд. Сипас, навиштаҳои худро бо матни китоби дарсӣ муқоиса карда, мавқеи истифодаи ҳарфи ӣ-ро шарҳ медиҳанд.

• Хонандагон навиштаи худро ба матн муқоиса намоянд ва ба худ баҳо гузоранд. Меъёри баҳоро дар ҷадвал ба назар гиранд:

| **Т/р** | **Ҳусни хат** | **Ғалати имловӣ** | **Баҳо** | **Эзоҳ** |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| 1. | | | | |

**VIII. Мустаҳкамкунӣ. Кор дар гурӯҳҳо. Ҳалли машқҳои шифоҳӣ**

Гурӯҳи 1. Шеърро возеҳ хонед ва ҳангоми қироат ба задаи калимаҳои ҳарфи ӣ – дор таваҷҷуҳ кунед. Гӯед, ки дар шеър дар бораи чӣ сухан меравад?

Гурӯҳи 2. Шеърро возеҳ хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи чӣ меравад. Калимаҳои ӣ-дорро ҷудо карда навишта, аз ҷиҳати сохт таҳлил кунед.

Гурӯҳи 3: Матнро хонед. Гӯед, ки дар бораи кадом Юсуф сухан меравад? Дар бораи Юсуф кадом шоир достон офаридааст? Чаро дар ин матн ӣ асосан ба як вазифа омадааст?

Гурӯҳи 4. Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Калимаҳои ҳинд, сахттарин, тангдастӣ ва андӯҳ - ро бори дигар талаффуз кунед ва имлои онҳоро дар хотир нигаҳ доред. Калимаҳоеро, ки ҳарфи ӣ доранд, ёбед ва тарзи сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 5. Ба оҳанги хониши ҷумлаҳо диққат дода, муколамаро ифоданок хонед. Гӯед, ки ин матн ба кадом услуби забон тааллуқ дорад ва чаро дар калимаҳои он ҳарфи ӣ бештар истеъмол шудааст? Имлои он калимаҳоро дар ёд нигоҳ доред ва дар гуфтугӯю навишт аз шакли дурусти онҳо кор гиред.

• Арзёбии кори хонандагон.

• Саволҳо:

1. Шумо аз ин дарс чиро омӯхтед?

2. Дар кадом маврид ҳарфи «ӣ» гузошта мешавад?

**IX. Ҷамъбасти мавзӯъ ва эълони баҳо.**

**X. Вазифаи хонагӣ:** Матнро хонед ва гӯед, ки ҳарфи ӣ (и- и дароз) дар калимаҳои ишорашуда ба кадом вазифа омадааст? Тақлидан ба матн нақле тартиб диҳед ва калимаҳои ҳарфи ӣ - дорро маънидод карда, имлояшонро ба хотир гиред.

## §3. ФАРҚИ ПАСВАНДИ Ӣ АЗ БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ХАБАРӢ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.2. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ).

Хонанда

– ҳарфи «ӣ»-и заданокро дар таркиби калима муайян мекунад;

– калимаи ҳарфи «ӣ» доштаро дуруст талаффуз менамояд;

– пасванди (суффикси) «-ӣ» - ро аз бандакҳои феълӣ ва хабарӣ фарқ мекунад;

– бо роҳи таҳлили калимасозӣ пасванди «ӣ» ва бандаки хабарию феълии «ӣ»- ро муқаррар менамояд;

– ҳангоми хондани матнҳо оҳанги талаффузро риоя мекунад ва дар ҷумлаю матнҳо калимаҳои «ӣ»-и заданокдорро меёбад ва шарҳ медиҳад;

– барои фарқ кардан мисолҳо оварда метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мавҷудияти ду ҳарфро барои ифодаи овози «и» нишон дода тавонистан;

– шиносномаи имлои «и» ва «и»-и дарозро таҳия карда тавонистан;

– бамаврид истифода бурдани «и» ва «ӣ» дар калимаву ибора.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Матнро хонед ва гӯед, ки ҳарфи ӣ (и- и дароз) дар калимаҳои ишорашуда ба кадом вазифа омадааст? Тақлидан ба матн нақле тартиб диҳед ва калимаҳои ҳарфи ӣ - дорро маънидод карда, имлояшонро ба хотир гиред.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Фарқи пасванди ӣ аз бандакҳои феълӣ ва хабарӣ

**Ангезиши зеҳн. Саволҳо:**

1. Ҳарфи ӣ дар забони тоҷикӣ ба кадом вазифа меояд?

2. Дар кадом маврид ҳарфи ӣ навишта мешавад?

***Дар хотир доред:*** *ӣ* дар таркиби пасвандҳо ва бандаки феълию хабарӣ меояд: *сурхӣ, хубӣ, некӣ, баҳисобгирӣ, хондӣ, давидӣ, талабаӣ, коргарӣ, хонагӣ, пуштнокӣ, хондагӣ, хонданӣ.*

**IV. Бозии “Кӣ зудтар?”** Кӣ бештар бо ҳарфи *ӣ* калима менависад?

**-** Тахтаи синфро ба 3 тақсим карда, қаторҳо мусобиқа мекунанд.

**-** Дар калимаҳои навиштаашон мавқеи ҳарфи ӣ-ро шарҳ додан.

**V. Супориш. Кори дунафара.** Калимаҳои зеринро ба сутунҳо ҷудо кардан: *сурхӣ, хубӣ, некӣ, баҳисобгирӣ, хондӣ, давидӣ, талабаӣ, коргарӣ, хонагӣ, пуштнокӣ, хондагӣ, хонданӣ.*

| Пасванд | Бандаки феълӣ | Бандаки хабарӣ |
|---|---|---|
| | | |

**VI. Кор дар гурӯҳҳои чорнафара.** Супориш: Порчаи шеърии машқи 6-ро возеҳ хонда, ба задаи калимаҳои ӣ-дор диққат додан, мазмуни матнро нақл кардан:

- калимаҳои *ӣ*-дорро навиштан, вазифаҳои ҳарфи *ӣ*-дорро шарҳ додан;
- дар кадом калимаи *ӣ*-дор зада меафтад, муайян кардан;
- ба саволу супоришҳои дигари матн ҷавоб гуфтан.

**VII. Кор дар гурӯҳҳо.** Супориш: Вазифаи ҳарфи *ӣ*-ро дар калимаҳо шарҳ додан, ба саволу супоришҳои матн ҷавоб гуфтан.

Гурӯҳи 1. Ҳикояро ифоданок хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист? Дар ин ҳикоя ҳарфи **ӣ** ба кадом вазифаҳо омадааст? Ҷумлаҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Ҳикояро аз ёд кунед.

Гурӯҳӣ 2. Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед? Калимаҳои ҳаммаъно дар матн чӣ нақш доранд? Вазифаи ҳарфи ӣ -ро дар калимаҳо шарҳ диҳед. Хулосаи аз ин мавзӯъ бардоштаатонро бо иловаҳо такмил диҳед ва нависед.

Гурӯҳи 3. Матнро аввал хонеду маънояшро нақл кунед, баъдан онро навишта ба зери калимаҳои ӣ- дор хат кашед. Гӯед, ки вазифаи он дар калимаҳо аз чӣ иборат аст? Калимаи басар чӣ маъно дорад ва чаро яклухт навишта шудааст? Дар бораи ҳар гиёҳе, ки м едонед, нақле нависед.

Гурӯҳи 4. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунсд. Ба матн тақлид карда, муколамае тартиб диҳед, ки дар калимаҳои он ҳарфи ӣ ҳарчи бештар исгифода шавад. Мазмун ва имлои калимаҳои мутафаккир, музояқа - ро дар хотир нигоҳ дошта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гурӯҳи 5. Хонед ва хулосаатонро нақл кунед. Чаро дар муколама бештар калимаҳое, ки ***ӣ*** доранд, истифода шудаанд? Калимаи **афв-** ро бори дигар талаффуз кунед ва ба имлояш диққат диҳед. Ба ин монанд муколамае тартиб диҳед.

Гурӯҳи 6. Дар мавзӯи "Ба пирӣ хидмати модар – падар кун" иншои кӯтоҳ нависед. Калимаҳои ӣ - дорро аз иншои навиштаатон ёфта, вазифаҳои онро шарҳ диҳед.

• Арзёбии кори хонандагон.

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Супориш. Ичрои машқ. .Матнро хонед ва задаи калимаҳоро риоя кунед. Ҳамаи калимаҳои ӣ – дорро навишта, вазифаи онро шарҳ диҳед ва бо ифодаҳои ишорашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Супориш. Машқ.** Аз рӯйи нақша калимаҳо созед ва вазифаи **ӣ-**ро дар ҳар як калима шарҳ диҳед. Ҳангоми хондан ба задаи калимаҳо эътибор дода, имлои онҳоро дар хотир нигоҳ доред.




овози таркиби калима
сифат
исм
ҷонишин
зарф
сифати феълӣ
бандаки феълӣ
бандаки хабарӣ
давомнокӣ

**Супориш:** Бо истифода аз калимаҳои машқҳои охир *ӣ*-ро дар калимаҳо мувофиқи нишондод дар ҷадвалро пур кардан:

| Пасванд | Бандаки феълӣ | Банбаки хабарӣ | Овози таркиби калима |
|---|---|---|---|
| | | | |

• **Арзёбии кори хонандагон ва саволу ҷавоб:**
- Ҳарфи *ӣ* дар забони тоҷикӣ чӣ вазифа дорад?
- Дар кадом маврид зада дар калимаи *ӣ*-дор ба *ӣ* меафтад?

**IX. Ҷамъбасти мавзӯъ ва эълони баҳо.**

**X. Вазифаи хонагӣ:** Машқи 9. Хондан ва сипас мазмуни матнро нақл кардан. Дар сарсатри дувум чӣ фикр талқин шудааст, онро навиштан ва ба имлои калимаҳои ӣ – дор диққат додан. Дар мавзӯи «Нақши шахсони бузург дар муваффақияту пешравии кор» иншое навишта, ба имлои ҳарфи ӣ диққат додан.

## §4. КОР БО МАТНИ ПРОТОКОЛИ СОДА (Ё МУХТАСАР)
## (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**
10.2.1. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ аз рӯйи намунаи матни протокол.
Хонанда
– матни протоколро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;
– протоколҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
– матни протоколҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
– матни протоколро навишта метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
– мазмуни расмӣ доштани протокол ва иҷрои ҳатмии талаботи онро донистан;
– мавриди тартиб додани протоколро дарк кардан;
– тартиби таҳияи протоколро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
– фарқ кардани протокол аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 9. Хондан ва сипас мазмуни матнро нақл кардан. Дар сарсатри дувум чӣ фикр талқин шудааст, онро навиштан ва ба имлои калимаҳои *ӣ* – дор диққат додан. Дар мавзӯи «Нақши шахсони бузург дар муваффақияту пешравии кор» иншое навишта, ба имлои ҳарфи *ӣ* диққат додан.
• Аз назар гузарондани кори хаттӣ;
• Баррасии кори хонандагон дар ҷадвал:

| Мазмун | Имло | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни протоколи сода (ё мухтасар)**

**Интизорӣ:**
- Шумо аз дарси имрӯза чиро интизоред?
- Чиро донистан меxоҳед?
• Матнро (бонавбат) бодиққат хонда, муҳтавои онро нақл кардан.

**IV. Супориши 1.** Хазинаи маърифат.

- Матни маълумотро оид ба протоколи сода, ки дар китоби дарсӣ ҷой дода шудааст, бо диққат хонда, ба муҳтавои он аҳамият додан. Баъди баёни хулосаҳо ҷумлаҳоро пур карда, шиносномаи протоколро пур намудан.

1. Протоколи одӣ ҳуҷҷатест, ки дар он __________ (чӣ?) инъикос меёбад. Яъне дар он баромадҳои __________ (киҳо?) _______ (чӣ гуна?) сабт мегардад.
2. Навиштани протокол ба уҳдаи ___________ (кӣ?) бор аст.
3. Ҳадафи асосии протокол __________ (чӣ?)-ест, ки дар _________ (куҷо?) муҳокима шудааст.
4. Протокол ____ (чанд?) нусха тайёр мешавад.
5. Ба идораҳои марбута _____________нусхаи он ирсол мегардад.
6. Дар протокол ___________ (киҳо?) имзо мегузоранд.

***Дар хотир гиред:*** Тартиби таҳияи протокол чунин аст:

1. Номи протокол (дар байни сатр навишта мешавад);
2. Номи муассисае, ки маҷлиси мазкурро доир менамояд;
3. Таърихи гузаронидан;
4. Маълумот дар бораи иштироккунандагон (агар кам бошанд, ному насабашон навишта мешавад ва агар бисёр бошанд, миқдорашон зикр мегардад ва ё ба рӯйхати баҳисобгирӣ ишора мешавад);
5. Ному насаб ва вазифаи раису котиб;
6. Рӯзномаи маҷлис;
7. Аз рӯйи масъалаи якум киро шунидед;
8. Дар музокира киҳо баромад карданд, чиҳо гуфтанд, пешниҳодоти онҳо;
9. Оид ба масъалаи муҳокимашуда чӣ қарор қабул карда шуд;
10. Имзои раис ва котиб.

**V. Супориши 2. Кор дар қаторҳо.** Намунаи протоколҳоро аввал хонда, сипас, онҳоро такмил дода навиштан. Ҳангоми навиштан ба аломатҳои китобат ва тарзи баён диққат додан.

**Ба қатори 1:**

**Протоколи № 1**

маҷлиси иттиҳодияи методии омӯзгорони забон ва адабиёти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 6 ш.Душанбе

аз «30» октябри соли 2017 ш.Душанбе

Иштирок карданд: ………………

Раиси иттиҳодияи методӣ А.Асозода

Котиби иттиҳодияи методӣ М.Комилов

Шунида шуд:

Оид банақшадарории маводди таълим аз забони тоҷикӣ барои нимсолаи якум

(Маърӯзаи роҳбари иттиҳодияи методӣ)

Қарор карда шуд:

Нақшаи тақвимии кор аз забони тоҷикӣ тасдиқ карда шавад.

Раиси иттиҳодияи методӣ А.Асозода

Котиб М.Комилов

**Ба қатори 2:**

Протоколи №2

маҷлиси хонандагони синфи 10 «А» муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳия Рӯдакӣ

аз «18» апрели соли 2016 н.Рӯдакӣ

Иштирок карданд: 27 нафар

Раис - Қ.Қодиров
Котиб - Б.Солиев

Рӯзномаи маҷлис:

1. Оид ба гузаронидани корҳои баҳорӣ дар замини таълимӣ-таҷрибавии назди мактаб.
2. Оид ба рафтори хонанда Ш. ҳангоми саёҳат.

Шунида шуд:

1. Гузориши омӯзгори биология Саидова Ш. оид ба ташкили корҳои баҳорӣ дар замини таълимӣ-таҷрибавии назди мактаб ва ҳадди ақали рӯзи кор барои ҳар як хонанда

қарор кард:

Кор дар замини таълимӣ-озмоишӣ дар шакли гурӯҳӣ (звено) бо навбат гузаронида шавад. Роҳбарони гурӯҳҳо Шоев Х., Қаландаров Д. ва Самадов Ҷ. таъйин шаванд.

Шунида шуд:

2. Гузориши роҳбари синф Қосимова Ш. оид ба рафтори дағалонаи Ш. дар нақлиёт ҳангоми рафтан ба саёҳат.

қарор кард:

1. Рафтори хонанда Ш.-ро сарзаниш кардан.
2. Саидов Қ. вазифадор карда шавад, ки дар рӯзномаи мактаб мақола нависад.
3. Аз роҳбари синф Камолов С. хоҳиш карда шавад, ки падару модари Ш.-ро аз рафтори нодурусти фарзандашон огоҳ намоянд.

Раиси маҷлис Қ.Қодиров
Котиб Р. Солиев

• Муаррифиии кори гурӯҳҳо

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ:**

• Аз ҳар гурӯҳ (қатор) якнафарӣ дар тахтаи синф намунаи протоколи худро менависанд.

• Муҳокимаи ғалатҳои якдигар;

**Ангезиши зеҳн.** Саволҳо:

1. *Протокол* вожаи кадом забон аст ва чӣ маъно дорад?
2. Протокол чӣ гуна ҳуҷҷат аст?
3. Ҳадафи асосии протокол аз чӣ иборат аст?
4. Хусусияти протоколи сода кадом аст?
5. Ҳангоми навиштани протокол кадом аломатҳои китобат истифода мешаванд?

**VII. Ҷамъбасти мавзӯъ.** Аз дарси имрӯза чӣ гирифтед?

**VIII. Эълони баҳо**

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Навиштани намунаи протоколи содаи маҷлиси синфӣ ё маҷлиси волидон.

## §5. КОР БО МАТНИ ПРОТОКОЛИ СОДА (Ё МУХТАСАР)
## (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.1. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ аз рӯйи намунаи матни протокол.

Хонанда

– матни протоколро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;
– протоколҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
– матни протоколҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
– матни протоколро навишта метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мазмуни расмӣ доштани протокол ва иҷрои ҳатмии талаботи онро донистан;
– мавриди тартиб додани протоколро дарк кардан;
– тартиби таҳияи протоколро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
– фарқ кардани протокол аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани намунаи протоколи содаи маҷлиси синфӣ ё маҷлиси волидон.

• Аз назар гузарондани кори ҳамдигар;
• Баррасии кори хонандагон дар ҷадвал:

| Мазмун | Тартиб | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта:

1) *Протокол* вожаи кадом забон аст ва чӣ маъно дорад?
2) Протокол чӣ гуна ҳуҷҷат аст?
3) Ҳадафи асосии протокол аз чӣ иборат аст?
4) Вобаста ба инъикоси раванди маҷлис протокол чанд навъ мешавад?
5) Протоколи сода аз муфассал бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?
6) Таркиби протоколро шарҳ диҳед.

**III. Супориши 1: Кори гурӯҳӣ**. Протоколро аз китоби дарсӣ навиштан ва тартиби навиштани онро шарҳ додан.

Гӯед, ки талаботи мавҷуда дар протоколи мазкур дида мешавад ё не.

• Баррасии кори хонандагон

**IV. Супориши 2: Кори дунафара.** Аз рӯи матни «Протоколи сода» ба саволҳо ҷавоб гуфтан:

1. Калимаи «протокол» чӣ маъно дорад?
2. Протокол дар кадом маврид истифода мешавад?
3. Протоколро кӣ менависад?
4. Протокол чанд навъ мешавад?

**V. Супориши 3:** Кор дар гурӯҳҳои чорнафара. Муайян кардани хусусияти протокол.

| Протоколи сода | Протоколи муфассал | Тартиби протокол |
|---|---|---|
| | | |

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ тавассути саволу супориш:**

1. Хусусияти протоколи сода кадом аст?
2. Протокол кай ва аз тарафи кӣ навишта мешавад?

**VII. Ҷамъбасти мавзӯъ:** Аз дарси имрӯза чӣ гирифтед?

**VIII. Эълони баҳо.**

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Навиштани намунаи протоколи содаи шӯрои духтарон ё комитети талабагӣ.

# III. ҲАРФИ Ӯ –И ДАРОЗ ВА ИМЛОИ ОН
## §6. ФАРҚИ Ӯ АЗ У

**Салоҳиятҳо:**

10.1.3. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз.

Хонанда

– дар талаффуз ва навишт ҳарфи «ӯ»-и дарозро аз «у» фарқ карда метавонад;

– мавқеъ ва ҷойи «ӯ»-ро медонад ва дурусту бамавқеъ истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мавҷудияти ду ҳарфро барои ифодаи овози «у» нишон дода тавонистан;

– шиносномаи имлои «у» ва «ӯ»-ро таҳия карда тавонистан;

– бамаврид истифода бурдани «у» ва «ӯ» дар калимаву ибора.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани намунаи протоколи содаи маҷлиси синфӣ ё маҷлиси волидон.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Ҳарфи ӯ –и дароз ва имлои он. Фарқи ӯ аз у

**Оғози дарс. Ангезиши зеҳн.**

1. Дар бораи садонокҳои *у* ва *ӯ* чӣ медонед?
2. Оё ин садонокҳо хусусияти маънифарқкунӣ доранд?
3. Мавриди истифодаи «ӯ» чӣ гуна аст?
4. Оё ба ҷойи яке истифодаи дигаре мумкин аст?

**IV. Кори дунафара. Супориши 1.** Бо ҳар як калима ҷумла навишта, фарқи маъноии онҳоро шарҳ додан.

| | |
|---|---|
| Кӯб – куб | Кӯба – куба |
| Хӯр – хур | Мӯл – мул |
| Кӯра – кура | Мур – мӯр |

• Ба кори ҳамдигар баҳо гузоштан.

**V. Супориши 2.** Калимаҳои машқи 22-ро хонда, маънои онҳоро шарҳ додан. Пурсед, ки чаро мазмуни баъзе аз ин калимаҳоро нафаҳмиданд? Оё ин калимаҳо аслан тоҷикианд?

*Ӯба, ӯгур, ӯлчак, ӯлча, ӯсма, ӯланг, ӯймоқ, ӯлмос*

**VI. Кор дар гурӯҳҳо.** Ҳалли машқҳо.

Гурӯҳи 1. Матнро хонда, мазмунашро нақл кардан; ба талаффузи калимаҳои ӯ-дор диққат додан; дар бораи заҳмати деҳқон нақли мухтасаре навиштан.

Гурӯҳи 2. Матнро хонда, мазмуни онро нақл кардан; дар бораи ягон ҳодисаи шунидаатон нақле навиштан.

Гурӯҳи 3. Ҳикояро хонда мазмуни онро нақл кардан; ҳадафи асосии матнро мухтасар навиштан.

Гурӯҳи 4. Калимаҳои ҳар се сутунро хонда, ба талаффузи онҳо диққат додан. Пурсед, ки чиро мушоҳида карданд?

| | | |
|---|---|---|
| гӯгирд | аду | дӯстӣ |
| гӯсфанд | анбуҳ | Кӯлоб |
| гӯш | андуҳ | хӯрок |
| гӯшт | мухр | пӯшок |
| дӯш | муҷиб | кӯфтан |

дӯғ муҳарам кӯтоҳ
занбӯр шуъба кӯтоҳ

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VII. Мустаҳкамкунӣ.** Муҳокимаи машқ: Порчаи шеъриро ифоданок хонда, ба он ном гузоштан ва мазмунашро нақл кардан; байти чорумро ба наср баргардонида навиштан, пурсед, ки зарбулмасали «Он чи бо шир дарояд, бо ҷон барояд» ба байти чорум чӣ муносибат дорад?

**VIII. Ҷамъбасти мавзӯъ ва эълони баҳо.**

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нақл кунед, ба имлои калимаҳое, ки *у* ва *ӯ* доранд, диққат кунед. Тақлидан ба ин матн дар бораи ҳодиса ва ё воқеаи шунидаатон нақле нависед. Гӯед, ки кадом ифодаву ҷумлаҳо таъсирбахш буданд?

## §7. МАВҚЕЪ ВА ҶОИ ҲАРФИ Ӯ ДАР КАЛИМА

**Салоҳиятҳо:**

10.1.3. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз.

Хонанда

– дар талаффуз ва навишт ҳарфи «ӯ»-и дарозро аз «у» фарқ карда метавонад;
– мавқеъ ва ҷойи «ӯ»-ро медонад ва дурусту бамавқеъ истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мавҷудияти ду ҳарфро барои ифодаи овози «у» нишон дода тавонистан;
– шиносномаи имлои «у» ва «ӯ»-ро таҳия карда тавонистан;
– бамаврид истифода бурдани «у» ва «ӯ» дар калимаву ибора

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нақл кунед, ба имлои калимаҳое, ки у ва ӯ доранд, диққат кунед. Тақлидан ба ин матн дар бораи ҳодиса ва ё воқеаи шунидаатон нақле нависед. Гӯед, ки кадом ифодаву ҷумлаҳо таъсирбахш буданд?

• Аз назар гузарондани кори хаттӣ;
• Баррасии кори хонандагон дар ҷадвал:

| Мазмун | Имло | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Мавқеъ ва ҷои ҳарфи ӯ дар калима.**

**Оғози дарс. Ангезиши зеҳн.** Саволҳо:

- Дар бораи фонемаи у ва ӯ чӣ медонед?
- Бо тағйир ёфтани онҳо маънои калима дигар мешавад ё не?
- Мавқеъ ва ҷойи ҳарфи ӯ дар калима чӣ гуна аст?

***Дар хотир доред:*** Ҳарфи ӯ-и дароз дар байн ва охири калимаҳои аслии тоҷикӣ навишта мешавад: *рӯз, гӯш, дӯст, рӯ(й), сӯ(й), мӯ (й), бӯ (й)* ва ғайра.

• Ҳарфи ӯ дар забони тоҷикӣ истеъмоли маҳдуд дорад ва дар аввали калимаҳои аслии тоҷикӣ навишта намешавад.

IV.Супориши 1: Иҷрои машқи 27. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Чаро дар ин порча асосан бандаки ӣ истифода шудааст? Калимаи аввали порчаро бо у хонед. Гӯед, ки чӣ тағйирот рӯй дод? Калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

V. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ. Калимаҳои додашударо хонед ва фарқи онҳоро гӯед. Имлояшонро дар хотир нигаҳ доред. Ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки дар он калимаҳои додашуда истифода шуда бошанд:

Гурӯҳи 1: **хурд** – хӯрд

Гурӯҳи 2: **бур** - бӯр

Гурӯҳи 3: **сум -** сӯм

Гурӯҳи 4: **куш -** кӯш

Гурӯҳи 5: **хуш -** хӯш

Гурӯҳи 6: **гул -** гӯл

**VI. Супориши 3:** Гурӯҳҳо мутаносибан машқҳоро иҷро намоянд.

**1.** Бо ҳарфи ӯ калимаҳо навишта, ҷадвалро пур кардан:

**2.**

| **Пеш аз ҳамсадои «б»** | **Пеш аз ҳасадои «г»,** | **Пеш аз ҳамсадои «з»** | **Пеш аз ҳамсадои «й»** | **Пеш аз ҳарфи «л»** | **Пеш аз ҳарфи «р»** | **Пеш аз ҳарфи «ш»** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тӯб | Нӯг | Сӯз | Бӯй | Нӯл | Кӯр | Гӯш |

**3.** Калимаҳои зеринро ба сутунҳо ҷудо кардан:

**4.**

| Дуруст | Нодуруст |
|---|---|
| | |

*Кӯҳна, кухна, мӯҳтарам, мӯҳлат, муҳтарам муҳтоҷ, нӯҳ, нуҳ, суҳбат, сӯҳбат, тӯҳмат туҳмат, тӯҳфа, туҳфа, ӯҳда, уҳда, анбуҳ, анбӯҳ.*

3. Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки ҳадафи асосии ҳикоя чист? Мухтасар онро нависед ва аз калимаҳое, ки ӯ - доранд истифода кунед. Ифодаҳои раҳо шуд ва рӯй тоза кард - ро шарҳ диҳед.

4. Матнро хонед ва гӯед, ки он ба кадом услуби забон тааллуқ дорад? Матнро чӣ ном муносиб аст? Шумо низ маҳалли бароятон ошноро тасвир кунед. Калимаҳои ишорашударо истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

5. Машқи 29-ро хонда, ба кадом услуби забон тааллуқ доштани матнро муайян кардан; ба матн ном гузоштан; бо калимаҳои ишорашуда ҷумла тартиб додан; ба ҷойи нуқтаҳои ҳарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кардан.

Бародарам ҳан...з х...рд аст. Вай х...рокашро х..рд.

Г...ли садбарг х...шб...й аст. Ӯ одами г...л аст.

**6.**Ҷадвалро пур кардан:

| **Дар аввали калима** | **Пеш аз ҳарфи й** | **Пеш аз ҳарфи ҳ** | **Пеш аз ҳарфи ъ** |
|---|---|---|---|
| ӯрдак | бӯй | гурӯҳ | мавзӯъ |

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VII. Супориши 4: Кори мустақилона.** Ҳалли машқҳои шифоҳӣ.

• Порчаи шеъриро возеҳ хонда, мазмуни онро нақл кардан, ба он ном гузоштан; ҷойи задаи калимаҳои ӯ-дорро муайян кардан; ба саволу супориши зери матн ҷавоб гуфтан, аз ҳарфҳои ӯ ва у истифода намудан.

• Порчаро возеҳ хонед ва бигӯед, ки мазмуну мундариҷаи он доир ба чист? Ба он чӣ ном гузоштан мувофиқ аст? Ҷойи задаи калимаҳои **ӯ** - дорро муайян кунед.

• Саволҳо барои санҷиши донишҳои азхудшуда доир ба мавзӯъҳои вобаста.

**Таъкид:**

Нигаред ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ҷилди 2 (М.1969), «Луғати нимтафсирии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» (муаллиф: С. Айнӣ, кул.ч.12, 1976) ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», ҷилди 2, 2010. Дар фарҳанги аввалӣ 24 калима, дар дувумӣ 9 ва дар сеюмӣ 56 калима бо ҳарфи «ӯ» оварда шудааст.

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Матнро хонда, шарҳ додан. **Бар дӯш бардоштан** ва **аз дӯш бардоштан** аз ҳам чӣ фарқ доранд? Дар бораи амали неки касе нақл навиштан.

**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## §8.КОР БО МАТНҲО ВА ШАРҲИ ИМЛОИ Ӯ ВА У

**Салоҳиятҳо:**

10.1.3. Инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз.

Хонанда

– дар талаффуз ва навишт ҳарфи «ӯ»-и дарозро аз «у» фарқ карда метавонад;

– мавқеъ ва ҷойи «ӯ»-ро медонад ва дурусту бамавқеъ истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мавҷудияти ду ҳарфро барои ифодаи овози «у» нишон дода тавонистан;

– шиносномаи имлои «у» ва «ӯ»-ро таҳия карда тавонистан;

– бамаврид истифода бурдани «у» ва «ӯ» дар калимаву ибора

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Матнро хонда, шарҳ додан. **Бар дӯш бардоштан** ва **аз дӯш бардоштан** аз ҳам чӣ фарқ доранд? Дар бораи амали неки касе нақл навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матнҳо ва шарҳи имлои ӯ ва у**

**Ангезиши зеҳн.** 1. Донистани ҳарфи у аз ӯ чӣ аҳамият дорад?

2. Чаро баъзе калимаҳо ду тарзи навишт доранд?

**IV. Супориши 1: Водоркунӣ.** Калимаҳои додашударо ба сутунҳо ҷудо кардан:

Шӯъба, шуъба, шӯъла, шуъла, мӯъҷиза, муъҷиза, мӯътабар, муътабар, мӯҳтарам, муҳтарам, мӯҳлат, муҳлат, сӯҳбат, суҳбат, бӯҳрон, бухрон, кӯҳна, куҳна.

| Дуруст | Нодуруст |
|---|---|
| | |

**V. Супориши 2. Кор дар қаторҳо.**

**Қатори 1:** Ҳикояро возеҳ хонда маъноашро нақл кардан. Шарҳ додани он ки ба он кадом ном муносиб аст ва чаро? Ифодаи **ғута хӯрд -** ро шарҳ дода, навишти дурусти онро дар ёд нигаҳ доштан.

**Қатори 2:** Порчаи шеъриро хонда, маъноашро нақл кардан; ба он ном гузоштан; калимаҳои ишорашударо дуруст талаффуз карда, имлои онҳоро дар ёд доштан; шарҳи калимаҳо, кор бо луғат.

**Қатори 3:** Калимаҳоеро номбар кунед, ки бо иваз кардани *у* ба *ӯ* маънояшон тағйир меёбад.

• Арзёбии кори хонандагон

**VI. Мустаҳкамкунӣ.**

•Аз хонандагон пурсед, ки донистани фарқи у аз ӯ чӣ аҳамият дорад, хулосаашонро хаттӣ нависанд;

• Арзёбии кори хонандагон.

**VII. Вазифаи хонагӣ:** Матнро хонда, аз рӯйи мазмуну мундариҷааш ном гузоштан. Тақлидан ба он матне навишта, зарбулмасалеро чун асос интихоб кардан.

**VIII. Ҷамъбасти дарс.**

## §9. КОР БО МАТНИ ПРОТОКОЛ
## (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.1. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ аз рӯйи намунаи матни протокол.

Хонанда

– матни протоколро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;
– протоколҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
– матни протоколҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
– матни протоколро навишта метавонад.

Мақсадҳои дидактикӣ:

– мазмуни расмӣ доштани протокол ва иҷрои ҳатмии талаботи онро донистан;
– мавриди тартиб додани протоколро дарк кардан;
– тартиби таҳияи протоколро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
– фарқ кардани протокол аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Матнро хонда, аз рӯйи мазмуну мундариҷааш ном гузоштан. Тақлидан ба он матне навишта, зарбулмасалеро чун асос интихоб кардан.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни протокол

**Оғози дарс. Ангезиши зеҳн.**

Саволҳо:

1. Калимаи «протокол» чӣ маъно дорад?
2. Ҳадафи протокол аз чӣ иборат аст?
3. Протокол кай ва аз ҷониби кӣ навишта мешавад?
4. Протокол чанд навъ мешавад?

**IV. Супориши1: Кори дунафара.** Протоколи сода навишта, таркиби навиштани онро шарҳ додан. Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намудан.

| Мазмун | Меъёр | Норасоӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

**V. Супориши 2: Кор бо гурӯҳҳо.** Матни протоколи №4-ро хонда, хусусияти фарқкунандаи онро аз протоколи сода шарҳ додан. Протоколҳои муфассалро бодиққат хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки аз протоколҳои сода бо кадом хусусиятҳояшон фарқ мекунанд.

Протоколи № 4

маҷлиси созмони талабагии синфи 10 «А»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 00 ш.Панҷакент

аз «25» сентябри соли 2016 ш.Панҷакент

Раиси маҷлис: А.Холиқов

Котиб: И.Каримов

Иштирок карданд: 25 нафар

Рӯзномаи маҷлис:

1. Оид ба вазъи машғулияти забони тоҷикӣ дар синфи 10 (гузориши Қ.Каримов).
2. Ширкати хонандагон дар омодагии ҷашни Наврӯз.
3. Масъалаҳои ҷорӣ.

Шунида шуд:

Оид ба вазъи машғулияти забони тоҷикӣ дар синфи 10 омӯзгори фанни мазкур Қ.Қаюмов гузориш дод.

Мувофиқи андешаи ӯ вазъи машғулияти забони тоҷикӣ дар синфи 10 ташвишовар аст ва аксари хонандагон баҳои ғайриқаноатбахш доранд. Корҳои хаттии санҷишии навиштаи онҳо бисёр бад аст. Ахлоқ ва иштироки хонандагони синфи мазкур ба дарсҳо бад шудааст. К.Қаюмов нуқсонҳои зеринро дар фаъолияти хонандагон зикр кард:

1) аксари хонандагон нақшаи кор надоранд;
2) дар синф ҳамкории хонандагон ба роҳ монда нашудааст;
3) баъзе хонандагон дар машғулиятҳо ширкат намекунанд.

Дар хотима омӯзгор К.Қаюмов аз иштирокдорони маҷлис хоҳиш кард, ки ҳолати дар синф ба вуҷудомадаро муҳокима кунанд ва тадбирҳо андешанд.

Баромад карданд:

Ҳошимов М. (масъули бахши таълим) қайд кард, ки ҳайати бахши таълим дар синф бо хонандагони сустхон кор намекунад, машваратҳо намегузаронад, нақшаи кор надорад, ҳамкорӣ ягон бор муҳокима нашудааст.

Исматова Н. дар баромади худ зикр кард, ки ба дарсҳо наомаданаш ба сабаби касалӣ аст. Ӯ хоҳиш кард, ки машғулияти инфиродӣ ташкил карда шавад.

Роҳбари синф низ мулоҳизаҳояшро баён кард.

Қарор карда шуд:

1) Ҳайат (комиссия) дар муддати як ҳафта нақшаи кор ва роҳҳои расонидани ёрӣ ба хонандагони сустхонро таҳия намоянд (мутасаддӣ С.Камолов).
2) Бо қувваи хонандагон даҳлезҳо таҷҳизонида шаванд (мутасаддӣ Ҳ.Ҳафизов).
3) Нашри навбатии рӯзномаи мактаб ба роҳ монда шавад (мутасаддӣ У.Аминов).
4) Чанд саҳначаи ахлоқӣ таҳия карда шавад (мутасаддӣ Шеров У.).

• Хулосаи хонандагон навишта мешавад.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Матни протоколро аз назар гузаронед ва онҳоро ба қисмҳо ҷудо кунед.
2. *Шунида шуд* ва *қарор карда шуд* чӣ гуна феълҳоянд?
3. Хусусиятҳои фарқкунандаи протокол аз дигар ҳуҷҷатҳо дар чист?
4. Кадом аломати китобат дар протокол истифода шудаанд?
5. Чаро дунуқта дар протокол бештар истифода шудааст?
6. Протокол муфассал аст ё сода?




**VII.** Муаррифии гурӯҳҳо.
• Саволҳо доир ба мавзӯъ.
**VIII. Вазифаи хонагӣ:** Навиштани протоколи муфассали маҷлиси синфӣ.
**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## §10. КОР БО МАТНИ ПРОТОКОЛ
## (дарси 4)

**Салоҳиятҳо:**
10.2.1. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои хаттӣ аз рӯйи намунаи матни протокол.
Хонанда
- матни протоколро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;
- протоколҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
- матни протоколҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
- матни протоколро навишта метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
- мазмуни расмӣ доштани протокол ва иҷрои ҳатмии талаботи онро донистан;
- мавриди тартиб додани протоколро дарк кардан;
- тартиби таҳияи протоколро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
- фарқ кардани протокол аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.
**Равиши дарс**
**I.Ташкили дарс:**
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.
**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани протоколи муфассали маҷлиси синфӣ.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни протокол**
**Оғози дарс. Ангезиши зеҳн.**
Саволҳо:
1. Калимаи «протокол» чӣ маъно дорад?

2. Ҳадафи протокол аз чӣ иборат аст?
3. Протокол кай навишта мешавад ва кӣ менависад?
4. Протокол чанд навъ мешавад?

**IV. Супориши 1:** Хусусиятҳои протоколро дар хӯша нишон дода шарҳ додан.




**V. Супориши 2:** Намунаи протоколро хонда, таркиби онро шарҳ додан.

**Протоколи №5**

маҷлиси умумии созмони талабагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 ш.Ваҳдат

аз 10 майи соли 2016 ш.Ваҳдат
Иштирок карданд: 32 нафар (рӯйхат замима мегардад)
Раиси маҷлис: А.Раҳимов
Котиб: К.Шокиров

Рӯзномаи маҷлис:
1. Корҳои фарҳангию иҷтимоии хонандагон дар байни аҳолӣ.
2. Қабули хонандагон ба узвияти созмони талабагӣ.
3. Масъалаҳои ҷорӣ.

Шунида шуд:

Оид ба корҳои фарҳангию иҷтимоии хонандагон дар байни аҳолӣ (гузориш замима мегардад).

Қарор кард:

1) Гузаронидани шаби адабӣ бахшида ба Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода.
2) Баромади дастаи худфаъолиятии хонандагон.
3) Ташкил ва гузаронидани чорабинӣ (масъулон Л.Гадоев, Ш.Сабзаев, К.Латифова, С.Саидов.)
4) Таҳияи фотомонтаж ва дар даҳлез насб кардани он то бегоҳ (мутасаддиён С.Калонов, С.Камолов.)

Дар асоси аризаи Л.Насимова
шунида шуд:

а) С.Неъматов: Латофат Насимова хонандаи фаъол буда, бо баҳои аъло мехонад. Дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ ширкат меварзад. Ба ҳамаи фанҳои таълим шавқ дорад. Ягона камбудии ӯ ҳамин аст, ки дар дарсҳо гап мезанад ва ба рафти машғулият халал мерасонад. Ман тарафдор. Танҳо мехостам, ки Латофат дар назди хонандагон баромад карда ваъда диҳад, ки ин корашро дигар такрор намекунад.

б) М.Раҷабов: Латофат духтари басо аҷиб аст. Ба ҳамаи ҳамсинфон дар вақти зарурӣ ёрӣ мерасонад. Масалан, ман бо сабаби касалӣ чанд муддат ба дарс намерафтам. Ӯ бегоҳиҳо омада, ба ман кумак мерасонд. Ба шарофати Латофат ман дарсҳоро фаро гирифтам ва имтиҳонҳоро бомуваффақият супоридам. Пешниҳод мекунам, ки Латофат Насимова ба узвияти Созмони талабагӣ пазируфта шавад.

в) Н.Ҳасанов: Латофат ба ҳамаи ҳамсинфон дасти ёрӣ дароз мекунад. Пешниҳод мекунем қабул карда шавад.

Қарор карда шуд:

Хонандагони синфи 7 «А»: Латофат Насимова ба узвияти созмони талабагӣ қабул карда шавад.

Шунида шуд:

2.Аризаи хонандаи синфи 7 «А» Л.Сафоев шарҳи ҳол ва тавсия барои қабул ба узвияти Созмони талабагӣ.

Ҳангоми муҳокимаи аризаи Л.Сафоев баромад карданд:

а) Ф.Зарифов: Л.Сафолов – хонандаи пешқадам. Ӯ ба ақибмондагон ёрӣ мерасонад, обрӯйи мактабро ҳимоя мекунад. Мо бо хушнудӣ қабули ӯро ба узвияти Созмони талабагӣ тарафдорӣ мекунем.

б) С.Қодирӣ: Л.Сафоев хонандаи хуб, фаъол буда, махсусан ба варзиш шавқ дорад. Камбудиаш ҳамин аст, ки кам китоб мехонад. Аз баъзе фанҳо баҳои «се» дорад.

в) Муовини директор оид ба тарбия Ш.Шодиев: Ба назарам Л.Сафоев аз ин корҳо ба хулоса меояд ва муносибатро ба таълим ҷиддӣ менамояд. Ман тарафдорам, ки Л.Сафоев ба узвият қабул карда шавад.

г) Л.Сафоев: Ман ваъда медиҳам, ки эродҳои зикршударо ба инобат мегирам ва хуб мехонам.

Қарор карда шуд:

Хонандаи синфи 7 «А» Л.Сафоев ба узвияти Созмони талабагӣ қабул карда шавад.

Шунида шуд:

Ахбори мудири китобхона Ҳ.Ҳамидова дар бораи ташаббуси хонандагони синфи 7 «А» оид ба гузаронидани конференсия аз рӯйи «Ривояти суғдиён»-и С.Улуғзода. Бисёр хуб мешавад, ки ҳама фаъолона ширкат намоянд. Конференсия охирҳои моҳи апрел доир мегардад.

Қарор карда шуд:

Ахбор оид ба гузаронидани конференсия ба инобат гирифта шуда, тавсия дода мешавад, ки ин китобро хонда фаъолона ширкат намоянд.

| | |
|---|---|
| Раиси маҷлис | Я.Раҳимов |
| Котиб | К.Шокиров |

**VI. Супориши 3:** Таҳияи протокол дар гурӯҳҳо.

Гурӯҳи 1. Протоколи маҷлиси созмони талабагии синфи 9[а].
Гурӯҳи 2. Протоколи маҷлиси волидони мактаб.
Гурӯҳи 3. Протоколи маҷлиси умумии духтарон.

**VII.Супориши 4:** Варақҳои худро бо гурӯҳи дигар иваз карда, ба он иловаҳо ворид кардан.

• Муаррифии гурӯҳҳо.

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Таҳияи нақшаи матни протоколи муфассал.

• Саволҳо доир ба мавзӯъ.

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Навиштани протоколи муфассал аз маҷлиси умумии хонандагони мактаб.

**X. Ҷамъбасти дарс.**

# IV.ҲОДИСАҲОИ ФОНЕТИКӢ (ОВОӢ)
## §11. ТАШДИДИ ОВОЗҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.4. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Хонанда

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;

– дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;

– ҳодисаҳои фонетикиро шарҳ медиҳад.

10.1.6. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Хонанда

– низоми овозҳои садонок ва ҳамсадоро медонад;

– афтидани овозҳоро дар талаффуз медонад;

– ҳамсадоҳоеро, ки дар талаффуз меафтанд, муайян менамояд,

– ҷойивазкунии овозҳоро дар талаффуз пай мебарад ва дар хат беғалат менависад,

– мавқеи задаро дар забони тоҷикӣ медонад, дар талаффуз онҳоро риоя мекунад;

– гурӯҳи калимаҳои безадаро номбар мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– калимаҳои ташдидорро аз матн ҷудо карда тавонистан;

– фарқи калимаҳои ташдидорро аз дигар калимаҳо шарҳ дода тавонистан;

– дар нутқи хаттӣ имлои калимаҳои ташдиддорро риоя карда тавонистан;

– малакаҳои талаффузӣ ва имлоиро такмил бахшидан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани протоколи муфассал аз маҷлиси умумии хонандагони мактаб.

• Баррасии кори хонандагон дар ҷадвал:

| Мазмун | Меъёр | Норасоӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**Баёни мавзӯи нав.** Ҳодисаҳои фонетикӣ (овоӣ) ташдиди овозҳо

**III. Оғози дарс. Ангезиши зеҳн.**

- Оид ба ҳодиаҳои фонетикӣ чӣ медонед?
- Ташдиди овозҳо гуфта чиро дар назар дорем?
- Шумо аз ин дарс чиро интизоред?
- Чиро донистан мехоҳед?

**IV. Супориши 1: Кори дунафара.** Кор бо машқҳо аз китоби дарсӣ.

- Калимаҳои ҳарду сутунро хонда, ба якдигар муқоиса кардан; фарқи онҳоро шарҳ додан; бо ҳар кадоми онҳо ҷумла тартиб додан:

| | |
|---|---|
| Акка – ака | Занн – зан |
| Дарро – даро | Садд – сад |
| Курра – кура | Сирр – сир |
| Модда – мода | Дурр – дур |
| Қассос - қасос | |

• Задаро дуруст гузошта, калимаҳоро хондан. Фарқи онҳоро аз ҷиҳати маъно шарҳ додан: даррав – дарав, маккон- макон, маккор- макор, хуррам – хурам.

***Дар хотир доред:***

Ташдид як ҳодисаи фонетикӣ аст. Таваққуфи тӯлонӣ рӯйи як овози ҳамсадоро ташдид меноманд. Ҳарферо, ки ташдид бигирад, мушаддад мегӯяд. Ташдид дар калимаҳои аслии тоҷикӣ камтар, вале дар калимаҳои иқтибосии арабӣ бештар аст.

*Акка, арра, барра, бутта, васса, дакка, калла, курра, палла, пурра, фалла, хуррам, малла, музаффар, мудаввар, таваллуд, тасаввур, табассум, қассоб, ҷарроҳ, аттор ва ғайра.*

Дар натиҷаи пайвасти ду морфема ҳамсадоҳо ду бор навишта мешаванд, ки онҳоро ҳамсадоҳои такрор мегӯянд. Талаффузи чунин калимаҳо аз ташдид фарқ мекунад: *шаббода, мактаббача.*

**V. Супориши 2: Кор дар гурӯҳҳо.** Машқҳои шифоҳӣ

**Гурӯҳи 1:** Матнро хонед ва баъд мазмуни онро нақл кунед. Ҷумлаҳоеро, ки калимаҳояшон ташдид доранд, нависед ва имлои онҳоро дар хотир нигаҳ доред.

**Гурӯҳи 2:** Калимаҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

| I | II | III |
|---|---|---|
| Чакка | тараққос | акка |
| чилла | бурро | барра |
| якка | хуррок | бутта |
| каллак | заррин | калла |
| бурранда | хиррӣ | ғурриш |

**Гурӯҳи 3:** Хонда дуруст ё нодуруст будани имлои калимаҳоро дар сутунҳо шарҳ додан.

| **Дуруст** | **Нодуруст** |
|---|---|
| Аввом | авом |
| Айёр | аёр |
| Ақаллан | аққалан |
| Мутаваҷҷеҳ | мутаваҷеҳ |
| Мутакаббир | мутакабир |
| Ақалият | аққалият |
| Нубуват | қиммат |
| Қисса | нубувват |
| Такон | қиса |
| Чинӣ | таккон |
| Одӣ | чинни |
| | оддӣ |

**Гурӯҳи 4:** Калимаҳои зеринро истифода бурда иборaҳо созед, ки дар онҳо ҳамсадоҳо ташдид шаванд. Дар кадом ҳолат дар ин калимаҳо ташдиди ҳарф сурат мегирад?

| | |
|---|---|
| мад | син |
| фан | сад |
| рад | ҳал |

| | |
|---|---|
| зид | дур |
| сир | ҷид |
| ҳақ | кул |

**Гурӯҳи 5:** Порчаҳоро хонед ва ҳар яки онро маънидод кунед. Сабаби ин шакли навишт гирифтани калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Магар ин тарзи навишти калимаҳои ишорашуда ба қоидаи имло мувофиқат мекунад?

**Гурӯҳи 6:** Калимаҳои машқи 42-ро истифода бурда, ибораҳо сохтан; сабаби дар ин калимаҳо ба вуҷуд омадани ташдидро шарҳ додан.

**VI. Супориши 3**: Ҳалли машқҳои шифоҳӣ дар гурӯҳҳо:

1: Калимаҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кардан; ба воситаи кадом пасвандҳо сохта шудани калимаҳои сутуни 1 ва 2-юмро муайян кардан; калимаҳоро интихобан истифода бурда, ҷумла тартиб додан.

*Гоҳо, зимом, зинат, киса, мижа, малол, одӣ, сода, ҳила, макру ҳила, тазод.*

2: Бар асоси талаффуз муайян кардани дурустии калимаҳо ва мутаносибан дар гурӯҳҳо ҷо додани онҳо.

| **Талаффуз** | **Навишт** |
|---|---|
| | |

**4:** Калимаҳоро аввал хонед ва баъд нависед. Гӯед, ки онҳо аз кадом забон иқтибос шудаанд? Имлояшонро ба хотир гиред.

| | | |
|---|---|---|
| аббос | вассоф | миллат |
| аввал | даллол | музаффар |
| аммо | зимма | шаффоф |
| аттор | иддао | таманно |
| баққол | қисса | таҷассум |

5. Машқро хонда, мазмуни онро нақл кардан; ҷумлаҳоеро, ки калимаҳояшон ташдид доранд, навишта, имлои онҳоро дар хотир нигоҳ доштан.

**6.** Калимаҳоро навиштан ва баъд бар асоси талаффуз муайян кардани дурустии онҳо дар имло.

*Гоҳо, зимом, зинат, киса, мижа, малол, одӣ, сода, ҳила, макру ҳила, тазод.*

**VII. Мустаҳкамкунӣ.** Навиштан ва шарҳ додани сабаби ташдид гирифтани ҳамсадоҳо дар калимаҳо. Бо чанде аз онҳо ҷумлаҳо тартиб додан. Аз рӯи мазмун дар ду сутун ҷо додани калимаҳо.

*Ҷаҳоннамо, оббозӣ, шаббода, каммева, каммаҳсул, ҷигарранг, серранг, яххона, кабккабоб, каммузд, маҳиннах.*

| **Ташдид** | **Такрор** |
|---|---|
| | |

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Калимаҳоеро, ки дар онҳо овозҳо ташдид шудаанд, ёбед ва аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед. Шумо низ тақлидан ба мазмуни матн лавҳачае таҳия кунед, ки шоми деҳаатон тасвир шуда бошад.

**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## §12. МОНАНДШАВИИ ОВОЗҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.4. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Хонанда

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;

– дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;

– ҳодисаҳои фонетикиро шарҳ медиҳад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– бо ҳодисаҳои фонетикӣ бештар шиносоӣ пайдо кардан;

– ба талаффузу навишт ва монандшавии овозҳо дар нутқи шифоҳӣ ва инъикоси онҳо дар хат таваҷҷуҳ зоҳир кардан;

– вобаста ба монандашавии овозҳо мисолҳо овардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Матнро хонед ва мазмуни онро накл кунед. Калимаҳоеро, ки дар онҳо овозҳо ташдид шудаанд, ёбед ва аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед. Шумо низ тақлидан ба мазмуни матн лавҳачае таҳия кунед, ки шоми деҳаатон тасвир шуда бошад.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Монандшавии овозҳо

**Оғози дарс. Ангезиши зеҳн**

- Дар бораи ҳодисаҳои фонетикӣ чиро медонед?

- Монандшавии овозҳо гуфта, чиро дар назар дорем?

**IV. Супориши 1:** Калимаҳои машқи 46-ро хонда, ба талаффузи онҳо аҳамият додан. Ҳангоми талаффуз чӣ ҳодиса аён гашт? Калимаҳоро ба гурӯҳҳои зерин навиштан:

| Навишт | Талаффуз |
|---|---|
| Шанбе<br>Бадтар<br>Садто | Шамбе<br>Баттар<br>сатто |

***Дар хотир доред:*** дар ҷараёни нутқ, ҳодиса аз ягон ҷиҳат ё комилан монанд шудани овозҳои нутқ рӯй медиҳад, ки онро монандшавӣ мегӯянд.

Калимаҳои зерин ин тарз талаффуз мешаванд: *шамбе, замбӯр, замбар, чамбар,* вале чунин навишта мешаванд: *шанбе, занбӯр, занбар, чанбар*.

Вожаҳои *бадтар* ва *садто* ба шакли *баттар* ва *сатто* талаффуз мешаванд.

**IV. Супориши 2: Кори дунафара.** Калимаҳои ҳарду сутуни машқи 47-ро хонда, онҳоро шарҳ додан; онҳоро мутаносибан ба ду сутун ҷудо кардан; бо истифода аз калимаҳо ҷумла тартиб додан.

| Талаффуз | Навишт |
|---|---|
| Маскур | Мазкур |

**Намуна:** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сиёсати маорифпарваронаро пеш мебарад.

**V. Супориши 3:** Чистони машқи 48-ро бодиққат хонда, ҷавобашро пайдо кардан; ҳодисаҳои фонетикиро муайян кардан; ба саволу супоришҳои матн ҷавоб додан.

**VI. Супориши 4: Кор дар гурӯҳҳо.** Ҳалли машқҳо.

Гурӯҳи 1. Ҳикояи машқи 49-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Калимаҳое, ки дар онҳо ҳодисаҳои фонетикӣ дучор мешаванд, шарҳ додан. Кор бо луғат. Хулосаи худро навиштан.

Гурӯҳи 2. Матни машқи 50-ро хонда, мазмуни онро мухтасар нақл кардан; ҳодисаҳои фонетикиро муайян карда, имлои онро шарҳ додан; ба оҳанги хониши ҷумлаҳои чидааъзо диққат додан; номбар кардани ҷашнҳои миллӣ.

**VII. Мустаҳкамкунӣ. Супориши 4:** Калимаҳои зеринро аз рӯи имло мутаносибан ба ду сутун ҷудо кардан.

*Ҷунбиш, мақсад, тақсим, танбал, дегча, аз сар хонд, обфуро.*

| Навишт | Талаффуз |
|---|---|
| Ҷунбиш | Ҷумбиш |
| Мақсад | Махсад |
| Тақсим | Тахсим |
| Танбал | Тамбал |
| Дегча | Декча |
| Аз сар хонд | Ассар хонд |

• Арзёбии кори хонандагон

**VIII. Ҷамъбаст.** Шумо аз ин дарс чиро омӯхтед?

**IX. Эълони баҳо**

**X. Вазифаи хонагӣ.** Дар бораи ягон ҷашни миллӣ нақл навиштан.

## §13. ҶОЙИВАЗКУНИИ ОВОЗҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.4. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Хонанда

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;

– дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;

– ҳодисаҳои фонетикиро шарҳ медиҳад.

Хонанда

– низоми овозҳои садонок ва ҳамсадоро медонад;

– ҷойивазкунии овозҳоро дар талаффуз пай мебарад ва дар хат беғалат менависад,

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– бо ҳодисаҳои фонетикӣ бештар шиносоӣ пайдо кардан;

– ба талаффузу навишт ва ҷойивазкунии овозҳо дар нутқи шифоҳӣ ва инъикоси онҳо дар хат таваҷҷуҳ зоҳир кардан;

– вобаста ба ҷойивазкунии овозҳо дар калима мисолҳо овардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар бораи ягон ҷашни миллӣ нақл навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Ҷойивазкунии овозҳо**

**Ангезиши зеҳн.**

- Ҷойивазкунии овозҳо чӣ гуна ҳодиса аст?
- Оё ҷойивазкунии овозҳо ба имлои дурусти калимаҳо таъсир мерасонад?
- Дар кадом навъи нутқ ин ҳодиса бештар рух медиҳад?

**IV. Супориши 1:** Калимаҳои машқи 51-ро хонда шарҳ додан; дурусташ кадом буд? Ҳоло дар кадом шакл истифода мешаванд?

қулф - қуфл
кифт - китф
сурфа - суфра
маҳсӣ - масҳӣ
авф - афв

**V. Супориши 2:** Дар калимаҳои зерин ҷойивазкунӣ дар кадом овозҳо дида мешавад? Он дар кадом навъи нутқ рух медиҳад?

| | |
|---|---|
| Ҳалво – ҳавло | Гавҳар – гаҳвар |
| Дарё – дайро | Лоиҳа – лоҳия |
| Ҷумъа – | Аҳвол - авҳол |
| Ҷамъ – ҷаъм | |

***Дар хотир доред:*** Ҷойивазкунӣ ҳодисаи овозиест, ки ду овози ҳамсоя ҷойи якдигарро иваз мекунанд ва ин ба сода талаффуз кардан алоқаманд аст. Бо мурури замон баъзе аз онҳо ҷойи навишти дурусти калимаҳоро танг мекунанд.

**VI. Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳо. Ҳалли машқҳо.** Аҳамият диҳед, ки дар матнҳо ягон ҳодисаи овоӣ ба чашм мерасад.

**Гурӯҳи 1:** Иҷрои машқи 54. Матнро бодиққат хонед. Ҳикмати он дар чист? Хулосаатонро нависед. Калимаҳои ишорашударо бори дигар талаффуз кунед ва матлабро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2:** Иҷрои машқи 55. Матнро хонед ва гӯед, ки чӣ натиҷа бардоштед? Шумо низ аз матн илҳом гирифта, дар бораи шахси машҳуре лавҳае тартиб диҳед. Ҳангоми навиштан кӯшиш кунед, ки ба ғалат роҳ надиҳед.

**Гурӯҳи 3:** Иҷрои машқи 59. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки дар он доир ба кадом фасли сол сухан меравад? Дар хусуси як лаҳзаи фараҳбахши баҳор лавҳачае тартиб диҳед.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Иҷрои машқи 53. Калимаҳоеро ёбед, ки дар онҳо ҷойивазкунии овозҳо вуҷуд дошта бошад. Онҳоро нависед ва муҳокима кунед.

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 61. Ҳикояро хонед ва нақл кунед. Ба талаффуз ва навишти калимаҳое, ки ӯ , ӣ доранд, диққат диҳед ва онҳоро аз ҷиҳати сохт муайян намоед. Дар кадом сарсатр лутфи сухан дида мешавад? Онро шарҳ диҳед. Бо лутф сухан гуфтан чӣ аҳамият дорад, хулосаатонро нависед.

**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## §14. БАДАЛШАВИИ ОВОЗҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.4. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Хонанда

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– бо ҳодисаҳои фонетикӣ бештар шиносоӣ пайдо кардан;

– ба талаффузу навишт ва бадалшавии овозҳо дар нутқи шифоҳӣ ва инъикоси онҳо дар хат таваҷҷуҳ зоҳир кардан;

– вобаста ба бадалшавии овозҳо мисолҳо овардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади дарси имрӯза.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 61. Ҳикояро хонед ва нақл кунед. Ба талаффуз ва навишти калимаҳое, ки ӯ , ӣ доранд, диққат диҳед ва онҳоро аз ҷиҳати сохт муайян намоед. Дар кадом сарсатр лутфи сухан дида мешавад? Онро шарҳ диҳед. Бо лутф сухан гуфтан чӣ аҳамият дорад, хулосаатонро нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Бадалшавии овозҳо.**

**IV. Супориши 1: Кори дунафара.** Калимаҳои зеринро хонда бадалшавии овозҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар асосҳои феъл чӣ мушоҳида гардид?

| | |
|---|---|
| Бурд – бар | Ҷуй – ҷуст |
| Пухт – паз | Шӯй – шуст |
| Дӯхт – дӯз | Ков – кофт |
| Сӯхт – сӯз | Кӯб – кӯфт |
| Сохт – соз | Тоб - тофт |

***Дар хотир доред:*** Ҳодисаи ба ҳамдигар табдил шудани овозҳои таркиби як морфемаро бадалшавӣ мегӯянд. Ҳамаи бадалшавиҳо ба шароити гуногуни фонетикӣ алоқамананд. Бадалшавии овоз бо мурури замон ба ҳодисаи мустақил табдил ёфта, аз рӯи анъана сурат мегирад.

• Ду навъи бадалшавӣ: анъанавӣ ё таърихӣ ва бадалшавии зинда мавҷуд аст, ки онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Бадалшавии таърихӣ дар хат ифода мешавад, аммо бадалшавии фонетикӣ аз ин ҳуқуқ маҳрум аст

**V. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ**. Ҳалли машқҳо.

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 56. Калимаҳои зерро хонед ва нависед. Ба талаффузи онҳо таваҷҷуҳ намоед. Магар овозҳо бадал мешаванд? Агар чунин аст, шарҳ диҳед. *Иқтисод, вақт, нақша, мақсуд, тақсир, тақсим, тақдир, нақд, мазкур, себча.*

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 57. Калимаҳои ҳар ду сутунро нависед ва фарқи маъноии онҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки тафовут ба чӣ вобаста аст? Чаро калимаҳо дар сутуни аввал якҷо ва дар сутуни дуюм ҷудо навишта шудаанд?

| | |
|---|---|
| инсон | ин сон |
| чормағз | чор мағз |
| мардикор | марди кор |
| чорсӯ | чор сӯ |
| номанавис | нома навис |

ҳамин ҳам ин
чунин чун ин

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 60. Порчаҳоро ифоданок хонед ва мавзӯи онҳоро муайян кунед. Дар ин порчаҳои шеър кадом ҳодисаҳои фонетикӣ ба назар мерасанд?

• Арзёбии кори гурӯҳҳо.

**VI. Ҷамъбаст.** Шумо аз ин дарс чиро омӯхтед?

**VII. Эълони баҳо**

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 58. Байтҳоро хонед ва нависед. Онҳоро шарҳ диҳед. Ифодаҳои ишорашуда аз ҷиҳати маъно фарқ доранд ё не? Тарзи дурусти навишти онҳоро дар хотир нигаҳ доред.

## §15. БАДАЛШАВИИ ОВОЗҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.4. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

Хонанда

– мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;
– дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;
– ҳодисаҳои фонетикиро шарҳ медиҳад.
– низоми овозҳои садонок ва ҳамсадоро медонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– бо ҳодисаҳои фонетикӣ бештар шиносоӣ пайдо кардан;
– ба талаффузу навишт ва бадалшавии овозҳо дар нутқи шифоҳӣ ва инъикоси онҳо дар хат таваҷҷуҳ зоҳир кардан;
– вобаста ба монандашавии овозҳо мисолҳо овардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 58. Байтҳоро хонед ва нависед. Онҳоро шарҳ диҳед. Ифодаҳои ишорашуда аз ҷиҳати маъно фарқ доранд ё не? Тарзи дурусти навишти онҳоро дар хотир нигаҳ доред.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Бадалшавии овозҳо

**IV. Супориши 1:** Калимаҳои машқи 66-ро хонда, бадалшавии овозҳоро шарҳ дода, дар ду сутун навиштан:

| **Навишт** | **Талаффуз** |
|---|---|
| Мазкур | Маскур |
| Тазкира | Таскира |
| Зудтар | Зуттар |
| Себча | Сепча |

*Дар хотир доред:* Ду навъи бадалшавии овозҳо ҷой дорад: бадалшавии ҳамнишинӣ ва бадалшавии мавқеӣ.

а)Бадалшавии ҳамнишинӣ дар натиҷаи мувофиқати фонемаҳои ҳамнишин ба вуҷуд меояд. Дар бадалшавӣ фонемаҳо аз рӯи чор аломат: кори садопардаҳо, узви

овозсоз ё махраҷи овозсозӣ, тарзи ташаккул ва вазъияти пардачаи ком сурат мегирад.

**V. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Калимаҳоро хонда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан. Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 67. Калимаҳоро аввал хонед ва пас аз дуруст муайян кардани дурусти имлояш нависед.

| Дуруст | Нодуруст |
|---|---|
| Аз сар<br>Калид қатӣ | Ассар<br>Калит қати |

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 68. Ифодаҳои ҳар ду сутунро навишта, фарқашонро шарҳ додан. Интихобан ҷумла тартиб додан.

боз кун (бос кун) пас (паз) гирифт
бод кард (бот кард) пеш (пеж) бурд
сад кас (сат кас) хок (хог) гирифтан
чок (чог) дӯхтан

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 69. Мисолҳои ҳар ду сутунро хонда, ба талаффузи онҳо диққат додан. Бадалшавии ҳамсадоҳоро вобаста ба мавқеъ шарҳ додан.

касб (касп) иқтисод (ихтисод)
кабуд (кабут) вақт (вахт)
лагад (лағат) нақша ( нахша)
санҷид (санҷит) тақсим (тахсим)
калид (калит) нақд (нағд)
сабад (сабат) мақсад (махсад)

• Арзёбии кори гурӯҳҳо.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.**

• Кор бо саволномаҳо.

**VII. Вазифаи хонагӣ:** Калимаҳоеро ёбед, ки дар онҳо бадалшавии овозҳо вуҷуд дошта бошад.

**VIII. Ҷамъбасти дарс ба тариқи саволу ҷавоб (**Шумо аз ин дарс чиро омӯхтед?)

## §16. ИМЛОИ САНҶИШ

### Таассуроти фаромӯшнашаванда

Чанд вақт боз ману дугонаам Мавҷуда мақсад доштем, ки ба тамошои нақби Данғара, ба шаҳраки навбунёди Себистон равем. Ин мақсади мо дирӯз амалӣ гашт. Ҳангоми ба назди нақб расидан дидем, ки одамони бисёре синаи кӯҳи азимро сӯрох карда, барои оби Вахшро ба заминҳои ташналаби водии Данғара ҷорӣ намудан меҳнат мекунанд.

Амаки Мавҷуда Назирамак дар ин ҷо бетонрез шуда кор мекардааст. Ӯ ба мо роҳбаладӣ карда, аз оянда ва дирӯзаи деҳаи Себистон ҳикоя кард. Себистон пеш як деҳаи назарногир буд. Дар он ҳамагӣ 30-40 хонавода истиқомат дошт. Мардуми деҳа, асосан, ба чорводорӣ машғул буданд. Имрӯз бошад, деҳа дар муддати кӯтоҳ ба шаҳрчаи сераҳолӣ табдил ёфт. Шаҳрча номи кӯҳи Себистонро гирифт, чунки дар доманаи он ҷой гирифтааст. Ба ин ҷо аз тамоми гӯшаю канорҳои Ватани бузургамон одамон омадаанд. Дар шаҳрак имрӯз намояндагони бисёр миллатҳо кор ва зиндагӣ мекунанд. Аз меҳнати онҳо Себистон торафт ободу зебо мешавад. Ҳоло дар ин ҷо хонаҳои ду-сеошёна, мактаби миёна, магазину ошхона, клуб ва ғайра қомат рост кардаанд. Кӯчаҳо ҳама асфалтпӯшанд.

Аз нақли Назирамак дар Себистон бисёр чизҳоро донистем. Баъди аз назар гузаронидани нақб мо ба тамошои шаҳр баромадем. Тамошои нақби Данғара ва

шаҳраки Себистон ба ману дугонаам таассуроти фаромӯшнашаванда боқӣ гузошт. (199 калима) аз «Машъал».

## §17. КОР БО МАТНИ САНАД
## (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.3. Дарк, баҳодиҳӣ ба матн, матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни санад.

Хонанда

– матни санадро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;

– санадҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

10.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни санад.

Хонанда

– матни санадҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– санад навишта метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳадаф ва мавриди таҳияи санадро дарк карда тавонистан;

– фарқ кардани санад аз дигар асноди меъёрӣ;

– санад таҳия кардан дар мавридҳои гуногун.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Калимаҳоеро ёбед, ки дар онҳо бадалшавии овозҳо вуҷуд дошта бошад.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни санад**

**Ангезиши зеҳн:**

• Санад чӣ гуна ҳуҷҷат аст, медонед?

• Шумо боре санадро дида ё хондаед?

**IV. Супориши 1:** Иҷрои машқи 62. Порчаро бонавбат хонед ва хусусиятҳои санадро муайян кунед.

Санад (акт). Ҳуҷҷате, ки дар он ҳайати махсус таъйиншуда ё шахси ҷудогонаи соҳибмансаб ягон воқеа ё далели ҳаёт ва фаъолияти идораҳо ё шаҳрвандонии ҷудогонаро тасдиқ мекунад, санад ном дорад.

Санадҳо дар натиҷаи санҷиши идораҳо ё фаъолияти ҷудогонаи соҳибмансаб, дар вақти қабули сохтмонҳои нав озмоиши маҳсулоти нав ва ихтироот, ҳангоме ба роҳбари нав супоридани корҳо ва молу мулки идора ё корхона, дар мавриди аз рӯйхат баровардани асбобу анҷоми вайрон ё сарфшуда, аз байн бурдани ҳуҷҷатҳо, дар ҳолати ошкор шудани камбудӣ ё нуқсони маводди гаронбаҳо, ҳини муқаррар сохтани далелҳои вайронкунии қарорҳои ҳукумат ва қонунҳо ва ғайра тартиб дода мешаванд.

Тартиби навиштани санадҳо ва мазмуни онҳо ба мазмун ва ҳолатҳои он далелу ҳодисаҳое, ки дар ин ҳуҷҷат равшан карда мешаванд, вобаста аст.

Дар санад на танҳо фаъолияти муассиса сабт мегардад, балки ҳангоми зарурат хулосаю пешниҳодот низ зикр мешавад. Ҳайат баъди таҳия муассисаи манфиатдорро бо мазмуни санад ошно месозад.

Ҳамаи санадҳо (актҳо) бояд қисмҳои асосии онро фаро бигиранд. Ҷузъҳои асосии санад инҳоанд:

а) номи санад;
б) ҷойи (маҳалли) таҳияи санад;
в) таърихи таҳияи санад;
г) вазифа, ному насаби таҳиякунандаи санад;
д) матни санад;
е) пешниҳодот (дар мавриди зарурат);
ж) имзои раиси ҳайат ва аъзои он.

Дар баъзе санадҳо гоҳо ададу миқдори саҳифаҳо зикр мегарданд. Вожаи «санад» дар байни сатр ҷой дода шуда, поёнтар, аз тарафи чап сана ва аз тарафи рост маҳалли тартиб додан зикр мегардад.

Аз тарафи чап ному вазифаҳои имзокунандагони санад ва аз тарафи рост ному насаб меояд. Санад аз рӯйи зарурат дар чанд нусха тартиб дода мешавад ва зикр мешавад, ки чанд нусха таҳия шудааст.

Баъзан ба ҷойи санад вожаҳои *акт, таъйиднома* ва ғайраҳо истифода мешаванд, вале мувофиқтар санад аст.

**Савол ва супориш:**

1. Санад кай таҳия карда мешавад?
2. Тартиби ҷузъҳои санадро номбар кунед.
3. Ба ҷойи «санад» боз кадом калимаҳо истифода мешаванд?

**V. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 63. Санадҳои зеринро хонед ва аниқ созед, ки санад дар кадом мавзӯъҳо навишта мешаванд? Ба ин монанд санадҳо тартиб диҳед:

**Гурӯҳи 1:**

Санад

аз «30» январи соли 2017 н.Рашт

Мо, имзокунандагон, кормандони муассисаи таҳсилоти умумии № н.Рашт дар ҳайати зерин: мудири хоҷагӣ А.Ғайратов, омӯзгори фанни математика Ғ.Шоев ва аловмон Р.Тешаев санади мазкурро таҳия кардем дар ин хусус ки, ҳақиқатан, дар моҳи феврали соли 2016 4,0 тонна ангишт ва 0,6 тонна ҳезум сарф карда шудааст.

Санад дар ду нусха тартиб дода шуд.

Мудири хоҷагӣ А.Ғайратов
Омӯзгори фанни математика Ғ.Шоев
Аловмон Р.Тошев

**Гурӯҳи 2:**

**Санади**

бозрасии хазинаи китобхонаи бачагонаи шаҳри Хуҷанд

аз «26» январи соли 2016 ш.Душанбе

Дар асоси фармоиши мудири китобхона, ки таҳти № 35 ба таърихи 25 январи соли 2011 ба тавсиб расидааст, комиссия иборат аз раис-сармуҳосиб Ҳакими Раҳим ва аъзо-муҳосибон Саодат Салимова ва Зебӣ Қаландарова хазинаи китобхонаи бачагонаи ш.Хуҷандро бозрасӣ намуд. Баррасӣ дар ҳузури хазинадори китобхона Мадина Дилшодова гузаронида шуд.

Дар натиҷаи баррасӣ маълум гардид:

а) бақияи маблағи нақд дар хазина 45 сомонӣ мебошад;
б) бақияи маблағ тибқи дафтари ҳисоби хазина 45 сомонӣ мебошад.

Тартиби пур кардани дафтари ҳисоби хазина ва нигаҳдории маблағи нақд мутобиқи муқаррароти (Низомномаи) идораи амалкунандаи хазинаи муассисаи давлатӣ, кооперативӣ (таовунӣ) ва ҷамъиятист.

Комиссияи баррасии хазина:
Раиси комиссия: Ҳ.Раҳим
Аъзои комиссия: С.Салимов
З.Қаландарова
Хазинадор: М.Дилшодова

**Гурӯҳи 3:**

**Санади**

тасдиқи ғайримкон будани 25 мизи талабагӣ

аз «5» январи соли 2016 ш.Душанбе

Мо, имзокунандагони зер, дар ҳайати И.Калонов - мудири хоҷагии муассисаи таҳсилоти умумии № 42 н.Ҳисор, К.Шарифзода. Қ.Ҳалимов ва М.Раҷабов – омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумии мазкур ин санадро таҳия кардем.

Мо тасдиқ мекунем, ки 25 поя мизи талабагӣ шикастааст ва истифода кардани онҳо ғайриимкон аст.

Санад дар ду нусха таҳия шудааст.

Мудири
хоҷагии мактаб имзо И.Калонов
Омӯзгорони мактаб имзо К.Ҳалимов
имзо М.Раҷабов

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**VI.Мустаҳкамкунии мавзӯъ:**

• Кор бо саволнома.

**X. Вазифаи хонагӣ.** Тартиб додани санад дар мавзӯи дарсшиканӣ (дарсгурезӣ)

**VIII. Ҷамъбасти дарс.**

## §18. КОР БО МАТНИ САНАД
### (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.3. Дарк, баҳодиҳӣ ба матн, матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни санад.

Хонанда
- матни санадро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;
- санадҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

10.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни санад.

Хонанда
- матни санадҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
- санад навишта метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
- ҳадаф ва мавриди таҳияи санадро дарк карда тавонистан;
- фарқ кардани санад аз дигар асноди меъёрӣ;
- санад таҳия кардан дар мавридҳои гуногун.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Тартиб додани санад дар мавзӯи дарсшиканӣ (дарсгурезӣ)

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни санад

**Ангезиши зеҳн:**

1. Санад чӣ гуна ҳуҷҷат аст?
2. Санад кай барои чӣ тартиб дода мешавад?
3. Кадом талаботи навиштани санадро медонед?

**IV. Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 64. Санадҳоро хонед ва махсусиятҳои онҳоро шаҳр диҳед. Гӯед, ки кадом ифодаҳои расмии коргузорӣ дар санадҳои мазкур истифода шудаанд. Аломатҳои китобат дар санадҳо истифодашударо маънидод кунед.

**Гурӯҳи 1:**

**Санади**

супоридан ва қабул кардани шаҳодатномаҳо

аз 6 июни соли 2016 ш.Душанбе

Ин санадро нозири шуъбаи маориф Саиди Ҳалим ва директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 6 Карим Раҳим таҳия намуданд.

Мо шоҳидӣ медиҳем, ки намояндаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии номбурда 165 дона шаҳодатнома аз шуъбаи маориф гирифт.

Ин шаҳодатномаҳо аз шумораи 0000000 то шумораи 0000000 мебошанд.

Санад дар ду нусха таҳия шудааст. Нусхаи аввал дар муассисаи таҳсилоти умумии зикршуда ва нусхаи дуюм дар дасти директори мактаб аст.

Нозири шуъбаи маориф имзо С.Ҳалим
Директори мактаби №48 имзо К.Раҳим

**Гурӯҳи 2:**

**Санади**

тасдиқи ношоям будани китобҳои дарсии Одили Олим

аз «25» майи соли 2006 ш.Душанбе

Мо, дар зер имзокунандагон, роҳбари синфи 7 «А» Б.Зокирова ва аъзои комитети хонандагон: Даминова Ш., Алибахшова Н., Каримов Т., Раҳматова Т. тартиб додем ин санадро дар ин хусус, ки китобҳои дарсии «Забони модарӣ» ва «Забони англисӣ»-е, ки аз тарафи китобхонаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 15 ш.Душанбе ба хонандаи синфи 7 «А» Одили Олим додааст, дар натиҷаи муомилаи нодуруст варақҳояш ҷудо гаштаанд ва истифодаи онҳо дар соли оянда номумкин аст.

Тартибдиҳандагони санад ин ҳолатро ба назар гирифта, аз Одили Олим ба тариқи ҷарима арзиши китобро рӯёнидаанд ва маблағ барои ҷуброн ба ҳисоби давлат гузаронида шуд.

Дар соли оянда барои истифода ношоям будани китобҳои зикршударо бо имзоҳои худ тасдиқ мекунем.

Роҳбари синфи 7 А имзо М.Диловарова
Аъзоёни комиссияи
хонандагон имзо Ш.Даминов
имзо Н.Алибахшова
имзо Т.Раҳматова

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 2:** Иҷрои машқи 65. Матни санадро хонед ва нависед. Мавзӯи онро шарҳ диҳед.

**Санади**

супоридан ва қабул кардани ҳуҷҷатҳо ва молу мулк

аз «30» июни соли 1996 ш.Душанбе

Собиқ мудири хоҷагии Донишкадаи такмили ихтисоси ш.Душанбе Р.Бобоҷонов, аз як тараф, ва мудири хоҷагии нав таъйиншудаи донишкадаи мазкур Б.Аҳмадов, аз тарафи дигар, бо иштироки раиси иттифоқи касаба М.Валиев дар асоси фармони директори донишкада Р.Абдуллоев аз 28 июни соли 1995 ҳамин санадро дар ин бора тартиб додем:

1. Собиқ мудири хоҷагӣ ведомостҳои молу мулки донишкадаро бо №№ 1,2,3 ва 4 аз 25 июни соли 1990 супорид ва мудири хоҷагии нав қабул кард.

2. Забонхати доир ба рӯйхати молу мулкро аз 23 июни соли ҷорӣ ба маблағи 100.200 (сад ҳазору дусад) сомонӣ, ки ба мактаби № 17 ш.Душанбе дода шудааст, супорид ва қабул карда шуд.

3. Даҳ бастаи компютеру принтерро, ки дар донишкада буд, мувофиқи рӯйхати иловагӣ супорид ва қабул карда шуд.

Санад дар се нусха тартиб дода шуд.

| | | |
|---|---|---|
| Раиси иттифоқи<br>касабаи донишкада | имзо | М.Валиев |
| Ҳуҷҷат ва молу<br>мулкро супоридам | имзо | Р.Бобоҷонов |
| Ҳуҷҷатҳо ва молу<br>мулкро қабул кардам | имзо | Ф.Аҳмадов |

•Саволу ҷавоб оид ба мавзӯъ.

**VI. Вазифаи хонагӣ.** Оид ба масъалаи дилхоҳ санад таҳия кунед.

**VII. Ҷамъбасти дарс.**

# V.ҲАРФИ САКТА (Ъ) ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## §19. МАВҚЕЪ ВА ҶОИ ҲАРФИ САКТА (Ъ) ДАР КАЛИМАҲО

**Салоҳиятҳо:**

**10.1.7. Инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ.**

Хонанда

– вазифаи ҳарфи сакта (ъ)-ро дар калима муайян карда метавонад;

– калимаҳои ҳарфи сактадорро дуруст талаффуз менамояд;

– ҷойи ҳарфи сактаро медонад ва калимаҳоро дуруст менависад;

– хусусияти тағйирдиҳии маъно доштани ҳарфи сактаро дарк менамояд; дар муқоиса бо талаффузи шева қоидаи имлои онро риоя менамояд; калимаҳои ҳарфи сактадорро шарҳ медиҳад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– имлои ҳарфи «ъ» шарҳ дода тавонистан;

– имлои ҳарфи «ъ» дар нутқи хаттӣ риоя ба инобат гирифтан;

– мавқе ва вазифаи ҳарфи «ъ» -ро дар калима шинохта тавонистан;

– бо калимаҳои «ъ»-дор мисолҳо овардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Тартиб додани санад дар мавзӯи дилхоҳ

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Ҳарфи сакта (ъ) дар забони тоҷикӣ. Мавқеъ ва ҷои ҳарфи сакта ъ дар калимаҳо

**Водоркунӣ.**

**Супориши 1:** Калимаҳоро муқоиса карда, шарҳ додан, бо ин калимаҳо ибора сохтан

| | | | |
|---|---|---|---|
| Баъд – бад | Аъзо – азо | Таъна – тана | Табъ – таб |
| Раъд – рад | Даъво – даво | Суръат – сурат | Ҷузъ - ҷуз |
| Аъло – ало | | | |

*Дар хотир доред:* Ҳарфи сакта ду вазифа дорад: 1) ҳамсадои ҳалқиро ифода мекунад- аъло, маъно, шеър, баъд. 2) барои ҷудо кардани ҳиҷоҳо: инъом, бараъкс хидимат мекунад.

**IV. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Машқи 70-ро хонда, калимаҳои аломати сакта (ъ)-дорро навишта гирифтан ва онҳоро шарҳ додан. Бо калимаҳои *шуъла, шамъ, аъло, маъқул* ҷумла навиштан.

**Гурӯҳи 2:** Машқи 71-ро хонда, моҳияти онро нақл кардан. Бо калимаҳои *аъмол, афъол* ҷумлаҳо тартиб додан

**Гурӯҳи 3:** Машқи 72-ро хонда, мазмуни онро мухтасар нақл кардан.Калимаҳои ҳорфи сакта(ъ)-дорро навишта, шарҳ додан ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб додан.

**Гурӯҳи 4:** Чистони машқи 73-ро хонда, ҷавобашро ёфтан, калимаи *ҷаъфар* ба чанд маъно омадааст, муайян кунед.

**Гурӯҳи 5:** Қитъаро ифоданок хонда, мазмунашро аввал нақл кунед ва баъд нависед.

*Дар шеър се тан паямбаронанд,*
*Ҳарчанд ки "ло набия баъдӣ",*

*Авсофу қасидаву ғазалро*
*Фирдавсию Анварию Саъдӣ.*

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**V. Мустаҳкамкунӣ. Супориши №3:** Ибораҳои зеринро муқоиса карда, имлои онҳоро шарҳ додан:

| | |
|---|---|
| Байъ – байъи кор | Тулӯъ – тулуи офтоб |
| Ҷамъ – ҷамъи мардум | Шурӯъ – шуруи кор |
| Шамъ – шамъи мунир | Маҷмӯъ – маҷмуи ашъор |

**VI. Супориши 4:** Дар гурӯҳҳо ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кардан.

1. Маро дида таб...аш болид, оғӯш кушод
2. Ба…д дару тирезаҳои хонаҳоро ларзонда, ра…д гулдуррос зад.
3. Метавон онро ҳамчун қал...аи бостонии начандон калон арҷгузорӣ кард.
4. Ба...зан харсангҳои аҷоиберо медидам, ки бо шакли худ ҳар хел ҳайвонотро ба хотир меовард.

**VII. Супориши 5: Мусобиқаи дунафара.** Ҷадвалро пур кардан

| Дар охир | Дар мобайн |
|---|---|
| Тулӯъ<br>Шурӯъ<br>Шамъ | Баъд<br>Таъм<br>инъом |

***Дар хотир доред:*** Ҳарфи сакта ъ дар байн ва анҷоми иқтибосҳои арабӣ ба ҷойи айн ва ҳамза навишта мешавад: аъло, баъзе, ҷамъ, мавзӯъ, навъ, масъул, масъала.

Ҳарфи ъ дар байни ду садонок ба истисноии калимаҳои *фаъол, таъйин навишта намешавад: маориф, таом, мавзӯи баҳс,тулӯи офтоб...*

• Саволу ҷавоб оид ба мавзӯъ.

**VIII. Вазифаи хонагӣ:** Иншои хонагӣ: «Таътилро чӣ тавр мегузаронам?»

**IX. Ҷамъбасти мавзӯъ.**

## §20. ВАЗИФАИ ҲАРФИ САКТА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**10.1.7. Инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ.**

Хонанда

– вазифаи ҳарфи сакта (ъ)-ро дар калима муайян карда метавонад;

– калимаҳои ҳарфи сактадорро дуруст талаффуз менамояд;

– ҷойи ҳарфи сактаро медонад ва калимаҳоро дуруст менависад;

– хусусияти тағйирдиҳии маъно доштани ҳарфи сактаро дарк менамояд; дар муқоиса бо талаффузи шева қоидаи имлои онро риоя менамояд; калимаҳои ҳарфи сактадорро шарҳ медиҳад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– имлои ҳарфи «ъ» шарҳ дода тавонистан;

– имлои ҳарфи «ъ» дар нутқи хаттӣ риоя ба инобат гирифтан;

– мавқеъ ва вазифаи ҳарфи «ъ» -ро дар калима шинохта тавонистан;

– бо калимаҳои «ъ»-дор мисолҳо овардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иншои хонагӣ: «Таътилро чӣ тавр мегузаронам?»

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Вазифаи ҳарфи сакта (ъ) дар забони тоҷикӣ

**Ангезиши зеҳн**

Саволҳо:

- Оид ба мавқеъ ва ҷойи ҳарфи сакта(ъ) чӣ медонед?

- Чӣ бояд кард, ки дар имлои ҳамсадои сакта (ъ) ғалат накунем?

**Супориши 1:** Калимаҳоро аз рӯйи вазифа ба гурӯҳҳо ҷудо кардан. Ҳарфи сакта(ъ) чӣ тавр талаффуз мешавад?

| Ҳамсадои ҳалқӣ | Барои ҷудо кардани ҳиҷо |
|---|---|
| | |

Аъло, маъно, шеър, баъд, инъом, баръакс, суръат, тавъам, навъ, нафъ, манъ, таъна, даъво.

**IV. Супориши 2. Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

Гурӯҳи 1: Порчаи шеърии машқи 75-ро ифоданок хонда, маънидод кардан. Вазифаи ҳарфи сактаро(ъ) дар калимаҳо шарҳ додан.

Гурӯҳи 2: Матни машқи 76-ро хонда, калимаҳои сактадори онро навиштан. Вазифаи ҳарфи сактаро(ъ) дар ин калимаҳо шарҳ додан. Ин муколама магар "**Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад**"- ро ба хотир намеорад? Калимаҳои **рӯшан ва Рӯшон**-ро аз нуқтаи назари маъно ва имло шарҳ додан.

Гурӯҳи 3: Машқи 77-ро хонда, имлои ҳарфи (ъ)-ро шарҳ додан. Доир ба ҳар банди калимаҳо хулосаҳоро ҷамъбаст кардан.

Гурӯҳи 4: Порчаи шеърии машқи 78-ро хонда тафсир кардан. Вазифаи ҳарфи сактаи (ъ) калимаҳоро муайян кардан.

**V. Супориши 3. Диктанти таъкидӣ.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи мувофиқ гузоштан.

Дар беруни қал…а растаҳо буданд ва бозорҳо барпо мегардиданд. Аз дур дарёи пурталотуми Кофарниҳон намоён шуда, босур…ат гузашта мерафт. Ҳисор бисёр воқеаҳоро аз сар гузарондааст. Бале, Ҳисори кӯҳна та…рихи қадимӣ дорад. Дар он ҷо дӯконҳо ва каппаҳо воқе… гардида буданд. Кӯҳи Ғозиён дар наздикии Ҳисори кӯҳна воқе… буд.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Ба ёд оред ва ҷумларо пурра гардонед:

1.Ҳарфи сакта ______(чанд?) вазифа дорад: 1) Ъ барои___________(-чӣ?) ______ ҳиҷоҳо: инъом, бараъкс хидмат мекунад.

**2.** Калимаҳои мамнуъ, лаъл, даъво, дафъ, дафъа-ро талаффуз карда, бо истифодаи онҳо ҷумлаҳо тартиб додан.

**VII. Вазифаи хонагӣ:** Дар мавзӯи «Таассуроти ман аз сафар» иншо навиштан.

**VIII. Ҷамъбаст ва эълони баҳо.**

# VI.ИМЛОИ ИСМ ВА СИФАТ

## §21. НОМҲОИ ОДАМОН, НОМҲОИ ГЕОГРАФӢ, НОМҲОИ МАҶАЛЛАҲО…. ИХТИСОРАҲО ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– тарзи навиштани ному насаби шахсҳои таърихиро медонад;

– дар навишти номҳои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои бадеӣ ғалат содир намекунад;

– тартиби ном ва номгузориро фаро мегирад ва аз рӯйи муодил ном ва тахаллус месозад,

– дар матн аз рӯйи маъно исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс фарқ мекунад;

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– исмро аз сифат фарқ карда тавонистан;

– имлои исму сифатро дар нутқ аз худ кардан;

– ба имлои исмҳои хос ва ихтисораҳо бештар аҳамият додан;

– моҳияти ихтисораҳоро дарк карда тавонистан;

– нутқ ва эҷодкориро такмил бахшидан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Таассуроти ман аз сафар» иншо навиштан.

• Баррасии кори хонандагон дар ҷадвал:

| Мазмун | Имло | Норасоӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

• Муҳокимаи иҷрои машқи хонагӣ;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта ва алоқамандкунӣ ба мавзӯи нав.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Имлои исм ва сифат. Номҳои одамон, номҳои географӣ, номҳои маҷаллаҳо…. Ихтисораҳо ва имлои онҳо

**Ангезиши зеҳн.** Саволҳо:

- Оид ба мавзӯи имрӯза чӣ медонед? Исм чӣ маънӣ дорад? Сифат чӣ?
- Оид ба имлои исми хос чӣ медонед?
- Ихтисора гуфта чиро мефаҳмед?

**IV. Супориши 1. Кори гурӯҳӣ.** Исмҳои хосро шарҳ диҳед. Кадом исмҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд? Мисолҳо оред, ҳар қатори ҷадвалро гурӯҳҳо пур намоянд (дар шакли мусобиқа).

| Ному насаби одамон | Номҳои географии кишварҳо | Номҳои астрономӣ | Давраю ҳодисаҳои таърихӣ | Идҳо, ҷашнҳо, ёдгориҳо | Бо дин марбут |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

*Дар хотир доред:* Ному насаб, лақаби ҳайвонот, номи шахсони дар масал, афсонаю драмаҳо (песаҳо) фаъолияткунанда, номҳои географӣ ва кишварҳо, номҳои астрономӣ (нуҷумӣ), номҳои давраю ҳодисаҳои таърихӣ, номҳои идҳо, ҳаракатҳои халқӣ ва ҷашнҳои таърихӣ, номҳои ба дин марбут (Аллоҳ, Худо……), номҳои ташкилот, муассиса, ширкатҳои ватанию хориҷӣ, номи ёдгориҳои таърихӣ, асарҳои санъат, номи вазифаю унвонҳо, номи ордену медалҳо, асарҳои бадеию воситаҳои ахбори умум, ихтисорҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Ҳангоми шубҳа кардан дар навишти ин ё он ном ба фарҳангномаҳо, бахусус ба «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» муроҷиат кунед.

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Машқи 81-ро хонда, услуби онро муайян кардан. Исмҳои хоси онро ёфта навиштан ва имлои онҳоро шарҳ додан.

**VI. Супориши 3: Кори чорнафара.** Машқи 82-ро хонда, номҳои дар матнбударо истифода карда, мазмуни онро мухтасар навиштан

**VII. Супориши 4: Кор дар гурӯҳҳо.**

**Гурӯҳи 1:** Имлои ихтисораҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 2.** Имлои номи муассисаҳоро бо мисолҳо шарҳ додан.

**Гурӯҳи 3.** Имлои номи маҷаллаҳо, асарҳоро бо мисолҳо фаҳмондан.

• Муаррифии гурӯҳҳо

**VIII. Мустаҳкамкунӣ. Супориши 5:** Ҷадвалро пур кардан

| Ихтисора | Номи муассиса | Номи маҷалла |
|---|---|---|
| | | |

• таҳлили иҷрои супориш;
• саволҳо барои мустаҳкамкунии дониш.
**IX. Вазифаи хонагӣ.** Бо ихтисораҳо ҷумла тартиб додан.
**X. Ҷамъбасти дарс.**

## §22. ИМЛОИ СУЛОЛАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА АСАРҲОИ ИЛМИЮ БАДЕӢ

**Салоҳиятҳо:**
10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.
Хонанда
– тарзи навиштани ному насаби шахсҳои таърихиро медонад;
– дар навишти номҳои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои бадеӣ ғалат содир намекунад;
– тартиби ном ва номгузориро фаро мегирад ва аз рӯйи муодил ном ва тахаллус месозад,
– дар матн аз рӯйи маъно исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс фарқ мекунад;
– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд
– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,
– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.
**Мақсадҳои дидактикӣ:**
– исмро аз сифат фарқ карда тавонистан;
– имлои исму сифатро дар нутқ аз худ кардан;
– ба имлои исмҳои хос, бахусус, имлои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои илмию бадеӣ бештар аҳамият додан;
– нутқ ва эҷодкориро такмил бахшидан.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.
**Равиши дарс**
**I.Ташкили дарс:**
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.
**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Бо ихтисораҳо ҷумла тартиб додан.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
**III. Баёни мавзӯи нав.** Имлои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои илмию бадеӣ
-Муҳокимаи мақсади дарс
- Шумо дар ин бора чиро медонед?
- Дар бораи исмҳои хос чиро медонед?
- Исми хос чиро ифода мекунад?
- Исми хос чӣ тавр навишта мешавад?
**IV. Супориши 1. Кори инфиродӣ.** Калимаҳои зеринро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, «Китоб-ул-шифо», «Алҷабр», «Шоҳнома», «Восеъ», «Марги судхӯр», «Садои Шарқ», «Чашма».

| Сулолаи таърихӣ | Асарҳо | Маҷаллаҳо |
|---|---|---|
| | | |

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Кори худро бо кори рафиқи ҳампаҳлӯ муқоиса карда, имлои онро шарҳ додан ва интихобан ҷумла тартиб додан.

**VI. Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳо.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1.** Бо истифода аз номҳои сулолаҳои таърихӣ матне тартиб дода, имлои онҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 2.** Бо истифода аз номҳои асарҳои илмӣ ва бадеӣ матне тартиб додан. (Метавон дар бораи ҳаёти ягон шахсияти таърихӣ, адиб...)

**Гурӯҳи 3.** Оид ба исмҳои ихтисоршуда мисолҳо овардан.

**Гурӯҳи 4:** Иҷрои машқи 88. Порчаро хонед ва хулосаатонро гӯед. Шакли дурусти навишти исмҳои ишорашударо дар хотир нигаҳ доред.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Иҷрои машқи 89. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Агар тарзи таҳияи ягон ашёро донед, иншое нависед ва фикратонро баён кунед.

**VIII. Вазифаи хонагӣ:** Дар бораи фаъолияти ягон сулолаи таърихӣ нақле навиштан.

**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## §23. ИМЛОИ ИСМҲОИ МУРАККАБ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– тарзи навиштани ному насаби шахсҳои таърихиро медонад;

– дар навишти номҳои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои бадеӣ ғалат содир намекунад;

– тартиби ном ва номгузориро фаро мегирад ва аз рӯйи муодил ном ва тахаллус месозад,

– дар матн аз рӯйи маъно исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс фарқ мекунад;

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– исмҳои мураккабро дар матн шинохта тавонистан;

– воситаҳои сохта шудани исмҳои мураккабро шарҳ додан;

– имлои исмҳои мураккабро риоя кардан;

– бо исмҳои мураккаб ибора ва ҷумла сохтан;

– эҷодкориро тавассути калимасозӣ сайқал бахшидан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар бораи фаъолияти ягон сулолаи таърихӣ нақле навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Имлои исмҳои мураккаб

**Ангезиши зеҳн**

Саволҳо:
1. Исмҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?
2. Чӣ гуна исмро исми мураккаб мегӯянд?
3. Исми мураккаб чӣ хел навишта мешавад?
4. Исмҳои мураккаб чӣ тавр таркиб меёбанд?

**IV. Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Исмҳои зеринро ба гурӯҳҳо ҷудо намудан:
*Гул, китоб, модар, мактаб, гулзор, китобхона, ҳамсоя, истгоҳ, баҳористон, роҳсозӣ, себарга, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нодири Нодирпур.*

| Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Кори ҳампартаи худро аз назар гузаронда баҳогузорӣ намоед.

***Дар хотир доред:*** а)ҳамаи қолабҳои исмҳои мураккаб: а)реша+реша (-а): гулдаста, садбарг, падарарӯс, сарфармондеҳ, китобхона, хештаншинос ва ғ.

б) исмҳое, ки дар қолаби исм+асосҳои замони ҳозираи феъл ва пасвандҳои ӣ,-ак сохта шудаанд: дастгирӣ, роҳсозӣ, навсозӣ, оташгирак, обкашак ва ғ.

в) исмҳои мураккабе, ки аз шумораву исм бо пасванди -а (я) сохта шудаанд: себарга, чоркунҷа, чоргӯша, дуоба, сепоя ва ғ.

г) исмҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнвандҳои –у, ва-о- сохта шудааанд: гуфтугӯ рафтуомад, даводав, обутоб, хезохез, гирогир ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.

**V. Супориши 2:** Машқи 83-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Исмҳои мураккабашро навишта, имлои онҳоро шарҳ додан; саволу супориши машқҳоро иҷро кардан.

**VI. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Исмҳои машқи 84-ро хонда, роҳҳои сохта шудани исмҳои мураккабро шарҳ додан. Намуна: соҳибхона – исму исм, сартарошхона – исм+феъл+исм, дутор – шумора+исм, ҷавонзан – исм+исм.

**Гурӯҳи 1:** Соҳибхона, сартарошхона, дутор, ҷавонзан, тоҷикдухтар, ширбиринҷ.

**Гурӯҳи 2:** Хонашинӣ, алафдаравӣ, дастпӯшак, бодбарак, селраҳа, азназаргузаронӣ, банақшагирӣ.

**Гурӯҳи 3:** Давутоз, пурсуков, равуой, ковоков, гирогир.

**Гурӯҳи 4:** Тирукамон, обуранг, сарулибос.

**Гурӯҳи 5:** Мардикор, соҳибхона.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**VII. Супориши 4: Кор дар гурӯҳҳои чорнафара.** Кор бо машқи 83. Тамсилро хонда, матлабро дақиқ муайян кунед. Забони матн бароятон фаҳмо аст ё не? Барои ба ҳақиқати чунин матнҳо сарфаҳм рафтан чӣ бояд кард?

• Муаррифи гурӯҳҳо.

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши** 5: Иҷрои машқи 85. Аввал исмҳои мураккаби сутуни якумро хонед ва сипас феълҳои сутуни дуюмро. Гӯед, ки исмҳои мураккаб чӣ гуна сохта шудаанд. Имлои онҳоро ба хотир гиред.

| | |
|---|---|
| аз нав сохтан | Азнавсозӣ |
| аз ёд кардан | азёдкунӣ |
| ба рӯихат гирифтан | барӯихатгирӣ |
| ба нақша гирифтан | банақшагирӣ |
| ба ҳисоб гирифтан | баҳисобгирӣ |

• таҳлили иҷрои супориш;
• саволҳо доир ба мавзӯъ.

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Машқи 86-ро хонда, дар бораи аҳамияти донистани шакли дурусти калима нақле навиштан. Супориши машқро иҷро кардан.

**X. Ҷамъбасти дарс.**

## §24. БО НИМТИРЕ НАВИШТА ШУДАНИ БАЪЗЕ ИСМҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– тарзи навиштани ному насаби шахсҳои таърихиро медонад;

– дар навишти номҳои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои бадеӣ ғалат содир намекунад;

– тартиби ном ва номгузориро фаро мегирад ва аз рӯйи муодил ном ва тахаллус месозад,

– дар матн аз рӯйи маъно исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс фарқ мекунад;

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- Ба имлои исм дар мавридҳои гуногун ошно шудан;
- Мавриди истифодаи нимтиреро бо исм шинохтан;
- Бо овардани мисолҳо паҳлуҳои ахлоқии худро такмил додан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 86-ро хонда, дар бораи аҳамияти донистани шакли дурусти калима нақле навиштан. Дар нақлатон аз исмҳое, ки бо нимтире навишта мешаванд, истифода баред. Супориши машқро иҷро кардан.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ кардан:

| Мазмун | Имло | Супориши иловагӣ | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Бо нимтире навишта шудани баъзе исмҳо

**Оғози дарс**

- Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?

- Кадом исмҳо бо нимтире (дефис) навишта мешаванд?

**IV. Супориши 1:** Ба имлои исмҳои зерин диққат диҳед ва хулосаатонро баён кунед. 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1000-солагии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, 1100-солагии давлатдории Сомониён, ҳизби сотсиал-демократӣ, киловат-соат, метр-сония, гран-при, экс-чемпион, вагон-ресторан, механик-ронанда, «Мантиқ-ут-тайр», «Наводир-ул-вақоеъ», Ню-Йорк, Рио-де-Жанейро, Волга-Дон, Коста-Рика.

***Дар хотир доред:*** Исмҳои зерин бо нимтире навишта мешаванд:

- исмҳое, ки ҷузъи шумораи онҳо бо рақам омадааст: 100-солагии зодрӯзи Абӯали ибни Сино, 20-солагии Истиқлолият ва ғ.;

- номи ҳизбҳои сиёсӣ: ҳизби сотсиал-демократ ва ғ.

- исмҳои иқтибосии навъи: штаб-квартира, гран-при, экс-чемпион ва ғ.

- исмҳои мураккаб аз қабили: вагон-ресторан, механик-ронанда ва ғ.

- дар номҳои осори классикӣ артикли ал бо нимтире навишта мешавад «ал-Қонун»-и Сино, «ат-Тафҳим»-и Берунӣ, «Мантиқ-ут-тайр»- и Атторвағ.

Исмҳои иқтибосии навъи Волга-Дон, Коста-Рика, Ню-Йорк ва ғ.

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Роҳҳои сохта шудани исмҳои болоро шарҳ дода, интихобан ҷумла навиштан.

• Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намудан.

**VI. Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳои чорнафара.** Машқи 87-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Ба имлои исмҳои хос диққат дода, имлои онҳоро шарҳ додан. Аз матн исмҳои мураккабро ҷудо карда навиштан, роҳҳои сохта шудани онҳоро шарҳ додан.

**VII. Супориши 4: Кор дар гурӯҳҳо.** Тақлидан ба исмҳои дар боло овардашуда мисолҳо навишта, матне тартиб додан.

• Муаррифии гурӯҳҳо.

**VIII. Мустаҳкамкунӣ.** Диктанти таъкидӣ. (Матни интихобӣ)

• аз назар гузарондани кори хонандагон;

• саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Дар бораи ягон маҳал ноҳия ё давлат матне тартиб додан.

**X. Ҷамъбасти дарс.**

## §25. ИМЛОИ СИФАТҲОИ МУРАККАБ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– сифатҳои мураккабро дар матн шинохта тавонистан;
– воситаҳои сохта шудани сифатҳои мураккабро шарҳ додан;
– имлои сифатҳои мураккабро риоя кардан;
– бо сифатҳои мураккаб ибора ва ҷумла сохтан;
– эҷодкориро тавассути калимасозӣ сайқал бахшидан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар бораи ягон маҳал ноҳия ё давлат матне тартиб додан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Имлои сифатҳои мураккаб

**Ангезиши зеҳн**

- Оид ба мавзӯи сифат чӣ медонед?

- Сифат чанд навъ мешавад?

- Сифат аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?

- Сифати мураккаб чӣ хел сохта мешавад?

**IV. Супориши 1: Иҷрои машқи 90.** Имлои сифатҳои мураккаби дар нақша овардашударо ба хотир гиред ва чӣ гуна сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| тобистоннишинӣ<br>наздимактабӣ<br>пешазинтихоботӣ<br>дутарафа<br>панҷсола | гӯштимурғнок<br>ғайрирасмӣ<br>ғайриқаноатбахш<br>зеризаминӣ<br>хиштипухтагӣ<br>умумихалқӣ |

**V. Супориши 2: Кор дар гурӯҳҳо:**

Гурӯҳи 1: **Иҷрои машқи 92.** Матнро хонед ва ҷумлаеро, ки дар он сифатҳои асп зикр шудаанд, нависед. Гӯед, ки онҳо чӣ навъ сохта шудаанд? Тарзи дурусти навишти ин навъ сифатҳоро дар ёд нигаҳ доред. Дар бораи чизе, ҳодисае нақл нависед ва сифатҳои онро пурра баён кунед.

Гурӯҳи 2: **Иҷрои машқи 98.** Шеърро хонед. Гӯед, ки дар он дар бораи чӣ сухан меравад? Шумо ҳам дар бораи моҳе, ки бароятон хушоянд аст, иншо нависед ва сифатҳояшро пурра тасвир кунед.

Гурӯҳи 3: **Иҷрои машқи 94.** Матнро нависед ва сифатҳои онро ёбед ва шарҳ диҳед. Сифатҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд? Сифатҳои ягон шахси бароятон наздикро ба хотир оварда иншое нависед.

Гурӯҳи 4: **Иҷрои машқи 95.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Лавҳае нависед, ки дар он маҳалли бароятон ошно тасвир шуда бошад.

Гурӯҳи 5: **Иҷрои машқи 96.** Матнро хонед ва хулосаатонро нависед. Нобино дар ин матн исм аст ё сифат?

Гурӯҳи 6: **Иҷрои машқи 97.** Матнро ифоданок хонед ва баъд нависед. Шумо ҳам як субҳи баҳорро ба хотир оварда, бо истифода аз сифатҳо дар нақли мухтасар тасвир кунед.

**• Муаррифи кори гурӯҳҳо**

**VI. Мустаҳкамкунӣ. Супориши 3:** Муҳокимаи машқи 93. Чистонро хонед ва нависед. Сифатҳои онро ёбед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки сифат дар чистон чӣ нақш дорад?

• таҳлили иҷрои супориш;

• саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VII. Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи 91.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҷумлаҳоеро, ки дар онҳо сифатҳои Турсунзода баён шудаанд, нависед. Дар мавзӯи «Суҳбати одамони наҷиб» иншое нависед.

**VIII. Ҷамъбасти дарс.**

## §26. ИМЛОИ САНҶИШ
## §27.КОР БО МАТНИ ВАКОЛАТНОМА ВА КАФОЛАТНОМА
## (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.10. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, ваколатнома, кафолатнома.

Хонанда

– матнҳои ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактубҳои расмиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, ваколатнома, кафолатнома менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳадаф ва мавриди таҳия намудани ваколатномаро дарк карда тавонистан;

– тартиби таҳияи ваколатномаро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
– фарқ кардани ваколатнома аз дигар асноди меъёрӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 91. Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҷумлаҳоеро, ки дар онҳо сифатҳои Турсунзода баён шудаанд, нависед. Дар мавзӯи «Суҳбати одамони наҷиб» иншое нависед.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ кардан:

| **Мазмун** | **Имло** | **Супориши иловагӣ** | **Камбудӣ** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни ваколатнома...

**Масъалагузорӣ:**

1. Оё шумо медонед, ки ваколатнома чист?
2. Ваколатномаро боз чӣ номидан мумкин аст?
3. Тартиби таълифи ваколатнома чӣ гуна аст?
4. Ваколатнома дар кадом маврид истифода мешавад?

**IV. Супориши 1:** Машқи 99. Шарҳи ба ваколатнома додаи чанде аз фарҳангҳоро хонда, муҳокима кардан. Кадоме аз шарҳҳо дуруст ва пурратар аст?

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Машқи 100-ро бодиққат хонда, тартиби навишта шудани онро муҳокима кардан. Ба пайларпаии мазмун диққат додан.

**VI. Супориши 3: Кори чорнафара.** Машқи 101. Намунаи 1 ва 2-и ваколатномаро хонда, муҳокима кардан. Сипас, ваколатнома навиштан.

**VII. Супориши 4: Кори гурӯҳҳо.** Матни «Ваколатномаи расмӣ»-и машқи 102-ро хонда, бо ваколатномаҳои боло муқоиса кардан. Фарқи онҳоро муқоиса кардан.

• Муаррифии гурӯҳҳо.

**VIII. Мустаҳкамкунӣ. Таҳияи ваколатнома.**

• таҳлили иҷрои супориш;

• саволу ҷавоб;

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Ваколатнома навиштан.

**X. Ҷамъбасти дарс.**

## §28. КОР БО МАТНИ ВАКОЛАТНОМА ВА КАФОЛАТНОМА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.10. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, ваколатнома, кафолатнома.

Хонанда

– матнҳои ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактубҳои расмиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, ваколатнома, кафолатнома менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳадаф ва мавриди таҳия намудани ваколатномаро дарк карда тавонистан;

– тартиби таҳияи ваколатномаро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;

– фарқ кардани ваколатнома аз дигар асноди меъёрӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ваколатнома навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни ваколатнома ва кафолатнома

**Масъалагузорӣ:**

- Оё шумо дар бораи ваколатнома ва кафолатнома чизе медонед?
- Ба фикри шумо кафолатнома чӣ маъно дорад?
- Оё мо кафолатнома навишта метавонем?
- Кафолатнома дар кадом ҳолат навишта мешавад?

**IV. Супориши 1:** Матни машқи 103-ро хонда, хулосаҳоро баён кардан. Кафолат чӣ маъно дорад?

***Дар хотир гиред:*** Кафолатнома аз ҷузъҳои зерин таркиб ёфтааст:

1.Муҳри чоргӯша ё унвони расмии созмон ё муассисае, ки дархост мекунад;

2. Ному насаби роҳбари созмон ё муассисае, ки аз он дархост намудааст;

3.Номи санад;

4.Матн;

5.Ном унасаби роҳбари муассисаи дархосткунанда ва имзои вай;

6.Ному насаби сармуҳосиби муассис ва имзои вай

7.Муҳр

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Шиносоӣ бо намунаҳои кафолатнома ва муҳокима кардани онҳо.

***Намунаи 1***

Ҷойи штамп
(муҳри чоргӯша)
ё унвони расмии
муассисаи кафолатдиҳанда

Ба китобхонаи ба номи А. Лоҳутӣ

Кафолатнома

Маъмурияти мактаби №50 ш.Душанбе барои муҳофизати китобҳое, ки омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Салимов Хуршед аз китобхонаи ба номи Лоҳутии ш. Душанбе гирифтааст, кафолат медиҳад ва уҳдадор аст, ки дар сурати нодуруст истифода кардан ба Салимов Хуршед китобҳоро супорида, то тасдиқнома наорад, бо ӯ ҳисобу китоб намекунад.

Дар ҳолати аз тарафи Х.Салимов гум кардан ё корношоям гаштани китобҳои гирифтааш маъмурияти мактаби №50 уҳдадор мегардад, ки ҷубронпулии китобҳои гумшуда ва корношоямгаштаро ба китобхона супорад.

Директори мактаб имзо (ному насаб)
Сармуҳосиб имзо (ному насаб)

***Намунаи 2***
Муҳри чоргӯша
ё унвони расмии
муассисаи дархосткунанда

Раиси (роҳбари, сардори) муҳтарам ________________ (ном) ____________(муассиса ё созмоне, ки аз он дархосткарда мешавад)

Кафолатнома
Эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки______________________________
(мавзӯи дархост)
_______________________________________________________________________________
_________________________________________________________

Кафолат медиҳем, ки маблағро аз суратҳисоби №___________
Шуъбаи бонки_____________________________________________
________________________мепардозем.

Бо камоли эҳтиром,
Раиси ___________________
(номи муассиса)
__________________________
(дархосткунанда)
____________________________
(ному насаби роҳбар) имзо

Сармуҳосиб_________________
(ному насаб)

Муҳри гирд

***Намунаи 3***

Ҷойи муҳри чоргӯша
(штамп)

Ба театри ба номи А. Лоҳутӣ

**Кафолатнома**

Маркази ҷавонои ш. Душанбе аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки барои намоиши песаи «Гунаҳкорони бегуноҳ» 10 костюми мардона диҳед.

Мо уҳдадор мешавем, ки костюмҳои гирифтаро то 15 апрели соли 2018 ба Шумо супорем.

Директори марказ имзо А. Аъзамов
Сармуҳосиб имзо А. Ҷамолов

**VI. Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳо.** Иҷрои машқи 104. Чанд намунаи кафолатнома таҳия кунед. Ҳангоми таҳияи кафолатнома таркиб ва фарқи онҳоро ба ҳисоб гиред.

| **Намунаи 1** | **Намунаи 2** | **Намунаи 3** |
|---|---|---|
| | | |

**VII. Супориши 4:** Умумияти ин кафолатномаҳоро муайян кардан.
• Муаррифии кори гурӯҳҳо.
**VIII. Супориши 5: Кори гурӯҳӣ.** Таҳияи кафолатнома.

| Рақами кафолатнома | Аломати асосии кафолатнма |
|---|---|
| | |

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.
• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.
**IX Вазифаи хонагӣ:** Дар асоси аломатҳои асосӣ омода намудани кафолатнома.
**X. Ҷамъбасти дарс.**

# VII. ФЕЪЛ, СИФАТИ ФЕЪЛИЮ ФЕЪЛИ ҲОЛ ВА ИМЛОИ ОНҲО

## §29. БАНДАКҲОИ ФЕЪЛИЮ ХАБАРӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**
10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.
Хонанда
– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд
– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,
– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.
**Мақсадҳои дидактикӣ:**
– тавассути савол феълро аз матн муайян карда тавонистан;
– аҳамияти феълро дар нутқ дарк кардан;
– аломатҳои морфологии феълро номбар кардан;
– нутқи шифоҳию хаттиро такмил додан;
– мафҳумҳои феъли ҳол, сифати феълӣ ва шакли махсуси феъл будани онҳоро шарҳ додан;
– муқаррар кардани вазифаҳои феъли ҳол ва сифати феълӣ;
– фарқ кардани феъли ҳол аз сифати феълӣ;
– дар нутқи шифоҳию хаттӣ дурусту бамавқеъ истифода бурдани феъли ҳол ва сифати феълӣ.
**Равиши дарс**
**I. Ташкили дарс:**
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.
**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар асоси аломатҳои асосӣ омода намудани кафолатнома.
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
**III. Баёни мавзӯи нав.** Феъл, сифати феълию феъли ҳол ва имлои онҳо. Бандакҳои феълию хабарӣ ва имлои онҳо.
**Ангезиши зеҳн:**
• Дар бораи бандакҳои забони тоҷикӣ чӣ медонед?

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

•Ҷумлаҳо ва ё тасрифи феъл тариқи аёният ва ё тахтаи электронӣ.
Бандакҳои феълӣ:

| Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|
| -ам (-ям)<br>-ӣ<br>-ад (-яд) | -ем<br>-ед (-етон)<br>-анд (-янд) |

• Хонандагон бо мисолҳо мефаҳмонанд. Омӯзгор ҷавобҳои онҳоро ҷамъбаст карда супориш медиҳад.

**IV. Супориши 1:** Машқи 105-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Гӯед, ки ҳар кадом байти порча кадом зарбулмасалҳоро ба хотир меоранд?

- Бандакҳои феълиро ишора кардан;
- Дар кадом калимаҳои порча *ӣ* чун бандаки феълӣ меояд?

***Дар хотир доред:*** Бандак он ҳиссаи калима мебошад, ки пас аз асос омада, алоқа ва муносибати як калимаро ба калимаи дигар мефаҳмонад. Тасрифи феълҳо бо ёрии бандакҳои феълӣ ва хабарӣ воқеъ мегардад.

Феълҳое, ки аз асоси замонаи ҳозира сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зерин тасриф мегарданд.

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| Якум<br>Дуюм<br>Сеюм | -ам (-ям)<br>-ӣ<br>-ад (-яд) | -ем<br>-ед (-етон)<br>-анд (-янд) |

Феълҳое, ки аз асоси замони гузашта сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зерин тасриф меёбанд.

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| Якум<br>Дуюм<br>Сеюм | -ам (-ям)<br>-ӣ<br>- | -ем<br>-ед (-етон)<br>-анд |

Шахси сеюми танҳо ба асоси замони гузашта як аст.

Бандакҳои хабарӣ (ғайр аз шахси сеюми танҳо бо бандакҳои шахсии феъл баробаранд). Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо **аст** мебошад. Бандакҳои хабарӣ инҳоанд:

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| Якум<br>Дуюм<br>Сеюм | -ам (-ям)<br>-ӣ<br>-аст | -ем<br>-ед<br>-анд (-янд) |

Бандакҳои шахсии феъл фақат бо феълҳо меоянд. Бандакҳои хабарӣ танҳо бо феъл маҳдуд нашуда, онҳо ҳам бо феълҳо ва ҳам бо ҳиссаҳои номи нутқ омада, хабарҳои номиро ташкил медиҳанд. Дар ҳарду ҳолат ҳам шахсу шумораро ифода мекунанд. Бандаки хабарии -аст бо феълҳо якҷоя ва ҳиссаҳои номии нутқ ҷудо навишта мешавад. Дар сурати ихтисор шудани он бандаки хабарӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ якҷоя навишта мешавад. (Мо аст-мост; ӯ аст-ӯст, кӣ аст-кист, Душанбе аст)

Феъли **ҳаст** ва **будан** дар як ҳолат мустақил ва дар ҳолати дигар бандакҳои хабариро иваз мекунанд.

1.Ман ҳастам — Мо ҳастем
2.Ту ҳастӣ — Шумо (шумоён) ҳастед
3.Вай (ӯ) ҳаст — Онҳо ҳастанд

**V. Супориши 2: Кор дар гурӯҳи чорнафара.** Машқи 107-ро хонда, сипас навиштан. Ба зери феълҳои матн хат кашидан; имлои онҳоро шарҳ додан; ифодаи эътимоду ихлосро истифода бурда, ҷумлае тартиб додан; чаро калимаи «кӣ» бо и-и дароз навишта шудааст, шарҳ додан.

**VI. Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳо. Ҳалли машқҳо.**

Гурӯҳи 1. Машқи 108-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан.

- Вожаи «занбӯр»-ро бори дигар талаффуз кардан, ҳодисаи ба амал омадаро шарҳ додан;
- Феълҳои «паридан сохт» ва «дидан гирифт» - ро аз ҷиҳати тобиши маъно ва имло маънидод кардан;

Гурӯҳи 2. Машқи 109-ро ифоданок хонда, ба феълҳо диққат додан, имлои онҳоро шарҳ додан;

- Ба феъли бигуфт *о* васл шуда чӣ тобише додааст?
- *Дари мулки ошноӣ* чӣ маъно дорад?
- Дар байти 5-ум «чун» кадом ҳиссаи нутқ аст?

• Муаррифии гурӯҳҳо.

**VII. Супориши 3:** Умумият ва фарқи бандаки феълиро аз бандаки хабарӣ нишон диҳед:

| Бандаки феълӣ | Мисол | Бандаки хабарӣ | Мисол |
|---|---|---|---|
| | | | |

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4: Кори дунафара.** Кор бо машқи 106. Матнро хонда, нақши феълҳоро дар он муайян кардан, феълҳоро навишта, имлои онҳоро маънидод кардан.

• таҳлили иҷрои супориш;

IX. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**X. Вазифаи хонагӣ.** Дар бораи ягон ҷонвар мушоҳидаи худро навиштан, дар зери бандакҳои феълӣ як ва дар зери бандакҳои хабарӣ ду хат кашидан.

**X I. Ҷамъбасти дарс.**

## §30. ФЕЪЛҲОИ СОХТА ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- имлои феълҳои сохтаро риоя кардан;
- сохти феълҳоро шарҳ дода тавонистан;
- дар калимасозӣ малакаи бештар пайдо кардан;

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар бораи ягон ҷонвар мушоҳидаи худро навиштан, дар зери бандакҳои феълӣ як ва дар зери бандакҳои хабарӣ ду хат кашидан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Феълҳои сохта ва имлои онҳо

**Ангезиши зеҳн**

- Оид ба сохти феълҳо чӣ медонед?
- Феълҳои сохта аз чӣ таркиб ёфтаанд?
- Феълҳои таркибӣ чӣ тавр сохта мешаванд?
- Пешвандҳои феълсоз кадомҳоянд?
- Пешвандҳои ме-(ҳаме-), би-(бу-), на-(ма-) чӣ гуна пешванданд ва дар калима чӣ хел навишта мешаванд?
- Пешванди на- ихтисор шавад, чӣ гуна навишта мешавад?

**IV. Супориши 1:** Ҷумлаҳоро хонда, феълҳои сохтаи онро муайян карда, имлояшонро шарҳ додан.

1. Ман соли гузашта бо Оҳистамоҳ вохӯрдам.
2. Анварӣ дарро во кард.
3. Ҳомид аз Ҳиндустон баргашт.
4. Мо ба хонаи Саид боз рафтем.
5. Ӯ дигар аз шаҳр барнагашт.

***Дар хотир доред:*** Пешвандҳои феълии **дар-, бар-, фар- (фур-), во-, боз-**: даромадан, баромадан, бархостан, баргаштан, фаромадан, вохӯрдан, бозгаштан якҷоя навишта мешаванд.

**Эзоҳ:** Пешвандҳои **во** ва **боз** ҳамчун калимаи мустақил аз феъл ҷудо навишта мешаванд: во кардан, во гузоштан, боз хондан, боз истодан ҷудо навишта мешаванд:

Пешвандҳои шаклсози **ме-(ҳаме-), би- (бу-), на- (ма-)** якҷоя навишта мешаванд: меояд, меравад, ҳамегӯяд, нахостан, марав.

Агар пешванди **на** ихтисор шавад, бо нимтире навишта мешавад: н-омӯзад, н-омад ва ғ. Ҷумлаҳоро хонед, феълҳои сохтаро муайян карда, имлояшонро шарҳ диҳед.

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Машқи 110-ро навишта, феълҳои сохтаро муайян кардан ва имлояшонро шарҳ додан.

**VI. Кор дар гурӯҳҳои чорнафара.** Кор бо машқи 111. Ҳикояро хонда, мазмуни онро нақл кардан; феълҳое, ки бо пешванди ҳаме- омадаанд, шарҳ додан; ҳоло ҷойи онро чӣ иваз кардааст, муайян кардан. Мисоле овардан, ки дар он бад-ӯ истифода шуда бошад ва имлояшро шарҳ додан.

**VII. Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳо.**

Гурӯҳи 1. Кор бо машқи 112. Матнро бодиққат хонда, хулосаи худро навиштан;

- Феълҳои ишорашударо шарҳ дода бо истифодаи онҳо ҷумла тартиб додан;

Гурӯҳи 2. Кор бо машқи 113. Порчаи манзумро ифоданок хонда, ҳар байти онро маънидод кардан.

- Феълҳои ишорашударо шарҳ дода, замони онҳоро муайян кардан.

Гурӯҳи 3. Кор бо машқи 114, 115. Порчаҳои манзумро хонда, мазмуни онҳоро шарҳ додан.

- Феълҳои ишорашударо аз лиҳози сохт ва имло шарҳ додан.

• Муаррифии гурӯҳҳо.

VIII. **Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Ҷадвалро пур карда, шарҳ додан;

| Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |

• таҳлили иҷрои супориш;

• саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Машқи 116-ро хонда, тақлидан ба он дар хусуси касбе, машғулияте нақле навиштан.

**XI. Ҷамъбасти дарс.**

## §31. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ➢ имлои феълҳои таркибиро риоя кардан;
- ➢ сохти феълҳоро шарҳ дода тавонистан;
- ➢ дар калимасозӣ малакаи бештар пайдо кардан;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 116-ро хонда, тақлидан ба он дар хусуси касбе, машғулияте нақле навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III.Баёни мавзӯи нав. Феълҳои таркибӣ ва имлои онҳо**

**Ангезиши зеҳн.**

- Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?

- Сохти ин калимаҳоро муайян кардан: *даъват кардан, андеша кардан, аз бар кардан, аз ёд кардан, ба ҷо овардан, умр ба сар бурдан, ба воя расидан, хонда буд, хондан гирифт, рафта истода буд, ташкил карда мешавад.*

| Феъли таркибии феълӣ | Феъли таркибии номӣ | Шаклҳои таркибии феълӣ |
|---|---|---|
| | | |

**IV. Кори фардӣ.** Супориш: Ҷумлаҳои машқи 117-ро навишта, феълҳои таркибии онҳоро аниқ сохта, шарҳ додан.

***Дар хотир доред:***

- ҷузъҳои феъли таркибӣ: даъват кардан, андеша кардан, сурх шудан;

- ҷузъҳои феълҳои таркибии номии пашоянддор: аз бар кардан, аз ёд кардан, ба ҷо овардан, умр ба сар бурдан, ба воя расидан ва ғ.;

- шаклҳои таркибии феълӣ: хонда буд, хондан гирифт, рафта истода буд, ташкил карда мешавад ва ғ.;

- бандаки хабарии **аст** аз ҳиссаҳои номии нутқ: коргар аст, доно аст, пешқадам аст, довталаб аст ва ғ. ҷудо навишта мешаванд.

1. Дар баъзе ҷойҳо ҳанӯз дуд фаввора мезад.

**V. Кори дунафара.** Ҳикояи машқи 118-ро хонда, мазмунашро нақл кардан; хулосаи худро мухтасар навиштан; имлои феълҳои ишорашударо шарҳ додан; бо феълҳои ишорашуда ҷумла навиштан.

**VI. Кор дар гурӯҳҳо.** Кор бо машқи 119. Матнро хонда, нақл кардан; Дар бораи ягон эҳсосоти гуворои дар зиндагӣ рухдода навиштан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Феълҳои машқи 120-ро таҳлили сарфӣ (морфологӣ) кардан.

• Таҳлили кори хонандагон;

•Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 121. Матнро нависед, феълҳои онро ёбед ва чӣ нақш доштани онҳоро шарҳ диҳед. Имлои феълҳоро маънидод кунед.

**IX.Ҷамъбасти дарс.**

## §32. СИФАТИ ФЕЪЛӢ, ФЕЪЛИ ҲОЛ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– замон, тарз, намудҳои феълро дуруст истифода мебарад,

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– тавассути савол феълро аз матн муайян карда тавонистан;

– аҳамияти феълро дар нутқ дарк кардан;

– аломатҳои морфологии феълро номбар кардан;

– нутқи шифоҳию хаттиро такмил додан;

– мафҳумҳои феъли ҳол, сифати феълӣ ва шакли махсуси феъл будани онҳоро шарҳ додан;

– муқаррар кардани вазифаҳои феъли ҳол ва сифати феълӣ;

– фарқ кардани феъли ҳол аз сифати феълӣ; д

– дар нутқи шифоҳию хаттӣ дурусту бамавқеъ истифода бурдани феъли ҳол ва сифати феълӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 121. Матнро нависед, феълҳои онро ёбед ва чӣ нақш доштани онҳоро шарҳ диҳед. Имлои феълҳоро маънидод кунед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Сифати феълӣ, феъли ҳол ва имлои онҳо

Ангезиши зеҳн.

1. Зери маҳфуми сифати сифати феълӣ чиро мефаҳмед?
2. Сифати феълӣ чанд замон дорад?
3. Сифати феълӣ аз чӣ тартиб меёбад?
4. Феълӣ ҳол чанд шакл дорад?
5. Сифати феълӣ аз феъли ҳол чӣ фарқ дорад?

**IV. Супориши 1:** Шарҳ диҳед, ки сифати феълӣ аз кадом ҷиҳат ба феъли ҳол монанд аст?

| Сифати феълӣ | Феъли ҳол |
|---|---|
| Хатмкунанда, анҷомёфта | бозикунон, хандон-хандон |

Хонандагони синф ба 2 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд.

**V. Супориши 2:** Кор бо машқи 122. Матнро хонда, мазмунашро нақл кардан.

Гурӯҳи 1. Ҷумлаҳои сифати феълдоштаро навиштан; имло ва чӣ тавр сохта шудани онҳоро шарҳ додан.

Гурӯҳи 2. Ҷумлаҳои феъли ҳолдоштаро навиштан, имло ва чӣ тавр сохта шудани онҳоро шарҳ додан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

***Дар хотир доред:***

1. а) сифатҳои феълии замони ҳозира бо пасванди –<u>анда: </u>хатмкунанда, ҷавобдиҳанда, нишондиҳанда, пешбаранда ва ғ.

б) сифатҳои феълии замони гузашта бо пасванди – <u>а:</u> иҷрокунанда, қафомонда, анҷомёфта ва ғ.;

в) сифатҳои феълие, ки аз феъли таркибии номӣ ва иборaҳои пешояндӣ сохта шудаанд: кори баанҷомрасида, ҷавони азхудрафта, пири барҷомонда, умеди барбодрафта ва ғ.;

г) сифатҳои феълии замони оянда бо пасванди –ӣ: фаромӯшнашуданӣ, иҷрошуданӣ ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.

2. а) ҷузъҳои феъли ҳол бо пасванди –он (-ён): бозикунон, навозишкунон, рақскунон, сурудгӯён ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.

б) феъли ҳоли такрор: ларзон-ларзон, хандон-хандон, хандида- хандида, давон-давон… ва феъли ҳол бо ҷузъи номии такрор: пичир-пичиркунон, ҳай-ҳайгӯён, чаҳ-чаҳзанон ва ғ. бо нимтире навишта мешаванд.

в) феъли ҳоли таркибии замони гузашта:

аз ҳуш рафта (афтид), аз по афтода (маҷрӯҳ шуд) ва ғ. ҷудо навишта мешавад.

**VI. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Машқи 124. Матнро хонда, феъли ҳоли онро ёфта, имлои онро шарҳ додан. Мувофиқи фаҳмиши худ бо истифода аз сифати феъли ҳол инсони ҳақиқиро тасвир кардан; феълҳои матнро аниқ сохта шарҳ додан.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

**XI.** Калимаҳоро ба гурӯҳ ҳоҷудо карда, имлоҳояшонро шарҳ додан:

Гурӯҳи 1: Баранда, қафомонда, анҷомёфта, баанҷомрасида, азхудрафта, баҷомонда, фаромӯшнашуданӣ, иҷрошуданӣ;

Гурӯҳи 2: Бозикунон, сурудгӯён, давон-давон, хандида-хандида, пичир-пичиркунон, ҳай-ҳайчӯён, чаҳ-чаҳкунон, рафта, афтода.

| Сифати феълӣ | Феъли ҳол |
|---|---|
| | |

Интихобан ибора ё ҷумла навиштан.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Порчаи манзумро ифоданок хонда, байт-байт маънидод кардан. Имлои феълҳои ишорашуда ва феъли ҳолро шарҳ додан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VIII. Вазифаи хонагӣ:** Машқи 123-ро хонда, дар такя ба хулосаи ҳикоя дар мавзӯи «Ҷавонмардӣ» нақле навиштан.

**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## §33. КОР БО МАТНИ ҚАРОРДОДИ МЕҲНАТӢ
(дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.8. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни ариза, санад, қарордоди меҳнатӣ.

Хонанда

– матни ариза, санад, қарордоди меҳнатиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, санад, қарордоди меҳнатиро менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳадафи пешниҳод намудани қарордоди меҳнатиро дарк карда тавонистан;

– мавриди тартиб додани қарордоди меҳнатиро донистан;

– тартиби таҳияи қарордоди меҳнатиро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;

– фарқ кардани қарордоди меҳнатиро аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 123-ро хонда, дар такя ба хулосаи ҳикоя дар мавзӯи «Ҷавонмардӣ» нақле навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав**. Кор бо матни қарордоди меҳнатӣ

**Оғози дарс**

1. Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?

2. Ба фикри Шумо қарордод дарои чӣ лозим аст?

3. Онро боз бо ягон калимаи дигар ифода кардан мумкин аст?

**Супориши 1:** Ҷадвалро пур кунед.

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

**IV. Супориши 2:** Хазинаи маърифат. Матни 126-ро, ки дар бораи қарордод аст, хонда байни ҳам муҳокима кунед. Хулосаатонро бо се-чор ҷумла нависед.

***Дар хотир доред:*** Матни қарордод тахминан аз ҷузъҳои зерин таркиб ёфтааст:

1.Номи ҳуҷҷат;

2.Таърих ва маҳалли тартиб дода шудан (дар тарафи чапи варақ);

3. Номи муассиса ё шахсони алоҳида, ки қарордод мебандад бо зикри вазифа ва ҷойи зист;

4. Мазмуни қарордод, хусусият ва ҳаҷми умумии кор;

5. Шароити кору хидматҳо, ки аз тарафҳо иҷроияшро ба уҳда мегиранд;

6.Муҳлати иҷро;

7.Шартҳои пардохти музди меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоӣ сабт мешаванд;

8. Нишондоди натиҷаҳое, ки боиси иҷро нашудани қарордоди мазкур мегардад;

9. Тартиби ҳалли баҳсҳо ё ихтилофоте, ки ҳангоми иҷрои кор ба вуҷуд меояд;

10.Нишонии ҳуқуқии тарафҳои қарордодбаста;

11. Имзо кардани ҳар ду тараф;

12. Муҳри гузоштаи ҳар ду тараф.

• Одатан қарордод баъди дар идораи сабти шаҳрвандӣ (муассисаи давлатии нотариус) ба қайд гирифтан қувваи қонунӣ мегирад. Қарордоди байни муассисаҳо ва шахсҳои алоҳидаро созишнома мегӯянд.

**V. Супориши 3:** Кор дар гурӯҳҳо.

**Гурӯҳи 1:** Машқи 127. Намунаи қарордодро хонда, бо тартиби умумии он шинос шинос шудан. Матни қарордодро бо ҳам муҳокима кардан.

**Гурӯҳи 2:** Матни қарордоди хондаатонро аз рӯи мавзӯъ ба гурӯҳҳо ҷудо кардан. Қарордод аз рӯи кадом мавӯъ ва масъалаҳо навишта мешудааст? Ба қарордодҳо рақам гузошта, мавзӯяшонро муайян кардан.

| Қарордоди № 1 | Қарододи № 2 | Қарордоди № 3 |
|---|---|---|
| | | |

**Гурӯҳи 3:** Матни қарордодҳоро хонда, ҷузъҳои таркибии онро муайян кардан.

**Гурӯҳи 4:** Қарордодҳоро хонда, чӣ гуна ҳуҷҷат будани онҳоро муайян кунед. Муайян кардани тарафҳо дар бастани қарордод.

**Гурӯҳи 5:** Иҷрои машқи 128. Матни қарордодро хондед, бо ҷузъҳои таркиби он ошно гаштед. Ва фаҳмидед, ки қарордод дар мавзӯъ ва масъалаҳои гуногун таҳия карда мешавад. Қарордоди зеринро пурра намоед.

Дар кишварамон ҳамасола Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ ва ғайраҳо ботантана ҷашн гирифта мешаванд. Дар робита ба ин ҷашнҳо чорабиниҳои гуногун: озмуни Шоҳномахонӣ, Рӯзи Рӯдакӣ, Рӯзи забони давлатӣ дар мактабҳо ба роҳ мемонанд. Қарордоди зеринро такмил диҳед.

Оғози мусобиқае, ки байни синфҳои 10 «А» ва 10 «Б» бахшида ба 21-солагии Ваҳдати миллӣ ба нақша гирифта шудааст, чунин аст:

Қарордод

Оид ба мусобиқаи хонандагони синфҳои 10 «А» ва 10 «Б» литсейи № 55 ш. Душанбе оид ба сазовор пешвоз гирифтани Ваҳдати миллӣ

аз «10» январи соли 2017

Хонандагони синфҳои 10 «А» ва 10 «Б» ш. Душанбе ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани 20-солагии Ваҳдати миллӣ, ки 27 июни соли ҷорӣ доир шуд, ухдадориҳои зеринро қабул карданд:

1. Ба он муваффақ шуданд, ки…

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

• Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ кунед.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Машқи 129. Матнҳои қарордодро хонда, хусусияти онҳоро муайян кардан. Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

| Хусусият | Фарқ |
|---|---|
| | |

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VII. Ҷамъбаст.** Аз ин дарс чиро донистед?

**VIII. Эълони баҳо.**

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Ҷамъоварии намунаҳои қарордод.

## §34. КОР БО МАТНИ ҚАРОРДОД
### (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.8. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни ариза, санад, қарордоди меҳнатӣ.

Хонанда

– матни ариза, санад, қарордоди меҳнатиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, санад, қарордоди меҳнатиро менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳадафи пешниҳод намудани қарордоди меҳнатиро дарк карда тавонистан;
– мавриди тартиб додани қарордоди меҳнатиро донистан;
– тартиби таҳияи қарордоди меҳнатиро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
– фарқ кардани қарордоди меҳнатиро аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ҷамъоварии намунаҳои қарордод ба хазина.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни қарордод**

**Ангезиши зеҳн:**

- Қарордод чӣ гуда ҳуҷҷат аст?
- Махсусияти қарордод аз чӣ иборат аст?
- Ҷузъҳои таркибии он кадом аст?

**IV. Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Матни қарордодҳои хазина (ё интихобшуда)-ро хонда, ба кадом услуби забон тааллуқ доштани онро муайян кардан. Сипас, хусусиятҳои ин услубро дар асоси матнҳои қарордод шарҳ додан.

• Баррасии кори хонандагон.

**V. Супориши 2: Кори дунафара.** Матни қарордодро (аз хазина) хонда, феълҳои таркибии матнро аниқ карда, навиштан ва шарҳ додан. Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳо гузоштан:

| **Феълҳои таркибии номӣ** | **Феълҳои такрибии феълӣ** | **Баҳо** |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

VI. **Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 129. Матнҳои қарордодро хонед ва махсусиятҳои онҳоро мушаххас кунед. Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд.

**Гурӯҳи 1:** қарордоди аввал;

**Гурӯҳи 2:** қарордоди дуюм.

**Гурӯҳи 3:** Матни қарордоди машқи 131-ро хонда, ба сохтори он диққат додан.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Муайян кардани мушаххасоти қарор ва таҳияи қарордод.

• Баррасии андешаҳо;
• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VIII. Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 130. Матни қарордодро бодиққат хонед ва мавзӯи қарордодро муайян кунед ва шарҳ диҳед. Мустақилона чунин як қарордод таҳия кунед.

**IX. Ҷамъбасти дарс.**

## VIII. ШУМОРАЮ ҶОНИШИН ВА ИМЛОИ ОНҲО
## §35. ИМЛОИ ШУМОРАҲОИ ТАРТИБӢ ВА КАСРӢ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва чудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккаб, шумора ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– аз матн шумораҳоро ҷудо карда тавонистан.

– хели шумораҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода кардан;

– навъҳои шумораро шинохтан ва дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонистан;

– сохт ва имлои шумораҳоро аз худ кардан;

– шумораҳои тартибӣ, тахминӣ ва касриро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонистан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 130. Матни қарордодро бодиққат хонед ва мавзӯи қарордодро муайян кунед ва шарҳ диҳед. Мустақилона чунин як қарордод таҳия кунед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Шумораю ҷонишин ва имлои онҳо. Имлои шумораҳои тартибӣ ва касрӣ

Ангезиши зеҳн.

1. Оид ба шумора чӣ медонед?

2.Истифодаи шумора дар нутқ чӣ аҳамият дорад?

3. Шумора чанд навъ дорад?

4. Шумора аз ҷиҳати сохт чанд хел аст?

**IV. Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Шумораҳои зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, аз ҷиҳати имло шарҳ додан:

*Даҳ, бист, панҷ, чор, сеюм, чорум, сеюмин, панҷум, даҳумин, ҳафтуюм, 5-ум, 12-ум, сеяк, чоряк, шашяк, яку ним, дуюм ним, аз се як, аз шаш чор ҳазор.*

***Дар хотир доред:***

1. а) пасвандҳои шумораи тартибӣ: - ум (-юм), - умин (-юмин):

сеюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳумин ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.

б) пасвандҳои шумораи тартибии –ум (-юм), -умин (-юмин)

аз рақам: 5-ум, 12-ум, 2-ум бо дефис навишта мешаванд:

а) шумораҳои касрӣ: сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк ва ғ. якҷоя навишта мешаванд:

б) шумораи касрӣ аз шумораи аслӣ: яку ним, дуву (ю) ним ва ғ. ҷудо навишта мешавад;

в) шумораҳои касрӣ бо пешоянди аз ҷудо навишта мешаванд: аз се як, аз шаш чор, аз панҷ се ва ғ.

| Миқдорӣ | Тартибӣ |
|---|---|
| Даҳ, бист … | сеюм, чорум … |

**V. Супориши 2:** Кори гурӯҳӣ: ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Порчаи манзуми машқи 132-ро ифоданок хонда, мазмунашро нақл карда, шумораҳои онро ёфтан ва аз ҷиҳати имло шарҳ додан. Луғатҳоро навиштан.

**Гурӯҳи 2:** Бо шумораи тартибӣ ва касрӣ ҷумла навиштан.

**Гурӯҳи 3:** Бо шумора ребус сохтан.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 3:** Машқи 134. Чистонро бодиққат хонда, ҷавобашро ёфтан, калимаҳои ишорашударо аз ҷиҳати сохт шарҳ додан.

• Баррасии андешаҳо;

• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VII. Вазифаи хонагӣ**. Машқи 133-ро хонда, нақл кардан. Гӯед, ки аз мутолиаи матн ба чӣ хулоса омадед. Таълими пешинро бо таълими имрӯза муқоиса карда, фикратонро мухтасар нависед.

**VIII. Ҷамъбасти дарс.**

## §36. ШУМОРАҲОИ ТАРКИБӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккаб, шумора ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– аз матн шумораҳоро ҷудо карда тавонистан;

– хели шумораҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода кардан;

– навъҳои шумораро шинохтан ва дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонистан;

– сохт ва имлои шумораҳоро аз худ кардан;

– шумораҳои тартибӣ, тахминӣ ва касриро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода карда тавонистан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 133-ро хонда, нақл кардан. Гӯед, ки аз мутолиаи матн ба чӣ хулоса омадед. Таълими пешинро бо таълими имрӯза муқоиса карда, фикратонро мухтасар нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Шумораҳои таркибӣ ва имлои онҳо**

**Ангезиши зеҳн:**

**-** Оид ба сохти шумора чӣ медонед?

- Истифодаи шумора дар нутқ чӣ аҳамият дорад?

- Шумораҳои таркибӣ чӣ хел сохта мешаванд?

**Супориши 1:** Калимаҳои зеринро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед:

*Дусаду панҷоҳу ду, сесаду бисту як, як ҳазору сесаду бист, ҳазору нӯҳсаду наваду панҷ.*

***Дар хотир доред:*** Шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки **–у (-ю,-ву)** сохта шудаанд: дусаду панҷоҳу ду, сесаду бисту як, як ҳазору дусаду бист ва ғ. ҷудо навишта мешаванд.

**IV.Супориши 2: Кори инфиродӣ.** Ҷадвалро пур кардан:

| Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|
| Даҳ | Дуюм | Дусад | Панҷоҳу панҷ |

• Муаррифии кори хонандагон.

**V.Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқҳо

**Гурӯҳи 1:** Матни машқи 135-ро хонда, мазмунашро нақл кардан; шумораҳои матнро ёфта, аз назари имло шарҳ додан.

**Гурӯҳи 2:** Бо шумораҳои таркибӣ ҷумла навишта, имлои онҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 3:** Кор бо машқи 136. Матнро хонда, хулосаатонро бо 2, 3 ҷумла баён кардан. Шумораҳоро навишта, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4:** Кор бо машқи 137. Ба тарзи навиштани шумораҳо диққат дода, имлои онро шарҳ додан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Кӣ байте мегӯяд, ки дар таркибаш шумора бошад?

• Баррасии андешаҳо;

• Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ.

**VII. Вазифаи хонагӣ:** Дар мавзӯи «Аъмоли зишти Чингиз» бо истифода аз шумораҳо нақле навиштан.

**VIII.Ҷамъбасти дарс.**

## §37-38. ҶОНИШИН ВА ИМЛОИ ОН

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккаб, шумора ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

–тарзи талаффуз ва навиштан ҷонишинҳоро аз худ кардан;

– аз матн ҷонишинҳоро ҷудо карда тавонистан;

– ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода бурдан;

– дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ навъҳои ҷонишинҳоро бамаврид истифода карда тавонистан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Аъмоли зишти Чингиз» бо истифода аз шумораҳо нақле навиштан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Ҷонишин ва имлои он**

**Ангезиши зеҳн:**

- Оид ба ҷонишин чӣ медонед?
- Ҷонишин чанд хел мешавад?
- Ҷонишинҳо муродиф доранд?

**IV. Супориши 1:** Ҷонишинҳоро аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳо ҷудо карда, имлои онҳоро шарҳ додан.

*Ҳамин, ҳамон, ҳамчунон, инчунин, ончунон, инҷониб, онҷониб, ин гуна, он гуна, ин қадар, ҳар як, ҳеҷ чиз, чӣ гуна, чӣ навъ.*

| Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|
| Ҳамин | Инчунон | Он гуна |

***Дар хотир доред:***

1. а) ҷонишинҳои сохта: ҳамин, ҳамон, ҳамчунон ва ғ.;

б) ҷонишинҳои мураккаб: инчунин, ончунон, инҷониб, онҷониб ва ғ.;

в) бандакҷонишинҳо -ам,-ат,-аш, -амон, -атон, -ашон бо калимаҳои дигар: китобам, китобат, китобаш, китобашон, китобатон, китобамон ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.

Эзоҳ: Бандакҷонишинҳо ҳангоми ихтисор дар назм аз калима бо нимтире ҷудо навишта мешавад: писар-м, писар-т, писар-ш ва ғ.

2. а) ҷонишинҳои таркибӣ: ин гуна, он гуна, ин қадар, ҳар як, ҳеҷ як, чӣ гуна? чӣ навъ ва ғ.

б) ҷонишинҳои саволии кӣ? чӣ? ва ғ. дар таркибҳо: чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ қадар ва ғ. ҷудо навишта мешаванд;

3. Ҷонишинҳои номуайянӣ: ким-кӣ, ким-чӣ, ким-киҳо, ким-чиҳо, ким- кадом ва ғ. бо нимтире навишта мешаванд.

**V. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳои шифоҳӣ.

**Гурӯҳи 1:** Кор бо машқи 138. Матнро хонда, мақсади асосии муаллифро муайян сохтан; ҷонишинҳои матнро ёфта, имлои онҳоро шарҳ додан; ҷонишини Шумо ҷойи кадом ҷонишинро гирифтааст? Ба саволу супориши машқ ҷавоб гуфтан.

**Гурӯҳи 2:** Кор бо машқи 139. Порчаи манзумро ифоданок хонда, мазмуни онро нақл кардан; ҷонишинҳои онро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ додан.

**Гурӯҳи 3:** Кор бо машқи 140. Матнро хонда, ҳадафи онро шарҳ додан. Шарҳ диҳед, ки чаро ҷонишини <u>ман</u> дар аввали ҳар ҷумла истифода шудааст?

•Муаррифии кори гурӯҳҳо

**Супориши 3:** Ҳалли машқҳои хаттӣ. Гурӯҳҳо мутаносибан машқҳоро иҷро менамоянд.

**Гурӯҳи 1:** Кор бо машқи 142. Матнро хонда, мазмунашро мухтасар навиштан. Ҳини навиштан муродифҳои ман-ро истифода кардан.

**Гурӯҳи 2:** Кор бо машқи 144. Матнҳоро хонда, мазмунашро нақл кардан. Ба мазмуни матн монанд зарбулмасалу мақолҳо пайдо карда навиштан. Ҷонишинҳои матнҳоро ёфта, шарҳ додан.

**Гурӯҳи 3:** Иҷрои машқи 143. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки мазмуни матн бароятон писанд омад ё не? Ба дурустии гуфтаи адиб боварӣ доред? Аз ҳаёти худ ба наздиконатон воқеоти ба ин монандро ба ёд оварда нақле нависед.

•Муаррифии кори гурӯҳҳо

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши** 4: Кор бо машқи 141. Матнро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Муродифҳои ҷонишини *ман*-ро ёфта, шарҳ додан.

**VII. Вазифаи хонагӣ:** Машқи 145-ро хонда, такя ба мазмуни он дар мавзӯи «Гиёҳҳои шифобахш» иншое навиштан.

**VIII.Ҷамъбасти дарс.**

## §39. ҶОНИШИНИ *ШУМО* ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккаб, шумора ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– тарзи талаффуз ва навиштан ҷонишинҳоро аз худ кардан;

– аз матн ҷонишинҳоро ҷудо карда тавонистан;

– ҷонишинро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода бурдан;

– дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ навъҳои ҷонишинҳоро бамаврид истифода карда тавонистан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 145. Матнро хонед ва мазмуну моҳияти онро мухтасар баён кунед. Дар мавзӯи «Гиёҳҳои шифобахш» иншое нависед. Муайян кунед, ки дар матн кадом ҷонишин бештар истифода шудааст.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Ҷонишини *шумо* ва мавқеи он дар забони тоҷикӣ

**Оғози дарс.**

**-** Ҷонишини шахси дуюми ҷамъ кадом аст?

- Ҷонишини Шумо ба ҷойи кадом ҷонишин истифода мешавад?

- Хусусияти услубии ҷонишини Шумо чӣ гуна аст?

**Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Мутолиаи матнҳо оид ба истифодаи ҷонишини *Шумо.*

• Муҳокимаи ақидаҳо.

***Дар хотир доред:*** Ҷонишини шахси дуюми ҷамъ (шумоҳо, шумоён) касони зиёдеро мефаҳмонад: Шумоён дар ин ҷо маълумоти нағз мегиред. (С.У.). Ҳо, шумо муаллимонед. (С. У.)

Ҷонишини шумо барои ҳурмат ба як кас ба ҷои ту низ истифода мешавад: Акамахдум, Шумо ба ман меҳрубонии бародарона кардед.(С. А.) Шумо бо падари ман дар куҷо чӣ гуна шинос шуда будед.(С.У.) Дар сурати ба маънои эҳтиром омадан калимаи Шумо бо ҳарфи калон навишта мешавад. Масалан, дар аризаҳои мурочиатӣ ҳамеша Шумо ба як нафар нигаронида шудааст, вале аз рӯйи эҳтиром он бо ҳарфи калон навишта мешавад.

**IV. Супориши 2. Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Машқи 146-ро хонда, ҷонишини фақир ба кадом маъно омадааст, муайян кардан.

**Гурӯҳи 2:** Машқи 147-ро хонда, мақсади он баёнро кардан. Ҳар як ҷонишинро муайян карда, вазифаи онҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 3:** Машқи 148-ро хонда, матлаби онро муайян кардан. Аз ҳаёти парандагон ва ё ҳайвонот иншое таълиф кардан.

**Гурӯҳи 4:** Машқи 149-ро хонда, ҷонишинҳои онро ёфтан. Чаро дар ин матн ҷонишин кам истифода шудааст?

**Гурӯҳи 5:** Иҷрои машқи 150. Порчаро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки шоир киҳоро дар назар дорад? Шумораҳои матнро ёфта нависед ва аз лиҳози сохту имло шарҳ диҳед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 3:** Тартиб додани муколама бо истифодаи ҷонишини *Шумо.*

**VI. Ҷамъбасти мавзӯъ тавассути саволу ҷавоб.**

**VII. Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 148. Матнро хонед ва гӯед, ки матлаби он аз чӣ иборат аст? Аз ҳаёти парандагон ва ҳайвонот чизе донед, ба хотир оварда иншое таьлиф кунед. Кадом сифатҳои онҳо ба шумо писанд омадаанд, шарҳ диҳед. Дар зери ҷонишинҳо хат кашед.

**VIII.Ҷамъбасти дарс.**

## §40. ИМЛОИ САНҶИШ
### Эҳтироми нон

Писарак пораи нонеро газиду боқимондаашро ба об ҳаво дод ва боз машғули бозӣ шуд. Намедонистем, ки нон чист ва чӣ тавр тайёр мешавад. Охир, ӯ хеле хурд аст. Ибодат, ки дар синфи чорум мехонад, нонро аз об гирифта, ба нонқуттӣ андохта ва бо коҳиш ба писарак аз меҳнати барои ин нон сафшуда хотиррасон кард.Эҳтимоли рӯй додани ин ҳодиса ҳар рӯз вуҷуд дорад.

Дирӯз ҷамъомади умумии хонандагон ва омӯзгорон таҳти шиори «Нон – асоси зиндагӣ» шуда гузашт. Рӯзномаи девории синфҳо ва мактаб низ ба нон ва сарфаи он бахшида шуда буд. Расму шиор ва лавҳаҳо ба эҳтироми нон даъват менамуданд. Дар ҷамъомад ба хотири Талбак Лолаев шеърҳо хонда шуд. Баъд Турсунбобо Эшонов ба наврасон аз хусуси қаҳтиву гуруснагии замонҳои гузаштаи халқамон ҳикоя кард. Нақли ӯ хеле аҷоибу мутаассир буд. Собиқ коргари одӣ, деҳқони асил Турсунбобо нонпора ва нонрезаҳои қуттии тозаву озодаи мактабро ба хонааш мебарад. Ҳар гоҳе ки аз қуттӣ нонҳоро ба рӯймолаш холӣ мекунад, аввало пораҳои нонро бӯсида, ба дидаҳояш мемоладу азобу машаққатҳои солҳои қаҳтӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ёдаш расида, чашмони лиққи обашро бо нӯги остини ҷомааш пок менамояд.

Акнун бо таъсири ҳикояи ӯ дар таги парта, саҳни мактаб, лаби ҷӯйҳо пораҳои нон дида намешаванд. Бачаҳо ба хотири эҳтиром нонрезаҳоро чида, ба нонқуттӣ меандозанд. (207 калима). аз « Машъал».

## §41. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ(БА МАҚОЛАЕ ТАҚРИЗ НАВИШТАН)
### (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**
10.2.9. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои тақриз.
Хонанда
- матни тақризҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
- тақризи кӯтоҳ менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
- фарқ кардан тавонистани тақриз аз дигар жанрҳо;
- шарт ва мавриди навиштани тақриз донистан ва аз худ кардани моҳияти он;
- тартиби таҳияи тақризро дар мавридҳои гуногун омӯхтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 148. Матнро хонед ва гӯед, ки матлаби он аз чӣ иборат аст? Аз ҳаёти парандагон ва ҳайвонот чизе донед, ба хотир оварда иншое таълиф кунед. Кадом сифатҳои онҳо ба шумо писанд омадаанд, шарҳ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни тақриз.

**Оғози дарс:**

- Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?
- Тақриз дар кадом маврид ба кор меояд?
- Тақризро кӣ менависад?
- Тақриз чӣ хусусият дорад?

• Шарҳи назариявии омӯзгор.

• Ба ёд оред: Тақриз (ар.- мадҳ кардан, танқиди мадҳомез) як жанри танқиди адабӣ ва журналистика буда, асосан асарҳои адабӣ, бадеӣ ва илмиро таҳлил мекунад ва ба онҳо баҳо медиҳад.

**IV. Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Кор бо матни тақриз. Омӯзгор якчанд намунаи тақризро ба гурӯҳҳо пешниҳод мекунад. Хонандагон бо намунаҳои тақриз шинос шуда, фикру мулоҳизаи худро баён мекунанд.

**V.Супориши 2: Кори гурӯҳӣ** бо китоби дарсӣ. Фикру ақидаҳоеро, ки хонандагони синфҳои гуногун пас аз хондани қиссаи «Дили бемор»-и М. Лутфуллоев навиштаанд, дар гурӯҳҳо хонда мулоҳиза рондан. Муайян кардани он ки кадоме аз онҳо тақриз аст ва кадоме ба тақриз наздик.

**VI. Супориши 3: Кори инфиродӣ.** Машқи 151. Аз рӯзномае ягон мақолаашро интихоб карда, бо такя ба нақшаи пешниҳодшуда тақриз навиштан. Дар тақризи навиштаатон аз калимаю ибораҳои туфайлӣ истифода баред. Агар ҷумлаҳои калимаю ибораҳои туфайлидор бошанд, аломатҳои китобаташонро шарҳ диҳед.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳо гузоштан.

| Мазмун | Имло | Иҷрои супориш | Риояи аломатҳои китобат | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Кор бо машқи 152. Тақризро бодиққат хонда ба қисмҳо ҷудо кардан.

**VIII. Ҷамъбасти мавзӯъ ба тариқи саволу ҷавоб**

**IX.Эълони баҳо**

**X.Вазифаи хонагӣ: Иҷрои машқи** 153. Ба ягон китоби илмӣ-оммавӣ тақриз нависед.

## §42. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ
## (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.9. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои тақриз.

Хонанда

– матни тақризҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– тақризи кӯтоҳ менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– фарқ кардан тавонистани тақриз аз дигар жанрҳо;

– шарт ва мавриди навиштани тақриз донистан ва аз худ кардани моҳияти он;

– тартиби таҳияи тақризро дар маврилҳои гуногун омӯхтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 153. Ба ягон китоби илмӣ-оммавӣ тақриз нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тақриз**

**Оғози дарс:**

• Тақриз аз эссе чӣ фарқ дорад?

• Тақриз чанд намуд мешавад?

**Супориши 1. Кори гурӯҳӣ.** Матнҳоро дар гурӯҳҳо тақсим кунед, ҳар гурӯҳ баъди мутолиаи матни вобаста хулосаҳояшонро ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ баён кунанд. Ба кадом навъ тааллуқ доштани тақризҳоро муайян кардан.

**Гурӯҳи 1:** Тақризи Хайрулло Раҳимов ба китоби “Хонаводаи солим” (Ф,Шарифзода ва С.Сулаймонӣ)

**Хонаводаи солим**

Китоби « Хонаводаи солим», ки нашриёти «Ирфон» соли 2015 бо теъдоди 200 нусха (75 саҳ.) ба табъ расонидааст, ба қалами академикҳо Файзулло Шарифзода, Ирина Каримова ва Сафар Сулаймонӣ тааллуқ дорад. Он аз ду боб иборат буда, масъалаҳои гуногуни зиндагии хонаводаро дар бар мегирад. Муаллифон дар боби аввал, ки «Меъёрҳои хонаводаи солим» ном дорад, дар бораи меъёрҳои хонавода сухан ронда, қайд мекунанд, ки зан ва шавҳар байни худ ва фарзандон набояд фарқ гузоранд. Онҳо якдигарро бо дигар касон муқоиса накунанд, рафтору ахлоқи хуб дошта бошанд. Муаллифон хонаводаеро, ки аз ахлоқи хуб бархӯрдор нест, мазаммат карда, онро ба мошини гаронбаҳое, ки дар биёбон бе сӯзишворӣ мондааст, монанд кардаанд. «Дар ин гуна хонавода, - омадааст дар китоб, - фарзандон дучори афсурдагию бадахлоқӣ мегарданд. Аммо дар хонаводае, ки дар он хушахлоқӣ пойбарҷост, фарзандон дорои саломатӣ ва амнияти равонианд» ва бо далелҳо собит кардаанд, ки баъзе рафторҳо дар хонавода, аз ҷумла таҳқир, озор, сухани дурушт оқибати бад дорад. Ин ҷо таъкид мекунанд, ки зану шавҳар бояд бо ҳам иртиботи муассир дошта бошанд. Онҳо бояд эҳтиёткор бошанд ва бо забон озори якдигарро раво набинанд. Озору таҳқир, бадзабонӣ, тамасхур ба фарзандон низ сироят мекунад. Рӯзе онҳо ягон узви хонавода ё ҷомеаро мавриди тамасхуру таҳқир қарор хоҳанд дод, вале агар хонавода солим бошад, ҳеҷ гоҳ фарзандон чунин рафтор намекунанд. «Зану шавҳар, -мегӯянд мусаннифон, - дар хона ба харҷу марҷ, бесуботӣ роҳ доданашон лозим нест, бояд барои худ ва фарзандон ҳудуди озодӣ ва назму тартибро муайян кунанд. Дар хонаводае, ки назму тартиб нест, дар он аз фарзандон одоби хуб интизор доштан амри маҳол аст».

Масъалаи рашку бадбинӣ чи аз тарафи мард, чи аз тарафи зан ё худ аз тарафи волидайн нисбат ба фарзандонро низ муаллифон мавриди баррасӣ қарор дода, қайд кардаанд, ки ин амалҳо гармии хонаводаро ба сардӣ табдил медиҳанд ва дар зимн ишорае меоранд, ки дар он тақдири як духтари ноком мавриди тасвир қарор гирифта, бо сабаби занги телефонии тасодуфие боиси бадгумонии падар мегардад. Духтар аз падар муттасил суханони талху носазо шунида, дар натиҷа рӯ ба берун меорад ва дар кӯча бо ду марди нопок дучор мегардад. Онҳо ӯро бо фиреб ба хонаи бекасе мебаранд ва он ҷо ба номусаш дастдарозӣ мекунанд. Баъд аз ин духтар нашъаманд ва шаробхора мегардад. Билохира бо ҷурми фурӯши маводди мухаддир зиндонӣ мегардад. Пай бурдан мушкил нест, ки дар хонадони чунин хонавода баъди ин гуна ҳодиса чӣ мушкилиҳое пеш меояд. Албатта, сарсонӣ, ҷустуҷӯ, такудавҳои бенатиҷа ва пушаймонӣ. Оё чунин хонаводаро солим метавон гуфт? На, ҳаргиз. Кадом хонавода солим аст? Оне, ки барои ҳар кори нек зану шавҳар аз ҳамдигар шукргузорӣ кунанд. Дар ин гуна хонадон бадгумонӣ, кинатузӣ, адоват, хашму ғазаб ҷой надоранд. Роҷеъ ба ин мавзӯъ муаллифон аз Луқмони ҳаким, пайғамбари ислом (с), «Қуръони маҷид» нуктаҳои зиёде овардаанд, ки ҷанбаи баланди тарбиявӣ доранд.

Бадин минвол дар ин боб 48 мавзӯъ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Хуб мешуд, хонандагони арҷманд худ китобро хонда, ба мухтавои ҳар як мавзӯъ, ки ҳар кадом маънои як китоби алоҳидаро доранд, шинос гарданд.

Боби дуюм «Эҳтиром ба падару модар» ном дошта, 16 мавзӯъро дар бар мегирад ва муаллифон дар пешгуфтор чунин қайд кардаанд: «Дар бораи падару модар сухан гуфтан ончунон аҳамиятнок аст, ки шояд чизе дар дунё аз ин муҳимтар набошад. Зеро яке аз муҳимтарин авҷ ба парвози инсонҳо ва инчунин сукут ва набудани онҳо вобаста ба ҳамин шахсонанд...»

Аз ин гуфтаҳо баландтар сухане нест. Кофист бигӯем, ки хонандагон аз мутолиаи ин боб, аз ҷумла мақолаи «Накуӣ ба падару модар» хоҳанд фаҳмид, ки ранҷу азобҳои волидайн ба хусус, модар беҳисоб аст. Барои он ки фарзанд таваллуд гардаду беосеб ба воя расад, чӣ қадар машаққат мекашад. Аз ин рӯ, риояи эҳтироми модар вазифаи ҳар як фарзанд аст. Дар ин бобат чунин гуфтаҳои Имом Ризо (Р) қобили таваҷҷуҳанд: «Ҳаққи модар яке аз лозимтарину воҷибтарин ҳуқуқ буда, адои он бар уҳдаи фарзандон аст, зеро модар фарзанди худро муддатҳо ҳамл мекунад, ки ҳеҷ кас чунин корро анҷом намедиҳад. Вай фарзандро бо тамоми гӯшу чашм ва тамоми вуҷудаш ва камоли майлу рағбат аз хатарҳо ҳифз мекунад... ӯ розӣ аст худаш гурусна бошад, аммо фарзандаш сер...», Ба ин монанд суханонро дар мавзӯъҳои дигар: оташ дар қалб, аҳамияти эҳтиром ба падару модар баъд аз Худованд, аз нафрини падару модар парҳез кардан, маҳрумият аз лутфи Худованд, холиқи ҳақиқӣ ва холиқи маҷозӣ, фоидаи некӣ ба падару модар, дуо барои падару модар, достони муассир ва монанди инҳо дучор омадан мумкин аст.

Дар охир чунин нукта қобили қайд аст, ки дар китобҳои дарсии макотиби кунунӣ дар бораи ҳурмати падару модар ками андар кам мавод дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ, мутолиаи китоби мазкур аз тарафи волидайн, омӯзгорон, роҳбарони синфу маъмурияти мактабҳои таҳсилоти умумии умумӣ шарт ва зарур аст. Онҳо метавонанд аз маводди он дар суҳбатҳо, соатҳои тарбиявӣ истифода бурда, дар ташаккули, шахсияту хештаншиносии кӯдакону наврасон замина гузоранд. Инчунин агар баъзе нуктаҳои каломи Худованд аз «Қуръони карим», суханони пайғамбари ислом (С) ва исломшиносонро дар мавзӯи ҳурмати падар ва модар навишта, дар хона дар синф, дар мактаб, дар деворҳои синфу долонҳо насб кунанд, аз мутолиаи онҳо толибилмон танҳо бурд хоҳанд кард.

**Гурӯҳи 2: Тақризи Саидаи Фазл ба китоби «Сайри маънӣ»**

**Сайре ба «Сайри маънӣ»**

***«Сайри маънӣ» китобест, ки ба ифтихори 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бо ибтикор ва маблағгузории ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии фонди «Диалоги Авруосиё» ба тозагӣ ба табъ расид. Дар таҳия ва таҳрири китоб нависанда ва***

***рӯзноманигори шинохта Абдурауф Муродӣ саҳмгузор буда, он «бардошти чанде аз аҳли илму адаби тоҷик аз сайре дар адабистони Ҷомии волосухан» аст.***

Ёдовар мешавем, ки дар барномаи таълимии адабиёти тоҷик дар робита ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ мавзӯъҳо пешниҳод шудаанд. Масалан, дар барномаи таълимии синфи 7 ҳикояҳо аз «Баҳористон», «Силсилат –уз-заҳаб» ва «Нафаҳот-ул-унс» дар бораи Ҳофиз, Камол, Искандар, Маҷлиси Кисро, ҳикояҳои тамсилӣ: «Шикояти пиразани мазлум бо Санҷар», «Қиссаи рустоӣ»…» оварда шуда, иншо бо номи «Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳикояҳо» муқаррар гардида, азёд ва қироати матнҳо дар назар дошта шудааст. Дар барномаи синфи 9 бошад, мавзӯъҳо чунин муайян шудаанд: Зиндагиномаи Мавлоно Ҷомӣ; Мероси адабӣ; Қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор»; Таҳлили мавзӯъ, ғояву идеяи ғазалҳои шоир; Маълумоти умумӣ доир ба «Ҳафт авранг»; Мазмун, ғоя, заминаҳои пайдоиши достони «Юсуф ва Зулайхо»; Таҳлили образҳои асосӣ; Достони «Хираднномаи Искандарӣ»; Муқоиса бо достонҳои ҳамном; Ифодаи орзую умеди халқ дар достон; Инъикоси ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии адиб дар достон; Мундариҷаи ғоя ва идеяи «Баҳористон»; таҳлили ҳикоятҳо.

Аз китоби «Сайри маънӣ» омӯзгор метавонад барои такмили таълими мавзӯъҳо фаровон истифода барад. Масалан, дар муқаддимаи китоб, ки «Танзимгари рӯҳу равони миллат» ном гузошта шудааст, профессор Нодир Одилов ба шахсияти Ҷомӣ аз нигоҳи Биноӣ ва дар робита ба таҳлили паҳлуҳои фаъолияти адиб баҳо додааст. Ба андешаи таҳлилгар, адиб мубориз будан ва ғурури миллӣ доштанро шарти муҳими ватандорӣ медонад. Омӯзиши ин мавод дар таълими мавзӯъҳое, ки ба ҳаёт ва мазмуни эҷодиёти адиб нигаронда шудаанд, ба омӯзгор чун маводди хуби иловагӣ хизмат расонда метавонад. Дар ин робита матни суханронии Президент Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ «Мавлоно Ҷомӣ- шоир, олим ва орифи барҷаста» оварда шудааст, ки дар он бо шарҳи дӯстии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек таъкид гардидааст.

Устод Маҳмадулло Лутфуллоев дар мақолаш «Фарзандро тарбият мебояд» аз зарурати дарки масъала ҳарф зада, мактабу оиларо паҳлуҳои муҳими амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» донистааст. Устод бо ёдоварӣ аз байти

***Дарси омӯзгор ар бувад замзамаи муҳаббате,***
***Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро***

омӯзгоронро ҳушдор медиҳад, ки барои ҷалби бачаҳо ба таҳсил ва ҷилавгирӣ аз тарки мактаб маҳорати хуби омӯзгор бештар муҳим аст. Ҳамзамон, дар ин мақола оид ба Ҷомӣ барои тарбияти писараш Зиёвуддин дар таъсири «Гулистон» чӣ гуна асар офаридааст, мисолҳо оварда шудаанд.

Адабиётшинос Шарифмурод Исрофилниё дар навиштааш бо номи «Ҷомӣ ва суннати ғазалсароӣ» аз таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба эҷодиёти Ҷомиву Навоӣ ва Ҳофиз андешаронӣ намуда, бо чунин суолҳо масъалагузорӣ намудааст: 1.Кадом мавзӯи ашъори Ҳофиз мавриди писанди Ҷомӣ ва Навоӣ гардидааст? 2.Оё Ҷомиву Навоӣ дар татаббӯи ғазали Ҳофиз сабку услуби тозае ироа кардаанд ё муқаллид буданд? 3. Риояи вазну қавофӣ ва мазомини ашъори Ҳофиз аз ҷониби Ҷомиву Навоӣ ҳангоми татаббӯъ. 4. Оё Ҷомӣ ва Навоӣ дар ин татаббӯъ комёб гаштаанд ё не?

Муаллиф исбот кардааст, ки агар Навоӣ дар пайравӣ ба Ҳофиз 237 ғазал дошта бошад, Ҷомӣ дар пайравӣ ба ҳар ғазали Лисонулғайб 2-3 ғазал дорад. Ба андешаи муаллиф, ғазалҳои Ҷомӣ дар пояи ғазалҳои Ҳофиз набошанд ҳам, истиқлоли фикрӣ доранд, ки ин ба сабки худро доштани адиб далолат мекунад.

Адабиётшинос Вафо Элбоев худшиносӣ, илм омӯхтан, дур будан аз кӯрдилон, баландҳиммат будан, дил ба даст овардан, ташвиқи ваҳдати вуҷудро дар мақолааш, ки «Муҳтавои «Юсуфу Зулайхо»-и А.Ҷомӣ» ном дорад, басе хуб таҳлил намудааст.

Таъсири Ҷомӣ ба Айнӣ то куҷо буд? Ин мавзӯъ дар навиштаи Ҷамолиддин Саидзода «Ҷомӣ ва Айнӣ» басе равшан шарҳ ёфтааст. Аз нигоҳи таҳлилгар, Айнӣ

такрор ба такрор Ҷомиро меомӯхт ва ин таъсир дар осораш мушоҳида мегардад. Чунончи:

Ҷомӣ: ***Атри кафан зи хоки дарат кардам орзу,***

***Охир бубин, ки мебарам ин орзу ба хок.***

Айнӣ: ***Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу***

***Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок!***

Раиси ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии фонди «Диалоги Авруосиё» дар Тоҷикистон Эмсал Коч ба масъалаи дӯстии халқҳо, рушди маънавии мардумон, тантанаи сулҳу ваҳдат, густариши одоби ҳамида дар мақолааш- «Дар хидмати аҳли башар» аҳамияти бештар додааст.

Ба андешаи омӯзгор ва адиб Ҳакималӣ Назаралӣ, фард ҳамон вақт подшоҳи олам мешавад, ки пайваста китоб хонад, шеърҳо аз бар намояд. Ин маъниро ӯ дар мақолааш «Дониш дар кутуб» хуб тавзеҳ дода, хонандаро ба ин васила ба китобхонӣ ҳидоят кардааст.

Як масъалае, ки диққати устоди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон Маҳбуба Бобомуродоваро ба худ ҷалб кардааст, истифодаи лексикаи марбути ороиши занон дар осори Ҷомӣ мебошад. Бобомуродова ташреҳи ин масъаларо дар навиштааш «Гулвожаҳо дар тавсифи бонувон» оварда, бо ин восита завқи зебопарастии хонандагонро боло мебардорад.

Таҳлили ашъори пандуахлоқии шоир дар мақолаи С.Набиева «Дармонбахши дард, илҳомбахши фард» барои омӯзгорон дар мавриди таълими эҷодиёти шоир кумаки хубе шуда метавонад. Тавре ӯ мегӯяд: «Кам шоиронанд, ки дар ҳама маврид аз эҷодиёташон шиор ёфта шавад… Дар дилхоҳ мавзӯъ, агар мо фикри худро бо шеър тақвият доданӣ бошем, бемалол метавонем ба эҷодиёти ин абармарди сухан рӯ оварем…». Ба андешаи муаллиф, ба омӯзиши эҷодиёти устод танҳо дар илми адабиётшиносӣ иктифо накарда, дар забоншиносиву педагогика ва фалсафа ҳам бояд рӯ оварем.

«Ҳадафу муҳтавои ҳар яке аз ин навиштаҳою таълифот аслан дар меҳвари як андеша чарх мезанад: тарбияи насле, ки ғаюру сарбаланд, донишварзу фозил ва ватандори воқеӣ маҳсуб меёбад», - омадааст дар мақолаи Шодӣ Раҷабзод «Ситоишгари ғурури миллӣ». Дар идома муаллиф ба ашъори ватанхоҳонаву ғайратмандона бештар диққат дода, омӯзгоронро водор месозад, ки бо такя ба чунин абёт дар тарбияи насли худогаҳу ватандӯст саҳми бештар гузоранд.

Сайфулло Маҳкамов барои омӯзгорон маводе пешниҳод кардааст, ки дар он тафовути «Баҳористон» ва «Гулистон» нишон дода шудааст. Ба таҳлили адабиётшинос, агарчи «Баҳористон» дар пайравии «Гулистон» таълиф ёфта бошад ҳам, он тақлиди айнан нест. Тамоми фарқҳоро муаллиф манзури хонандагон карда, бо овардани ҳикояҳои дилошӯб ва пандҳои пурмазмун ба ташаккули маърифат ва тарбияи хонандагон таъсир мерасонад.

Таваҷҷуҳи Сайдамир Аминовро покизагии забони матнҳои осори Ҷомӣ, ки дар китобҳои дарсӣ истифода шудаанд ва ҷанбаи тарбиявӣ доштани онҳо бештар ҷалб намудааст. Ба ин маънист, ки ӯ осори адибро «Махзани машқу матнҳо» ном бурда, бо ишора ба яке аз матнҳои китоби дарсӣ мегӯяд: «Дар порчаи мазкур қариб калимаи ношинос вуҷуд надорад ва хонандагон бо ин калимаҳо садҳо маротиба вохӯрдаанд. Дар баробари шумораҳоро омӯхтан хонандагон бо падидаҳои забонӣ –ҳодисаҳои фонетикӣ вомехӯранд, яъне талаффузҳои дурусту саҳеҳи навишти вожаҳои асбоб ва ризқро ёд мегиранд, калимаҳо дар нутқашон фаъол мегарданд, хулоса баровsecurityанро меомӯзанд, мазмуни матнро дарк мекунанд».

Ба ин маънӣ, Мирзо Муллоаҳмад ба андешаҳои башардӯстонаи адиб, аз ҷумла, адлу инсоф, мазамматы риёкорӣ, тарғиби росткорӣ, меҳнатдӯстӣ, ки ҳама ба манфиати инсон нигаронда шудаанд, Урватулло Тоиров дар хусуси аркони шеър, таълими забон ва мусиқӣ, Шодӣ Шокирзода дар доираи «Фарҳанги осори Ҷомӣ» -и Амон Нуров ба 15 ҳазор калимаву ибора, ки бо маънову тобишҳои гуногуни маъноӣ дар осори манзум ва

мансури адиб мавриди истеъмол қарор гирифтаанд, Нуъмон Раҷабзода, Маъруфи Ҳисом дар хусуси шахсияти Ҷомӣ, Имомназари Холназар, Муродалӣ Наҷмиддинов, Султонмуроди Одина дар бораи дигар паҳлуҳои эҷодиёти шоир андешаҳои судманду омӯхтанӣ пешниҳод кардаанд.

Хуллас, «Сайри маънӣ» ба омӯзгорон аз ҷумлаи беҳтарин маводди иловагӣ дар пешбурди таълими фанни адабиёт маҳсуб шуда, теъдоди нашри он (ҳамагӣ 500) талаботи омӯзгоронро дар шароити имрӯза қонеъ намегардонад. Хуб мешавад, ки ҳангоми нашри чунин китобҳо ин паҳлуи масъала ҳам ба назар гирифта шавад.

**Гурӯҳи 3: Тақризи Муҳаммадшариф РУСТАМЗОДА** ба китоби Беҳрӯ Насурова «Ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон»

**Тухфаи мондагор дар Соли ҷавонон**

***Назари пажӯҳишгарона ба мушкилоти ҷавонон***

***Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Соли ҷавонон эълон шудани соли 2017 аз аҳамияти торафт афзояндаи давлат ба ин қишри ҷомеа дарак медиҳад. Донишмандону коршиносонро зарур аст, ки дар бораи сабабу зарурати ин иқдом, дарки маънии мафҳуми ҷавонӣ, мушкилоти ин давраи умр, роҳи ҳалли онҳо ковишу таҳқиқоти ҷомеашиносӣ анҷом диҳанд.***

Дар ин росто яке аз таҳқиқоти муҳим рисолаи донишманди ҷавони соҳаи равоншиносӣ, иҷтимоиётшинос Беҳрӯ Насурова «Ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» (бо забони русӣ) ба ҳисоб меравад, ки охири соли гузашта ба табъ расид. Муаллиф дар он натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаашро ҷамъбаст карда, масъалаҳои муҳимми соҳаро мавриди ҳаллу фасл қарор додааст. Дар рисола мушкилоти асосии ташаккул ва фаъолияти насли ҷавон дар ҷомеаи тағйирёбандаи кишвар баррасӣ гаштааст. Муаллиф бо мақсади омӯзиши мавзӯъ назарсанҷӣ ва таҳқиқоти зиёди иҷтимоӣ гузаронда, бо натиҷаи оморҳои расмӣ шинос шуда, баъди таҳлили комили онҳо дар бораи таъсири омилҳое чун оила, ҷомеа, маълумот, дин ба ташаккули ҷавонон ба хулосаҳои муҳимму ҷиддӣ расидааст. Дар қисмати аввал масъалаҳои назариявию методии омӯзиши ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ, мушкилоти ташаккули онҳо, дар боби дуюм нақши ҷавонон дар ҷомеаи имрӯзи мамлакат, таъсири оила, маълумот, дин дар ташаккули ҷавонон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Беҳрӯ Насурова ҳамчун мутахассиси соҳа дуруст таъкид месозад, ки бо парокандашавии сохти Шӯравӣ ташкилотҳое, ки ҷавононро дар атрофи ғояи муайяне муттаҳид мекарданд, аз байн рафтанд. Аммо зарбаи фалокатбори дуюм ба ҷавонони Тоҷикистон ҷанги дохилӣ буд, ки анъанаҳои мавҷудаи фарҳангӣ, урфу одати миллӣ, ҳатто муомилаю муносибати одии байни инсонҳоро қариб аз байн бурд, боиси пастшавии фаъолиятмандии иҷтимоии ҷавонон, нобоварӣ ба оянда гашт.

Дар рисола далелу рақамҳои ба андеша водоркунанда ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, маълум мешавад, ки то охири асри равон одамони то 25-сола 50 ва то сисола 60 дарсади аҳолии сайёраро ташкил доданашон мумкин аст, ки ин вазъро ба манфиати ин қишри ҷомеа тағйир хоҳад дод. Ногуфта намонад, ки агар то оғози асри XX мафҳуми ҷавонӣ, ҷавонон дар илмҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти алоҳида шинохта нашуда бошад, ҳоло масъалаҳои ин қишри ҷомеаро илми алоҳида баррасӣ менамояд. Донишманди англис Г. Спенсер дар яке аз таҳқиқоти ҷомеашиносии худ бори аввал дар боби алоҳида масъалаи вазъи кӯдаконро мавриди омӯзиш қарор дод. Баъди ин мафҳуми «ҷавонон»-ро бори нахуст иҷтимоиётшиноси ленинградӣ В. Лисовский дар таҳқиқотҳояш соли 1968 ворид сохта, онро чунин таъриф кард: «Ҷавонон наслест, ки давраи иҷтимоиро паси сар карда, баъди камолот вазифаҳои маълумотгирӣ, касбӣ, маданӣ ва дигар ҳадафҳои иҷтимоиро андӯхтааст. Он вобаста ба шароити алоҳидаи таърихӣ омилҳои муайянкунандаи синнусолӣ аз 16 то 30-ро дар бар мегирад». Минбаъд ин таъриф дар таҳқиқотҳои олимони дигар, ҳамчунин, фарҳангҳо ба шаклҳои гуногун бошад ҳам, аслан дар ҳамин маънӣ такрор ёфт. Аз ҷумла дар фарҳангҳо омадааст, ки ҷавонон ҷомеа ё гурӯҳи бузургеанд, ки дорои хусусиятҳои хос,

иҷтимоӣ ва равонӣ мебошанд. Ҳамин тавр, аксарият, аз ҷумла муаллифи рисола низ бар он аст, ки вобаста ба муҳит ҷавонӣ аз давраи 14/16-солагӣ то 30/35-солагиро дар бар мегирад. Дар кишварҳои гуногун вобаста ба рушди иқтисодӣ ҷомеашиносон синнусоли ҷавониро ба давраҳои гуногун ҷудо кардаанд, аммо дар ин бобат фарқ казоӣ нест. Ҳамин тавр, ҷавононро аз рӯйи хусусиятҳо ба наврасони мактабхон, ҷавонони донишҷӯ, оиладор, муҷаррад, бекор, маълумотдор ва ғайра ҷудо кардан мумкин аст.

Дар рисола ба масъалаи вазифаи иҷтимоии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи хос таваҷҷуҳи бештар равона гардида, ақидаҳои асосгузорони марксизм К.Маркс ва Ф. Энгелс дар ин бобат муҳим арзёбӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, ба андешаи муаллиф ҷавонон танҳо як қувваи сиёсию иҷтимоӣ нестанд, балки онҳо насли дар ҳолати ташаккулёбӣ мебошанд, ки нишонаҳои хусусиятҳои ояндаи иҷтимоии худро пайдо кардаанд, аммо алҳол ба қуллаи ниҳоии биологӣ, ақлӣ ва иҷтимоии худ нарасидаанд (саҳ. 24). Дар ҳуҷҷатҳои расмии ТДМ ҷавонон на танҳо ҳамчун гурӯҳи хоси синнусолии аҳолӣ, балки ҳамчун давраи байни хатми бачагӣ ва оғози давраи фаъолияти корӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Ниҳоят ба андешаи муаллиф ҳангоми дарки мафҳуми «ҷавонӣ» ҷанбаи асосӣ бояд ташаккули камолоти иҷтимоии ҷавонон дониста шавад (саҳ. 30). Ҳамин тавр, дар боби дуюм ва хулосаи рисола оид ба оила ҳамчун шарт ва омили ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон, ҷойгоҳи онҳо дар соҳаи маориф, мушкилот ва дурнамои он, нақши дин дар ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон таҳқиқоти ҳамаҷониба анҷом дода, дар ин бобат аз нақшаву диаграммаҳо ва намудорҳо истифода бурда шудааст. Як назар ба номгӯйи адабиёти истифодашуда басанда аст, ки доираи васеи ҷаҳонбинӣ ва биниши илмии муаллиф аён гардад. Бояд гуфт, ки рисолаи мазкур барои ҷомеашиносон, равоншиносу сиёсатшиносон, устодону муҳассилини мактабҳои олӣ, онҳое, ки бо мушкилоти ҷавонон сари кор доранд, дастури муҳим аст. Хуб мебуд, асари мазкур ба забони тоҷикӣ низ нашр гардад.

**Гурӯҳи 4: Тақризи С.Набиева ба қиссаҳои Марямбонуи Фарғонӣ**

**Ҳар ҳарфаш панд аст**

Мутолиаи асарҳои насрии адибон ҳар дафъа ба кас таассуроти алоҳида мебахшад. Ин маротиб қиссаҳои Марямбонуи Фарғонӣ - нависандаи воқеан хушбаён маро ба дунёи аҷиб бурд. Дунёе, ки ғайриихтиёр воридаш шудаву то дер аз он баромада натавонистам, балки баромадан нахостам.

Аввалин бартарие, ки дар навиштаҳои Марямбону ба назар мерасад, забони ӯст. Забони ҳикояҳои нависанда аз лиҳози содагӣ ва тарзи баён воқеан ҳам боиси таҳсин аст. Хоҳ дар мавриди муроҷиат ба хонанда, хоҳ зимни гуфтугӯи қаҳрамонҳо ва хоҳ ҳангоми тасвири воқеаву ҳодисаҳо нависанда ин хусусиятро ба инобат гирифтааст. Сониян, дар навиштаҳои ӯ як пайванди ногусаста эҳсос мегардад: нависанда мудом хонандаро ба хештаншиносӣ ҳидоят месозад. Чунончи, дар ҳикояи «Нақши бад» (аз китоби «Афсонаи тамаддун») омадааст: «Дар байни мардум гапе пайдо шудааст, ки гӯиё оҳуи задаи Бадеъбой ба забон даромадааст. Вай саду якумин сайди ӯ будааст. Рехтани хуни оҳуи саду якум хосият надоштааст, оҳуи саду якумин шоҳи оҳувон мешудааст. Бадеъбойро хуни шоҳооҳу гирифта, дар кӯҳи Лазар пайкараш ба санг табдил ёфтааст».

Воқеан, чунин ривоятҳои халқӣ кам нестанд, чун ба санг табдил ёфтани чилдухтарон, шаҳу арӯс… Ва барои шарҳи ин нависанда аз забони падари қаҳрамон чунин меорад: «…Ин нақши бад нақши қотилист. Табиат саҳӣ аст, вай моро мехӯронаду мепӯшонад, вале дар ҳаққаш кӯрнамакӣ кунӣ, ниҳоят сахтгир аст, гуноҳатро намебахшад, бачам».

Ҳаёт ҳар қадам моро ҳушдор медиҳад, то мавриди иҷрои хурдтарин амал боандеша бошем. Натиҷаи ин мушоҳидаҳо чандин ҳикматҳоро ба забони мардум овардааст, ба мисли «Кишти кардаро медаравӣ», «Чоҳкан зери чоҳ» ва чанде дигар. Дар анҷоми ҳикояи мазкур ҳам ин маънӣ хеле барҷаста таъкид гардидааст. Вақте таҳлили сабаби марги сайёд аз забони қаҳрамонон маҳкум мегардад, чунин хулоса

ҳосил мешавад: «Оре, муносиби кирдорат мукофот мегирӣ, писарам. Ин қонуни ҳаёт аст».

Ин ифода ҳушдорест ба хонанда, то дар мисоли табиат эҳтиёткор ва муҳофиз буданро ҳеҷ гоҳ аз гӯш бадар накунад.

Дар ҳикояи «Ману ишқи лӯлидухтар» таъкид гардидааст, ки ишқ сарҳад, миллат, ватан, забон надорад. Дар ҳамин ҳол нависанда тавассути қаҳрамонҳо арзишҳои миллиро ба ёд оварданӣ мешавад. Масалан, вақте Шарифҷон ба лӯлидухтар самимият пайдо мекунад, аз оқибати он янгааш хеле меҳаросад. Ташвиши янга бо овардани чунин суол ифода меёбад: «Ту қиссаи Лӯ ва Лиро ҳеҷ шунидаӣ? Набошад, гӯш дор. Лӯ ва Лӣ ду додару хоҳар буданд…»

Бештар вақт ҳикоятҳои Марямбону тариқи муколама баён меёбанд, муколамаҳояш хоҳ воқеӣ бошанд, хоҳ хаёлӣ, мақсад рӯшан аст. Дар онҳо як навъ дарду эҳсоси зиндагии қаҳрамонҳо таҷассум меёбад. Чунин менамояд, ки қаҳрамонҳои асарҳои ин адибаи хушзавқ аз номи шахси якум (ман) фаъолият мебаранд. «Ман»-и ӯ гоҳо ба ҳайси мард ва гоҳи дигар ба ҳайси зан зуҳур мекунад.

Дар маҷмӯаҳои «Хуморшикан» ва «Чаҳор қисса» аввалин чизе, ки касро моили худ месозанд, руҷӯи худи нависанда ба хонанда аст. Аз аввал то охири руҷӯъ эҳтироми баланди нависанда ба сухан, сухане, ки хонандаро тарбият мекунад, дунёи ӯро пурғановат мегардонад, ҳувайдост. Бубинед, ки чӣ гуфта рӯ меорад: «Ай, маҳсули шабҳои бехобӣ ва ай, дардҳои бикри ин сари шӯрида дар қолаби сухан. Дил мехоҳад, ки туро бо номи «Чаҳор қисса» дар як ҷилд ҷой диҳам, чунонки дар пиндори мо дунё таркиб ёфта аз чаҳор унсур: обу оташ, боду хок…». Сипас, нависанда тахайюли эҷоди худро манзури хонанда мегардонад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар тамоми қиссаҳояш Марямбону аз ҳаққи духтарон дифоъ меҷӯяд, аз покизагиву покизарӯзгории бонуи тоҷик, аз талошу фарҳангдӯстияш, аз орияти баландаш, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ ва ба ҳеҷ моли дунё иваз карданӣ нест. Барои қаҳрамонҳои Марямбону ору номус дар пояи хеле баланд меистад. Масалан, дар ҳикояи «Мурдоб» номуси Маҳбону аз тарафи як омӯзгори коммунист, ки он вақт хеле мавқеи устаҳкам дошт, поймол мешавад. Аммо Маҳбону ба чунин беиффатӣ тоб наоварда, худро ба дарё мепартояд, пеш аз марг намоз гузорида, гӯё бо ин амалаш узри хешро ба Худованд мерасонад. Яъне, Маҳбону воқеан ҳам номус дошт, вале илоҷи корро дар марг донист, ки ин аз камҷуръатии ӯ дарак медиҳад. Аммо хоҳараш – Гулбону, агарчи падарро ҳам аз даст дода, бо модарандар азоби рӯҳӣ мекашид, илоҷи корро дигар хел дарк кард: дар фирор. Гурехт, то ба мақсадаш, ки хондан ва кор кардан буд, расад.

Гумон намеравад, ки кас аз хондани ҳикояи «Вақте саг соҳибашро нашинохт» ба риққат наояд. Қаҳрамони ин ҳикоя Ҳатуба ақлбохта аст ва дар ҳамин ҳол ӯ тавонист, шарафи хешро ҳифз намояд. Дар тамоми қиссаҳои Марямбону фалсафаи ҳаёт - хулосаи хуби зиндагӣ баррасӣ шудааст. Фаразан, дар ҳамин ҳикоя, агарчи қаҳрамони ҳикоя ба ҳукми мурда гӯронида шудаву аз нав зинда гашт. Ин ҳодисаи ғайричашмдоштро ҳар кӣ ҳар навъ тафсир мекунад. Акнун барои гурӯҳе Таманно рӯҳи сарсон ва барои бархе девона асту бас. Дар ин тасвири нависанда як нуктаи нозук нуҳуфтааст: Таманно, ки баъдтар Ҳатубааш ном мебаранд, аз беҳтарин духтарони донишҷӯи донишгоҳ буда, ки ишқи як камбағалписарро аз ҳама гуна сарват боло донист, яъне, ӯ миёни падари бадавлаташ ва Ҷаҳони тиҳидаст тафриқа нагузошт ва ҳамаи ин ба хотири ишқ, вале … билохира хиёнат дид. Ҷаҳон баъди «зинда шудан»-и Таманно аз ӯ рӯй тофт, бехабар аз он ки подоши амалашро мегирад. Тавре адиба менигорад: «Воқеан, Таманно дигарбора ба кулбаи ноободи Ҷаҳон нахоҳад рафт. Вай аз рӯи фаросат дарёфтааст, ки ин кулба дигар хонаи бахти ӯ нест. Вай Ҷаҳонро ҳаргиз наҷӯяд, гапчинӣ накунад. Ва ҳеҷ гоҳ надонад, ки Ҷаҳони ӯ дар солҳои пурошӯб ба чӣ балоҳое гирифтор шуда: хонаву дараш сӯхтааст. Зану фарзандаш қурбон гаштаву хоҳари ягонааш бадному гумном шудааст. Ва ӯ баъд аз чӣ сарсониҳое боз дари кулбаи шаҳриашро боз кардааст. Ва аз кӯча… бале, аз кӯча ҷавонзани гумкардараҳеро ба хона оварда никоҳ бастааст».

«Хумор», ки яке аз калонтарин қиссаҳои Марямбонуст, воқеан давоми мантиқии ҳикояи «Ситораи саҳарӣ»-ст. Метавон ин ду асарро лаҳзаҳои ҳаёти пур аз шебу фарози адиба донист. Дар маркази ин қиссаву ҳикояи тарҷумаиҳолӣ пайванди ногусастании се нафар – модаркалон, модар ва набера рӯшан зуҳур мекунад. Аз оғоз то анҷоми асар эҳсос мешавад, ки нависанда ҳар ҳарфе мегӯяд, бар асари хумори рӯи модар, хумори афсонаи бибӣ, хумори зодгоҳ ва ҳамдеҳагону пайвандон ба забон меорад. Гӯё маҳз ба ин хотир фарзандонашро ба зодгоҳ мебарад, ба зиёрати гузаштагон, шиносоӣ бо ақрабо ва аз хотироти ширини кӯдакӣ бо ҳасрат ёд мекунад, аз меҳрубониҳои бибиву бобо, ғамхориҳои модар ва тағо, аз он ки онҳоро бармаҳал аз даст дода. Аммо дар асл хулосааш мантиқист, тавре мегӯяд: «рафтани мо гум шудани мо нест. Рафтани мо эҳё гардидани мост. Умри мо дар ривоятҳо, дар таронаҳо, дар афсонаҳо давом хоҳад ёфт».

Ба ин тариқ, имрӯз бешубҳа, адабиёти тоҷик метавонад аз ҳисоби бонувон, аз ҷумла, аз фаъолияти нависандае чун Марямбонуи Фарғонӣ ифтихор намояд. Зеро осори ин адибаи хушбаён ҳам аз лиҳози мавзӯъ ва мазмун ва ҳам аз лиҳози шаклу услуб воқеан ҳам ҷолиб ва омӯхтанист.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.
• Ба кори ҳамдигар баҳо додан.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ** тавассути саволу ҷавоб.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Тақриз навиштан ба ягон асари бадеӣ

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо**

# IX. ЗАРФ ВА ИМЛОИ ОН

## §43. ИМЛОИ ЗАРФҲОИ СОХТА ВА МУРАККАБ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– оид ба зарф чун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ маълумот пайдо кардан;
– дар муқоиса бо ҳиссаҳои дигари нутқ аз худ кардани моҳияти зарф;
– мавриди истифодаи зарфро дар ҷумла муайян карда тавонистан.
– оид ба сохти зарф маълумот пайдо кардан;
– истифодаи бамавриди зарфҳо аз рӯи сохту таркиб дар нутқи шифоҳӣ ва имлои дурусти онҳо дар нутқи хаттӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Тақриз навиштан ба ягон асари бадеӣ

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Зарф ва имлои он имлои зарфҳои сохта ва мураккаб**

**Оғози дарс**

- Зарф чун ҳиссаи нутқ чиро ифода мекунад?
- Зарф ба кодом саволҳо ҷавоб мешавад?
- Аломатҳои сарфии зарф кадом аст?
- Зарф чанд навъ аст?

- Зарф аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?
- Маънои луғавии калимаи зарф-ро шарҳ диҳед.

**IV.Супориши 1:** Имлои зарфҳои зеринро шарҳ дода, ба гурӯҳҳо ҷудо кардан:

*Баногоҳ, бакуллӣ, бодиққат, бомуваффақият, батафсил, барвақт, барқасд, бемаврид, дарҳол, пагоҳ, дина, дузону, якзайл, пасфардо, чорзону, дудаста, дутоӣ, садметрӣ, дуродур, лаболаб, паёпай.*

| Сода | Сохта | Мураккаб |
|---|---|---|
| | | |

• Кори ҳамдигарро аз назар гузаронда, ба якдигар баҳо гузоред.

**V. Супориши 2:** Иҷрои машқи 154. Ҷумлаҳоро нависед, зарфҳои онҳоро ёбед ва аз ҷихати сохт шарҳ диҳед.

***Дар хотир доред:***

а) зарфҳое, ки бо пешвандҳои **ба -, бо-, бар-, бе-, дар-, но-, ва то-** сохта шудаанд: баногоҳ, бакуллӣ, бодиққат, бомуваффақият, батафсил, барвақт, барқасд, бемаврид, дарҳол, дарвақт,пагоҳ, торафт ва ғ. ;

б)зарфҳои мураккаб: дузону, дучанд, якзайл, якпаҳлу, чрзону, киноямез, пасфардо, порсол, перерӯз ва ғ. ;

в) зарфҳое, ки аз шумораву исм бо пасвандҳои – а ва –ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: дудаста, дутоӣ, садметрӣ, седонагӣ, панҷдонагӣ ва ғ. ;

г) зарфҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнванди -о-(-ё-) сохта шудаанд: дуродур, лаболаб,пасопеш, паёпай ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.

**VI. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Кор бо машқи 155. Матнҳоро хонда, имлои зарфҳои ишорашударо аз ҷиҳати имло шарҳ додан. Ба матни дуюм ном гузоштан.

**Гурӯҳи 2:** Кор бо машқи 156. Матнро хонед ва ба он ном гузоред. Зарфҳои матнро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 3: Машқи 157-ро навишта, зарфҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кардан.

**Гурӯҳи 4:** Сохти зарфҳои *дартоз, торафт, баногоҳ, бешитоб*-ро муайян карда, имлои онҳоро шарҳ додан.

•Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Ҷумлае тартиб диҳед, ки дар он калимаи «тез» ҳам сифат ва ҳам зарф шуда бошад.

• Баррасии кори хонандагон.

**VIII. Ҷамъбасти мавзӯъ ба тариқи саволу ҷавоб**

**IX. Эълони баҳо**

**X. Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 158. Порчаи манзумро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Пас аз нақл кардан дар мавзӯи "Нон ва меҳнат" иншо нависед.

## §44. ЗАРФҲОИ ТАРКИБӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– Оид ба сохти зарф маълумот пайдо кардан;

– Истифодаи бамавриди зарфҳо аз рӯи сохту таркиб дар нутқи шифоҳӣ ва имлои дурусти онҳо дар нутқи хаттӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 158. Порчаи манзумро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Пас аз нақл кардан дар мавзӯи "Нон ва меҳнат" иншо нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Зарфҳои таркибӣ ва имлои онҳо

**Оғози дарс**

- Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?
- Имло ба сохти калима вобастагӣ дорад?

**IV. Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Зарфҳои зеринро аз ҷиҳати сохт ва имло шарҳ додан: *дам ба дам, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона, дасти холӣ омадан, сари остин салом кардан, сари по нишастан, пои луч давидан.*

***Дар хотир доред:***

а) зарфҳои аз такрори калима ва пешоянд таркибёфта, таркибӣ буда ҷудо навишта мешаванд: дам ба дам, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона ва ғ. ;

б) зарфҳое ки аз ибораи изофӣ сохта шудаанд: дасти холӣ (омадан), сари остин (салом кардан), сари по (нишастан), пои луч давидан ҷудо навишта мешаванд.

**V.Супориши 2:** Кор бо машқи 160. Зарфҳои дар нақша зикршударо хонда, бо кадом воситаҳо сохта шудани онҳоро шарҳ додан.

| | | |
|---|---|---|
| Сол аз сол<br>Сол то сол<br>Қадам ба қадам<br>Як ҳафта | Каму беш<br>Хоҳу нохоҳ<br>Бегапу ҳарф<br>Бечуну чаро | Як қадар<br>Як миқдор<br>Ин сӯ<br>Ин тараф<br>Ин ҷо, ҳама ҷо |

**VI. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ**. Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Ҷумлаҳои машқи 159-ро навишта, тарзи сохта шудан ва имлои онҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 2:** Машқи 161-ро навишта, ба зери зарфҳо хат кашидан. Имлои онҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 3:** Машқи 163-ро хонда, зарфҳои ишорашударо шарҳ додан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Машқи 162-ро хонда, мазмунашро нақл кардан. Дар бораи ягон шахси муътабар нақли мухтасар навиштан.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ намоед.

| **Мазмун** | **Имло** | **Баҳо** |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**VIII. Ҷамъбасти мавзӯъ ва эълони баҳо**

**IX. Вазифаи хонагӣ:** Ҳикояи машқи 164-ро хонда, такя ба мазмуни он дар мавзӯи «Адаб» иншое, таълиф кардан ва аз зарфҳои бағоят, баадабона, бесаводона хуб истифода бурдан.

## §45. КОР БО МАТНҲО ОИД БА ЁФТАНИ ЗАРФҲО ВА ШАРҲИ ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– оид ба сохти зарф маълумот пайдо кардан;

– истифодаи бамавриди зарфҳо аз рӯи сохту таркиб дар нутқи шифоҳӣ ва имлои дурусти онҳо дар нутқи хаттӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ҳикояи машқи 164-ро хонда, такя ба мазмуни он дар мавзӯи «Адаб» иншое, таълиф кардан ва аз зарфҳои бағоят, баадабона, бесаводона хуб истифода бурдан.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III.Баёни мавзӯи нав. Кор бо матнҳо оид ба ёфтани зарфҳо ва шарҳи имлои онҳо**

**Оғози дарс**

**Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Кор бо машқи 165. Шеърро хонда, зарфҳои онро муқаррар кардан; тарзи сохта шудани имлояшонро шарҳ додан.

**IV. Супориши 2:** Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқ гузошта, ҷумларо пурра кардан. (Оҳиста – оҳиста) сол то сол, ҳанӯз, пагоҳии барвақт.

1. Марди миёнақади тӯппипӯш … қадам гузошта омад.

2. Истеъдоди бузурги ӯ … пухтатар мешуд.

3. Ӯ ҳарчанд кӯҳансол буд, … ҳамчун нависандаи ҷавон ба шумор мерафт.

4. … аз хоб чашм мекушоям.

• Ба кори ҳамдигар баҳо гузоштан.

**V. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Машқи 166-ро хонед, гӯед, ки аз матн чӣ таассурот гирифтед? Тақлидан ба матн субҳи деҳа ё ҷойи бароятон шиносро тасвир кардан.

**Гурӯҳи 2:** Бо зарфҳои таркибӣ ҷумла навиштан.

**Гурӯҳи 3:** Иҷрои машқи 168. Порчаҳоро бодиққат хондан, зарфҳои онро муайян кардан ва аз ҷиҳати имло шарҳ додан. Пурсед, ки ба ҳақиқати гуфтаҳо бовар доранд ё не? Мулоҳизаашонро нависанд.

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Ҷадвалро пур кардан:

| Тарзи амал | Макон | Замон | Сабаб | Миқдору дараҷа |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

• Интихобан бо онҳо ҷумла навиштан.

• Баррасии кори хонандагон.

**VI. Ҷамъбасти мавзӯъ ба тариқи саволу ҷавоб**

**VII. Эълони баҳо.**

**VIII. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 167.** Матнро хонед, мазмуни онро нақл кунед. Оё дар кӯдакӣ чунин ҳодисаро мушоҳида кардаед? Ба матн тақлид карда нақле нависед.

## §46. КОР БО БАЪЗЕ НОМАҲОИ РАСМӢ
**(дарси 1)**

**Салоҳиятҳо:**
10.2.2. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни нома.
- матни номаро аз матнҳои дигар фарқ мекунад;
- номаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад;
- матни номаҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
- нома навишта метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
- фарқ кардан тавонистани номаи расмӣ аз номаи ғайрирасмӣ;
- шарт ва мавриди навиштани номаи расмиро донистан ва аз худ кардани моҳияти он;
- тартиби таҳияи номаи расмиро дар мавридҳои гуногун омӯхтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ**,** замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 167.** Матнро хонед, мазмуни онро нақл кунед. Оё дар кӯдакӣ чунин ҳодисаро мушоҳида кардаед? Ба матн тақлид карда нақле нависед.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо баъзе номаҳои расмӣ.

**Масъалагузорӣ.**

- Оид ба мавзӯъ чӣ медонед?
- Оид ба навиштани нома мо бояд чиро донем?
- Оё номаҳо аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доранд?

**IV.Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Омӯзгор намунаи номаҳоро аз хазина пешниҳод мекунад. Хонандагон онҳоро хонда, муқоиса мекунанд. (Баёни мулоҳизаҳо).

***Дар хотир доред:*** Одатан ба номанависӣ талаботҳое гузошта мешавад, ки асоситаринашон инҳоянд:

1.Содаю фаҳмо навишта шуда бошад.
2.Аз гилагузориҳо ва бадбиниҳо холӣ бошад.
3.Ҳамеша аз «ман» камтар ва аз «шумо» ва «ту» бештар истифода шавад.
4.Баодобона навишта шуда, аз калимаҳои дурушту таҳқиркунанда орӣ бошад.
5.Хоноию покиза ва хатназада бошад.

**V.Супориши 2: Кори ҷуфтӣ.** Иҷрои машқи 169. Матни мактуби мурожиати яке аз сарварони ширкат ба кормандонаш, ки «Оид ба бардоштани ҷароҳат» ном дорад. Хаттӣ муайян кардани фарқи номаҳо.

**VI.Супориши 3: Кор дар гурӯҳҳои чорнафара.** Муайян кардани хусусиятҳои номаҳои расмӣ.

**VII. Супориши 4: Кор дар гурӯҳҳо:** Кор бо машқи 170-и китоби дарсӣ. Ин ду мактубчаро хонда, баъд навиштан. Онҳоро муқоиса намуда, байни худ муҳокима кардан. Хулосаҳои худро бо як – ду ҷумла аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ навиштан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VIII.Супориши 5:** Кори дунафара. Иҷрои машқи 171. Ин ду номаро бодиққат хонед. Муқоиса ва баҳс кунед. Ҳамин ки ба фикри ягона омадед, онро нависед. Ба саволу супоришҳои матн ҷавоб гӯед.

• Баррасии кори хонандагон.

**IX. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 6:** Машқи 173-ро хонда, натиҷаи бардоштаро баён кардан.

**X.Ҷамъбасти мавзӯъ тавассути саволу ҷавоб**

**XI. Эълони баҳо**

**XII. Вазифаи хонагӣ.** Матнҳое, тартиб диҳед, ки дар он одоби муомила риоя нашуда бошад.

## X. ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД ВА ИМЛОИ ОНҲО
## §47. ФАРҚ КАРДАНИ ПЕШОЯНД АЗ ПАСОЯНД ИМЛОИ ПЕШОЯНДҲОИ ТАРКИБӢ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.10. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

Хонанда

– пешояндҳоро аз пасояндҳо фарқ мекунад ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода мебарад;

– пешояндҳои таркибиро муқаррар ва қоидаи имлои онҳоро дар нутқи хаттӣ риоя намояд;

– имлои калимаҳои сохтаро риоя мекунад;

– пешванд ва пешояндҳо, вазифаҳои онҳоро медонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– донистан ва шарҳ додани мафҳуми пешоянд;

– пешояндҳоро аз пешвандҳо фарқ карда тавонистан;

– пешояндҳои номиро аз калимаҳои мустақилмаъно фарқ карда тавонистан.

– оид ба сохти пешояндҳо маълумоти кофӣ гирифтан;

– вазифаи пешояндҳои таркибиро дар матн муайян кардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 172. Матнҳое тартиб диҳед, ки дар он одоби муомила риоя нашуда бошад.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Пешоянду пасоянд ва имлои онҳо. Фарқ кардани пешоянд аз пасоянд. Имлои пешояндҳои таркибӣ

**Масъалагузорӣ:**

- Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?
- Пешоянд чиро ифода мекунад?
- Вазифаи пасоянд дар нутқ аз чӣ иборат аст?
- Пешоянд аз ҷиҳати сохт чанд хел аст?

**Масъала:** Оё пешоянд аз пасоянд фарқ дорад?

**IV.Супориши 1: Кори инифродӣ.** Хусусияти пешоянду пасояндро номбар карда, фарқи онҳоро нишон додан.

| Пешоянд | Пасоянд | Мисолҳо |
|---|---|---|
| | | |

**V.Супориши 2:** Хелҳои пешояндро дар сутунҳо нишон додан.

| Сода | | Таркибӣ | |
|---|---|---|---|
| Аслӣ | Номӣ | Изофӣ | Беизофӣ |
| аз, ба, ... | пеши... | ба пеши | баъд аз |

**VI. Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Иҷрои машқи 174. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Ҳикояро навишта, пешояндҳоро аниқ карда, вазифа ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

***Дар хотир доред:*** Пешояндҳо ва пасояндҳо ҳиссаҳои номустақили нутқанд. Онҳо ба савол ҷавоб намешаванд. Баъзе пешоянду пасояндҳо маънии луғавии худро аз даст додаанд. Гурӯҳи дигари пешоянду пасояндҳо аз маънои луғавӣ тамоман маҳрум нестанд.

**VII. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ:** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 175**. Порчаро хонед ва ҳар байтро маънидод кунед. Пешояндҳоро аз ҷиҳати вазифа ва имло шарҳ диҳед. Гӯед, ки кадоме аз ин бар - ҳо пешояндананд ва чаро?

**Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 177**. Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Пешояндҳои матнро ёбед ва маънидод кунед. Андар ба ҷойи кадом пешоянди имрӯза омадааст? Ҳикояро аз ёд кунед.

**Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 179**. Матнро хонед ва мақсади муаллифро равшан созед. Дар матн бештар пешояндҳои сода истифода шудаанд ё таркибӣ?

**• Баррасии кори гурӯҳҳо.**

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 3**: Иҷрои машқи 176. Порчаи шеъриро бо диққат хонед. Мазмуни онро нақл кунсд. Ба саволу спорищҳо ҷавоб диҳед. Пурсед, ки аз мақсади шоир пурра огоҳӣ ёфтанд? Агар огоҳӣ ёфта бошанд, мушоҳидаашонро ба ёд оварда, дар мавзӯи «Фарзанди хуб - боғи падар» иншои кӯтоҳе нависанд.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ намоянд:

| Мазмун | Имло | Баҳо |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Кор бо саволномаҳо.

1. Пешоянд аз пасоянд чӣ фарқ дорад?
2. Пешоянд аз пасванд чӣ фарқ дорад?
3. Имлои пешояндҳои таркибӣ чи гуна аст?

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 178. Матнро хонед ва хулосаатонро гӯед. Пешояндҳои ҷумлаҳоро дар вақти хондан муайян кунед. Ба матн ном гузоред ва тақлидан ба он иншое навишта, дар хусуси ҷашни наврӯзии деҳаатон маълумот диҳед.

**X.Ҷамъбасти дарс.**

## §48. ИСТИФОДАИ ПЕШОЯНДҲО ДАР НАЗМ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.10. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

Хонанда

– пешояндҳоро аз пасояндҳо фарқ мекунад ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода мебарад;

– пешояндҳои таркибиро муқаррар ва қоидаи имлои онҳоро дар нутқи хаттӣ риоя намояд;

– имлои калимаҳои сохтаро риоя мекунад;

– пешванд ва пешояндҳо, вазифаҳои онҳоро медонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– маврид ва тобишҳои маъноии пешоянди «ба»-ро шарҳ дода тавонистан;

– шаклҳои гуногуни онро дар назму наср муайян кардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 178. Матнро хонед ва хулосаатонро гӯед. Пешояндҳои ҷумлаҳоро дар вақти хондан муайян кунед. Ба матн ном гузоред ва тақлидан 6а он иншое навишта, дар хусуси ҷашни наврӯзии деҳаатон маълумот диҳед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Истифодаи пешояндҳо дар назм ва имлои онҳо.

**-** Пешояндҳои аслӣ кадомҳоянд?

- Пешояндҳо дар назм ба кадом тағйироти фонетикӣ дучор мешаванд;
- Пешояндҳо дар назм чӣ тавр истифода мешаванд?

**Шарҳи омӯзгор тавассути китоби дарсӣ:** Баъзе пешоянҳои аслӣ миқдоран каманд. Баъзе аз онҳо дар назм ба тағйироти фонетикӣ дучор мешаванд. Мувофиқи талаботи вазн ихтисор мегарданд. Масалан, пешоянди **аз** дар назм мувофиқи талаботи вазн садоноки аввали худро гум мекунад ва дар ду шакл з-и ва з- истифода мешавад.

Порчаҳои шеъриро возеҳ хонед ва маънидод кунед.

Пешояндҳои ихтисоршударо ёбед ва шарҳ диҳед.

Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.

**** ****

Сухан гар набудӣ, набуди қалам,
Ба лавҳи баён сар насуди қалам.
Қалам з- ӯст нолон ба чанги дабир,
Навои тараб з-он ба лаҳни сарир.
Забони муғаннӣ бурун з-он наво,
Бувад чун тане монда аз ҷон ҷудо.

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

**IV. Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 180. Порчаро бодиққат ва возеҳ хонед. Ҳадафи шоир чист? Гурӯҳӣ муҳокима кунед. Натиҷа ё хулосаро мухтасар нависед.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 2**: Иҷрои машқи 181. Матни манзумро возеҳ кунед ва ҳар кадом байтро дар гурӯҳҳо маънидод намоед. Ба шеър ном гузоред.

Гурӯҳи 1: Матни манзумро возеҳ хонда, ҳар кадом байтро маънидод кардан.

Гурӯҳи 2: Ба шеър ном гузоштан ва ба зери пешоянҳохат кашида, онҳоро шарҳ додан.

Гурӯҳи 3: 4 байти аввалро навиштан,

Гурӯҳи 4; 4 байти минбаъдаро навишта, ба зери сифатҳои матн хат кашидан. Сифатҳо дар матн чӣ накш доранд, муайян кардан.

Гурӯҳи 5: Бо пешоянҳо зарбулмасал ва ё панд гуфтан. Истифодаи пешоянҳоро дар онҳо шарҳ додан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VI.Ҷамъбасти дарс тавассути саволу ҷавоб.**

**VII.Эълони баҳо.**

**VIII.Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Мулоқот бо шоир» нақл нависед. Дар он аз ашъори шоирон байтҳое истифода баред, ки дар онҳо пешояндҳо дар шакли ихтисор омада бошанд.

## §49. БА ҶОИ ЯКДИГАР ОМАДАНИ ПЕШОЯНДҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.10. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

Хонанда

– пешояндҳоро аз пасояндҳо фарқ мекунад ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода мебарад;

– пешояндҳои таркибиро муқаррар ва қоидаи имлои онҳоро дар нутқи хаттӣ риоя намояд;

– имлои калимаҳои сохтаро риоя мекунад;

– пешванд ва пешояндҳо, вазифаҳои онҳоро медонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– маврид ва тобишҳои маъноии пешоянди «ба»-ро шарҳ дода тавонистан;

– шаклҳои гуногуни онро дар назму наср муайян кардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз ашъори Лоиқ Шералӣ 4 байте нависед, ки дар онҳо пешояндҳо дар шакли ихтисор истифода шуда бошанд.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Ба ҷои якдигар омадани пешояндҳо.

**Супориши 1: Кори инифродӣ.** Ҷумлаҳои зеринро бодиққат хонда, мавқеи пешояндҳоро муайян кунед. Гӯед, ки оё ин пешоянҳо ба ҷойи худ омадаанд?

1. Аввалин газетаро <u>дар</u> забони модарии худам ман <u>дар</u> дорулмуаллимин хондам.
2. Одина <u>аз</u> ин ҳол пай бурд, ки ҳар чӣ ҳаст, <u>ба</u> он тараф аст.
3. Арбобкамол <u>бо</u> шунидани ин моҷаро мисли даранда ғуридан гирифт.

• Диққати хонандагонро ба он ҷалб намоед, ки дар ин ҷумлаҳо кадом пешояндҳо ба ҷои кадом пешояндҳо омаданд.

**Шарҳи омӯзгор бо китоби дарсӣ.**

***Дар хотир доред:*** Дар забони тоҷикӣ ба ҷои якдигар омадани пешояндҳо маъмул аст. Ҳам дар осори гузаштагон ва ҳам адибони муосир дида мешавад, ки баъзан пешояндҳо ба ҷои ҳамдигар омадаанд.

**IV.Супориши 2: Кори дунафара.** Иҷрои машқи 182. Матнро хонед. Мазмунашро нақл карда, мақсади онро дар шакли хулоса нависед. Пешояндҳоро ёбед ва ҳар кадоми онро шарҳ диҳед.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ намоед:

| Мазмун | Имло | Ба ҷойи… | Истифода шуд | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

**V. Супориши 3. Кори гурӯҳӣ**. Ҳалли машқҳо.

Гурӯҳи 1: Кор аз рӯи машқи 183. Матнро хонда мазмуни онро нақл кардан.

Гурӯҳи 2: Сархати аввалро навишта, ба зери пешояндҳо хат кашидан. Мавқеъ ва имлои ин пешояндҳоро шарҳ додан.

Гурӯҳи 3: Сархати дуюмро навишта, пешояндҳои онро муайян ва таҳлили сарфӣ кардан.

Гурӯҳи 4: Сархати сеюмро навишта, ба зери пешояндҳо хат кашидан. Сифатҳои матнро навиштан ва аз рӯи сохт муайян кардан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VI.Мустаҳкамкунӣ. Супориши 3:** Ҷумлаҳое гӯед, ки пешояндҳо ба ҷойи якдигар омада бошанд ва ё пасоянд ба ҷойи пешоянд омада бошад. Чунончи:

- Султон<u>ро</u> ин ҷавоб хуш омад.
- <u>Бо</u> шунидани ин ном ҷамоат якбора безобита гардид.

**• Баррасии кори хонандагон;**

**• Саволҳо барои дарки мавзӯъ.**

**VII. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 183**. Дар бораи яке аз ҳайвонҳои бароятон маълум иншо нависд ва сифатҳои онро баён созед.

## §50. ПАСОЯНДҲОИ –РО, БОЗ, ҲАМОН , ЗАМОН … ПАСОЯНДҲОИ –РО, БАРИН, БОЗ, ҲАМОН,ЗАМОН, САР КАРДА …

10.1.10. Интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд.

Хонанда

– пешояндҳоро аз пасояндҳо фарқ мекунад ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ дуруст истифода мебарад;

– пешванд ва пешояндҳо, вазифаҳои онҳоро медонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мафҳуми пасояндро дарк кардан;

– ба вазифаи грамматикии пасоянд сарфаҳм рафтан;

– пасоянди номиро аз аслӣ фарқ кардан;

– вазифаи пешоянд ва пасояндро муқаррар намудан.

– дарк кардани вазифаи грамматикии пасоянд;
– дар нутқ дуруст ва бамаврид истифода бурдани пасоянд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 183. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Дар борае яке аз ҳайвонҳои бароятон маълум иншо нависд ва сифатҳои онро баён созед.

1. Санҷиши машқи хонагӣ, дафтарҳои даврӣ.
2. Муҳокимаи навиштаҳои хонандагон.
3. Саволҳо оид ба мавзӯи гузашта.
4. Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Пасояндҳои –ро, боз, ҳамон, замон… Пасояндҳои –ро, барин, боз, ҳамон, замон, сар карда …

- Оид ба мавзӯи имрӯза чӣ медонед?
- Кадом пасояндҳоро медонед?
- Пасояндҳои аслӣ кадом аст?

**IV.Супориши 1:** Монандӣ ва фарқи пешоянду пасояндро нишон додан.




***Дар хотир доред:*** Дар забони тоҷикӣ пасоянди –**ро, барин** пасояндҳои аслӣ ба ҳисоб меравaнд. Бо мурури замон аз ҳисоби ҳиссаҳои дигари нутқ теъдоди пасояндҳо зиёд шудаанд. Пасояндҳои номӣ ва зарфӣ инҳоянд: *пеш, пас, қабл, муқаддам, баъд, қатӣ, замон, ҳамон, эътиборан, боз* ва ғ.

• Ба пасояндҳои феълӣ инҳо дохил мешаванд: *дида, сар, карда*, ки онҳо бо пешояндҳои аслӣ меоянд.

**V.Кори дунафара.** Пасояндҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан: -ро, қатӣ, барин, пеш, пас, қабл, муқаддам, баъд, замон, ҳамон, эътиборан, боз, дида, сар карда.

| Аслӣ | Номӣ | Феълӣ | Мисолҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |

**VI.Кор дар гурӯҳҳои чорнафара:** Машқи 187.

- Матнро хонда, мазмунашро нақл кардан;
- Пасояндҳои ишорашударо шарҳ додан.

**VII. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо

**Гурӯҳи 1:** Иҷрои машқи 184. Ҷумлаҳоро хонед, пасояндҳои онҳоро ёбед ва вазифаашонро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2:** Иҷрои машқи 185. Ҷумлаҳоро нависед, пасояндҳои номӣ ва зарфиашонро муайян кунед ва вазифаашонро шарҳ диҳед:

**Гурӯҳи 3:** Иҷрои машқи 186. Ҷумлаҳоро хонед, вазифаи пасвандҳоро маънидод кунед.

**Гурӯҳи 4:** Иҷрои машқи 188. Ҳикояро хонед ва ҳикмати онро ёбед. Кӣ боҳимматтар будааст? Аз чӣ маълум шуд? Пасояндҳоро ёфта, вазифаҳои онҳоро шарҳ диҳед.

**• Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 2**: Бо пасояндҳои -ро, барин, боз, ҳамон,замон, сар карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**• Баррасии кори хонандагон.**

**• Саволҳо барои дарки пурраи мавзӯъ.**

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 187. Матнро хонда, аз он чиро пай бурдед? Фаҳмидаатонро нақл кунед. Нақле нависед, ки дар он рӯди деҳа ва ё рӯди бароятон ошно тасвир шуда бошад. Пасоянди ишорашуда чӣ вазифаҳоро иҷро кардааст, шарҳ диҳед.

**X. Ҷамъбасти дарс.**

## §51. КОР БО МАТНИ ЭССЕ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**
10.2.7. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни эссе.
Хонанда
– матни эссеҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;
– эссеи кӯтоҳ менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
– фарқ кардан тавонистани эссе аз дигар жанрҳо;
– аз худ карда тавонистани шарту талаботи эссе.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 187. Матнро хонда, аз он чиро пай бурдед? Фаҳмидаатонро нақл кунед. Нақле нависед, ки дар он рӯди деҳа ва ё рӯди бароятон ошно тасвир шуда бошад. Пасоянди ишорашуда чӣ вазифаҳоро иҷро кардааст, шарҳ диҳед.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ намоянд:

| Мазмун | Имло | Вазифаи пасоянд (шарҳи шумо) | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни ЭССЕ. Навиштани иншо (эссе) дар мавзӯи «Сайёҳӣ (туризм) барои давлат манфиатовар аст».

**Супориши 1:** Кор дар гурӯҳҳо. Иҷрои машқи 189. Порчаҳоро бодиққат хонед ва фаҳмидааатонро баён кунед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**IV.Супориши 2:** Ҷумлаҳоро пурра гардонда, шиносномаи эссеро таҳия намоед:

1. Эссе аз калимаи ________________ гирифта шуда, маънояш __________________________________ мебошад.
2. Эссе ________________________, ки сохтори ____________ дорад.
3. Эссенавис ҳангоми шарҳу маънидод бояд аз _________________________, ки ба меъёрҳои забони адабӣ ҷавобгӯ нестанд, худдорӣ намояд.
4. Аз ҷиҳати ҳаҷм барои эссе ягон ҳудуди ___________ гузошта нашудааст. Метавон ҳаҷми онро барои хонандагон аз ____ то ____ саҳифаи чопи компютерӣ муқаррар сохт.

***Дар хотир доред:*** Мавзӯи эссе ҳамеша аниқ аст. Он дорои мавзӯъ ё идеяи бисёр буда наметавонад, дар он танҳо як вариант ва як фикр инъикос меёбад. Эссе ҷавоб ба як савол аст.

Дар эссе бисёрсуханӣ ҷоиз нест, он бояд мухтасару пурмаъно ва беғалату тезисҳо бо далелҳо собит шуда бошанд.

**V. Супориши 3: Кори инфиродӣ.** Иҷрои машқи 190. Матнро бодиққат хонед ва мавзӯи онро муайян кунед. Гӯед, ки мақсад мухтасар баён шудааст? Сархати дуюмро нависед ва шарҳ диҳед.

**VI.Супориши 4: Кори дунафара.** Матн дар бораи эссеро хонда,ба талаботи зерин ҷавоб гуфтан:

| Махсусият | Намуд | Сохтор | Мазмун | Мавзӯъ | Ҳаҷм |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1.Аз дарси имрӯза чӣ фаҳмидед?

2. Калимаи «эссе» вожаи кадом забон аст?

3. Эссе чӣ маъно дорад?

4. Эссе чӣ гуна жанр аст?

• Ба ҷавобҳои ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 192. Дар мавзӯи «Сайёҳӣ барои давлат манфиатовар аст» эссе тартиб диҳед.

**IX.Ҷамъбасти дарс.**

## §52. КОР БО МАТНИ ЭССЕ
## (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.7. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни эссе.

Хонанда

– матни эссеҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– эссеи кӯтоҳ менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– фарқ кардан тавонистани эссе аз дигар жанрҳо;

– аз худ карда тавонистани шарту талаботи эссе.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 192. Дар мавзӯи «Сайёҳӣ барои давлат манфиатовар аст» эссе тартиб диҳед.

• Ба кори ҳамдигар дар ҷадвал баҳогузорӣ намоянд:

| Мазмун | Имло | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта:

1.Мавзӯи туризм аз кадом ҷиҳат барои мо муҳим аст?

2.Оё муҳимияти мавзӯъро шумо инъикос карда тавонистед?

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни ЭССЕ.

**Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Кор бо машқи 189. Порчаҳоро бодиққат хонед ва хулосаатонро дар бораи эссе бо як – ду ҷумла гӯед ва нависед.

**IV. Супориши 2:** Навиштаҳои ҳамдигарро аз назар гузаронед, бинед, ки талаботи болоро дар шакли тезис ифода карда тавонистаед ё не. Ба кори ҳамдигар баҳо гузоред:

| Мазмун | Имло | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 3:** Иҷрои машқи 191. Матни эссеи зеринро дар гурӯҳҳо бодиққат хонед. Гӯед, ки муаллифи он доштани аслиҳаро тарафдорӣ кардааст ё не. Ба андешаҳои муаллиф розиед? Хулосаи андешаҳои муаллифро нависед.

• Баррасии кори гурӯҳҳо;

• Кор бо саволномаҳо.

**VI. Вазифаи хонагӣ.** Навиштани эссе дар мавзӯи “Оби чашма шифобахш аст, чаро?”

**VII. Ҷамъбасти дарс.**

## XI. ПАЙВАНДАКҲО ВА ИМЛОИ ОНҲО
## §53. ПАЙВАНДАКҲОИ МУРАККАБ, ТАРКИБӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

Хонанда

– пасоянд ва пайвандакҳоро аз рӯйи вазифа фарқ мекунад;

– аз ҷумлаю матнҳо пасоянд ва пайвандакҳоро муайян намуда, вазифа ва имлои онҳоро шарҳ медиҳад;

– дар порчаҳои назмию насрӣ пайвандакҳоро муқаррар месозад;

– дарк менамояд, ки имлои пайвандакҳо (ихтисор мешавад) дар порчаҳои назмӣ аз наср фарқ мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани эссе дар мавзӯи “Оби чашма шифобахш аст, чаро?”

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Пайвандакҳо ва имлои онҳо. Пайвандакҳои мураккаб, таркибӣ ва имлои онҳо

Водорнамоӣ:

1. Шумо дар бораи пайвандакҳо чӣ медонед?
2. Пайвандакҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд?

**Супориши 1:** Пайвандакҳои “ва, агар, балки, агарчи (гарчи), ё, ё ин ки, зеро, то, ки, азбаски (баски), вагарна(варна), чунки, то ки, вақте ки, зеро ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз он (ин) ки, аз сабаби ин (он) ки, ба тавре ки, бе ин (он) ки”-ро аз рӯйи сохт дар гурӯҳҳо ҷо кунед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

| Сода | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|
| | | |

**IV. Супориши 2: Кори дунафара.** Иҷрои машқи 192. Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Сифатҳои асосии камону тирро мухтасар нависед. Пайвандакҳоро ёфта, ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Аз кадом ҷиҳат пайвандакҳо ба ин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, шарҳ диҳед. Онҳоро аз ҷиҳати имло шарҳ диҳед.

| Тобеъкунанда | Пайвасткунанда |
| --- | --- |
| | |

***Дар хотир доред:*** пайвандакҳои мураккаб якҷо ва пайвандакҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд.

**V. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Матнро хонда, феъли ҷумлаи аввалро ёфтан. Пайвандакҳоро ёфта навиштан ва аз ҷиҳати имло ва вазифа шарҳ додан:

| Ҷудо навишта мешавад | Якҷоя навишта мешавад |
| --- | --- |
| | |

**Гурӯҳи 2: Кор бо машқи 193**. Матнро хонед ва гӯед, ки аз он натиҷа бардоштед? Ҷумлаҳои пайвандакдорро ёфта, вазифаҳои пайвандакро шарҳ диҳед. Чаро дар охири сарсатри аввал баъди вақте вергул омадааст?

**Гурӯҳи 3: Кор бо машқи** 194. Порчаро ифоданок хонед ва фаҳмидаатонро нақл кунед. Пайвандакҳоро аниқ созед ва вазифаю сохти онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4: Кор бо машқи** 195. Матнро хонсд ва мазмунашро нақл кунед. Кадом хусусияти матн диққати шуморо ҷалб намуд? Агар ба матн ном мондан лозим бошад, кадом номро мувофиқ медонистед? Пайвакдакҳоро муайян карда, навъ ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VI• Ҳуҷуми фикрӣ.** Кор бо саволномаҳо:

1. Вергул ба пайваста аст ё не?
2. Пайвандакҳои мураккаб кадомҳоянд?
3. Пайвандакҳои таркибӣ кадомҳоянд?

**VII. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Дӯстӣ аз ҳар нигоҳ» эссе нависед.

**VIII. Ҷамъбасти дарс.**

## §54-55. МАВҚЕИ ПАЙВАНДАКҲО ДАР НАЗМ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

Хонанда

– пасоянд ва пайвандакҳоро аз рӯйи вазифа фарқ мекунад;

– аз ҷумлаю матнҳо пасоянд ва пайвандакҳоро муайян намуда, вазифа ва имлои онҳоро шарҳ медиҳад;

– дар порчаҳои назмию насрӣ пайвандакҳоро муқаррар месозад;

– дарк менамояд, ки имлои пайвандакҳо (ихтисор мешавад) дар порчаҳои назмӣ аз наср фарқ мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– **в**азифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;

– ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Дӯстӣ аз ҳар нигоҳ» эссе нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Мавқеи пайвандакҳо дар назм ва имлои онҳо.

Муҳокимаи мақсади дарси имрӯза.

- Оид ба ин мавзӯъ чиро медонед?

- Пайвандакҳо дар назм чӣ мавқеъ доранд?

**IV.Супориши 1: Кори инфиродӣ.** Порчаи манзуми машқи 196-ро ифоданок хонда, ҳар як байтро маънидод кардан; мазмунашро навишта, ба зери пайвандакҳо хат кашидан;

- Гӯед, ки чаро пайвандаки «ки» бо «ӯ» ва «аз» дар шакли «к-аз», «к-ӯ» омадааст?

**V.Супориши 2: Кори дунафара.** Иҷрои машқи 197. Матнро хонда мазмунашро нақл кардан.

- Ба мазмуни матн кадом зарбулмасал мувофиқ аст?
- Пайвандакҳоро муайян карда, ба гурӯҳҳо ҷудо кардан;

| Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|
| | |

**VI.Супориши 3: Кори гурӯҳӣ**. Кор бо саволномаҳо.

- Рӯзу шабро магар бо як калима ифода кардан мумкин аст?
- Калимаҳои «намеоянд» ва «тӯтӣ» -ро аз ҷиҳати сохт муайян кардан.

• Баррасии андешаҳо.

**VII. Супориши 4:** Ба ҷои нуқтаҳо пайвандак гузошта, ҷумларо пурра кардан. Интихобан пурсидани хонандагон.

1. Тӯй ҳам қарз аст, ... қарзи басабр аст.
2. Имрӯз дар мактаб кино... консерт мешавад.
3. Ҳалимаро кайҳо хоб бурд, ... оча бо овози паст ҳанӯз қисса нақл мекард.
4. Одамон бо қиёфаи хаста... саодатманд ба якдигар менигаристанд.

• Аз назар гузарондани кори хонандагон.

***Дар хотир гиред:*** Баъзе аз пайвандакҳо низ (чун пешояндҳо) дар назм ба тағйироти фонетикӣ дучор мешаванд. Мувофиқи талаботи вазн ихтисор мегарданд. Масалан, пешоянди **ки** дар назм мувофиқи талаботи вазн садоноки худро гум карда, бо калимаи баъд аз худ тавассути нимтире навишта мешаванд: к-ин, к-аз...

**VIII. Супориши 5: Кори гурӯҳӣ. Ҳалли машқҳо.**

**Гурӯҳи 1:** Бо пайвандакҳои *к-аз, к-ӯ, аз* байтҳо навишта, имлои онҳоро шарҳ додан.

**Гурӯҳи 2:** Иҷрои машқи 196. Порчаи манзумро ифоданок хонед ва ҳар як байташро маънидод карда, мазмунашро нависед. Онро аз ёд кунед.

**Гурӯҳи 3:** Шеърҳоеро ба хотир оварда нависед, ки пайвандак дар онҳо ихтисор шуда бошад.

•Баррасии кори хонандагон.

**IX. Ҷамъбасти дарс тавассути саволу ҷавоб.**

**X. Эълони баҳо.**

**XI. Вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи 197. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки аз он чӣ хулоса баровардед? Агар ба ҳамин монанд воқеаеро шунида ва ё дида бошед, ба ёд оварда нақле нависед. Масалан: “Гурбае бо муш дӯстӣ дошт…”

## §56. ПАЙВАНДАКҲО ВА АЛОМАТИ КИТОБАТ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

Хонанда

– пасоянд ва пайвандакҳоро аз рӯйи вазифа фарқ мекунад;

– аз ҷумлаю матнҳо пасоянд ва пайвандакҳоро муайян намуда, вазифа ва имлои онҳоро шарҳ медиҳад;

– дар порчаҳои назмию насрӣ пайвандакҳоро муқаррар месозад;

– дарк менамояд, ки имлои пайвандакҳо (ихтисор мешавад) дар порчаҳои назмӣ аз наср фарқ мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;

– ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 197. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки аз он чӣ хулоса баровардед? Агар ба ҳамин монанд воқеаеро шунида ва ё дида бошед, ба ёд оварда нақле нависед. Масалан: "Гурбае бо муш дӯстӣ дошт…"

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Пайвандакҳо ва аломати китобат.

**-** Аломати вергул магар бо пайвандак вобаста аст?

**Супориши 1:** Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 198. Матни манзумро возеҳ, бо риояи оҳанг хондан; пайвандакҳои дар шеър истифодашударо муайян кардан; нақши онҳоро дар матн шарҳ додан.

**IV. Супориши 2: Кори дунафара.** Иҷрои машқи 198. Матни манзумро возеҳ ва бо риояи оҳанг хонед. Пайвандакҳои дар он истифодашударо муайян созед ва нақши онҳоро дар матн шарҳ диҳед.

**V. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 199. Матни манзумро бо риояи оҳанг хонед ва мазмуни онро мухтасар нақл кунед. Мазмуни он кадом мавзӯъро фаро мегирад? Дар адабиёт чунин шеърҳоро чӣ меноманд? Пайвандакҳои матнро нависед ва шарҳ диҳед, ки онҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд. Ҳамзамон аломатҳои китобати марбути пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

***Дар хотир гиред:*** ҳангоми истифодаи пайвандакҳо бештар аломати вергул ба кор меравад. Аломати вергул вобаста ба мавқеъ аксаран пеш аз пайвандакҳо гузошта мешавад.

**VI.Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 200. Матнро хонед ва ба ҷумлабандиҳои матн диққат диҳед. Матнро кадом ифодаҳо намакин гардонидаанд? Пайвандакҳоро ёбед ва аз ҷиҳати сохту вазифа муайян кунед.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 201. Матнро хонед ва гӯед, ки бо пайвандак оғоз ёфтани ҷумла магар мумкин аст.

***Дар хотир гиред:*** агар пайвандак дар аввали ҷумла ояд, баъди анҷоми ҷумлаи пайрав вергул гузошта мешавад.

**VII.Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Супориши 4: Иҷрои машқи 203. Порчаи манзумро хонед ва ҳар як байти онро маънидод кунед. Пайвандакҳоро ёфта шарҳ диҳед.

**VIII.Ҷамъбасти дарс тавассути саволу ҷавоб.**

**IX. Эълони баҳо.**

**X. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 202. Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаке гузошта, ҷумлаҳоро хонед, ки ба ҳамаи онҳо муштарак бошад. Баъд он ҷумлаҳоро навишта, ҳар кадоми онро маънидод кунед. Ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки чунин бошанд.

## §57. ИМЛОИ САНҶИШ

### Дар истиқболи падар

Деҳкада ақиб мемонд ва кӯтали дароз гӯё ҳеҷ охир надошт. Аз ду барии рӯям арақ мешорид мехи таги мӯзача ба кафи поям мехалид. Овози гову гӯсола ва ҷакидани сагҳои деҳа тарсро аз вуҷудам берун меронд. Буттаҳои сиёҳхор ва шохаи дӯлонаҳои канори пайроҳа ҷомаамро мехарошиданд ва ман лангида-лангида боло мехазидам.

Шаб доман меафрохт, ситораҳо ягон-ягон ба истиқболам меомаданд. Оқибат ба сари кӯҳ расидам, ба теғае, ки офтоб ҳар бегоҳ дар паси он фурӯ мерафт. Аз шаҳри чароғон асаре набуд. Ҳавзи шафақандуда ва қурси офтоби нурафшонро хаёле шаби тираву торик ниҳон карда. Дар поён даште буд пур аз теппҳои ваҳмангез ва чароғе аз дур хира-хира месӯхт.

Даҳшате вуҷуди маро фаро мегирифт. Пиндоштам, ки ҷисмам дар коми торикӣ ғарқ гашт ва дар иҳотаи дӯлонахору буттаҳои зелол ҳайрон мондам. Садои гоме ба гӯшам расид, махлуқе фихиррос зада, бо шитоб сӯям меомад. Хостам фарёд кашам, вале садои суми аспро шинохтам. Асп аз дур шиҳа кашид ва ман мадор гирифта, ба истиқболи падар шитофтам. Бӯи ошнои шаҳр дар болои зин ба машомам расид, ки олуда ба арақи тани асп саропои вуҷудамро навозиш мекард. (181 калима)

***Бароти Абдураҳмон***

## §58.КОР БО МАТНИ ГУЗОРИШНОМА ВА ГУЗОРИШИ ХАТТӢ
**(дарси 1)**

**Салоҳиятҳо:**

10.2.10. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, гузориш, ваколатнома, кафолатнома.

Хонанда

– матнҳои ариза, баёнот, протокол, фармоиш, гузориш, ваколатнома, кафолатнома, мактубҳои расмиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, гузориш, ваколатнома, кафолатнома менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ҳадафи пешниҳод намудани гузоришномаи хидматиро дарк карда тавонистан;
- мавриди тартиб додани гузоришномаи хидматиро дарк кардан;
- тартиби таҳияи гузоришномаи хидматиро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
- фарқ кардани гузоришномаи хидматӣ аз дигар асноди меъёрӣ.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 202. Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаке гузошта, ҷумлаҳоро хонед, ки ба ҳамаи онҳо муштарак бошад. Баъд он ҷумлаҳоро навишта, ҳар кадоми онро маънидод кунед. Ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки чунин бошанд.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни гузоришнома ва гузориши хаттӣ

**Водорнамоӣ:**

1. **-** Оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?
2.Чӣ донистан мехоҳед?
3. Боз кадом ҳуҷҷатҳои расмиро медонед?
4.Матни ҳуҷатҳои корӣ ба кадом услуби забон хос аст?

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

**IV. Супориши 1: Кори дунафара.** Иҷрои машқи 204. Порчаро бодиққат хонед ва махсусияти гузоришномаро муайян кунед ва шарҳ диҳед. Ба ҷузъҳои таркиби он таваҷҷуҳ намоед.

• Баёни андешаҳо.

***Дар хотир гиред:*** гузоришнома аз чунин ҷузъҳо таркиб меёбад:

1. Номи муассисае, ки гузоришнома медиҳад;
2. Шумора ва таърихи таҳияи санад;
3. Ному насаби роҳбари мақоми боло;
4. Номи санад;
5. Унвони матн;
6. Матн;
7. Вазифа, ному насаби таҳиягари санад;
8. Имзои таҳиягари санад.

**Саволҳо:**

1.Гузоришнома чӣ гуна ҳуҷҷат будааст?
2. Он чӣ гуна хусусият дорад?

**V. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Бо пур кардани ҷумлаҳо шиносномаи гузоришномаро тайёр кунед:

• Гузоришнома ҳуҷҷатест, ки ба унвони ________________________________ фиристода мешавад.

• Дар гузоришнома ______ (чанд?) масъала муфассал баён карда мешавад.

• Дар гузоришнома бар иловаи ахбор дар бораи ____________, сабабҳои ________ __________ дода мешавад.

• Дар охири гузоришнома _______ (кӣ?) _____________ (чӣ) ва ________(чиро?) мушаххас менамояд.

**VI. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Намунаи гузоришномаро хондан ва муҳокима кардан.

Гурӯҳи 1: Хусусияти хоси гузоришномаро муайян кардан.

Гурӯҳи 2: Гузоришномаро ба ҷузъҳо ҷудо карда, шарҳ додан.

Гурӯҳи 3: Фарқи гузоришномаҳоро муайяк кардан.

• Муаррифии кори гурӯҳҳо.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Кор бо машқи 205. Гузоришномаҳои зеринро хонед ва ба тарзи таҳияи онҳо диққат диҳед. Таркиби онҳоро шарҳ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон.

**VIII. Ҷамъбасти дарс тавассути саволу ҷавоб.**

**IX. Эълони баҳо.**

**X. Вазифаи хонагӣ.** Дар бораи иҷрои қарори маҷлиси синфӣ ба номи роҳбари синф гузориш нависед.

## §59. КОР БО МАТНИ ГУЗОРИШНОМАИ ХИДМАТӢ

**Салоҳиятҳо:**

10.2.10. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, гузориш, ваколатнома, кафолатнома.

Хонанда

– матнҳои ариза, баёнот, протокол, фармоиш, гузориш, ваколатнома, кафолатнома, мактубҳои расмиро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ариза, баёнот, протокол, фармоиш, мактуби расмӣ, гузориш, ваколатнома, кафолатнома менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳадафи пешниҳод намудани гузоришномаи хидматиро дарк карда тавонистан;
– мавриди тартиб додани гузоришномаи хидматиро дарк кардан;
– тартиби таҳияи гузоришномаи хидматиро дар мавридҳои гуногун омӯхтан;
– фарқ кардани гузоришномаи хидматӣ аз дигар асноди меъёрӣ;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар бораи иҷрои қарори маҷлиси синфӣ ба номи роҳбари синф гузориш нависед.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни гузоришномаи хидматӣ.

**Водорнамоӣ:**

• Дар бораи гузоришнома чиро фаҳмидед?
• Дар таҳияи гузориш кадом меъёрҳоро медонед?
- Оё ҳамаи гузоришномаҳо якхелаанд?
- Гузоришномаҳо аз кадом ҷиҳат аз ҳам фарқ мекунанд?

**IV.Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Машқи 206-ро мустақилона хонда, хулосаҳои худро пешниҳод кардан.

• Баррасии хулосаҳо.

**V.Супориши 2. Кори дунафара:** Якчанд намунаи гузоришнома пешниҳод мешаванд. Онҳоро мутолиа намуда, хусусият ва фарқи онҳоро дар нақша нишон диҳед.

| Хусусият | Фарқ | Мавзӯъ |
|---|---|---|
| | | |

**VI. Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 206. Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Махсусиятҳои гузоришномаи хидматиро аниқ созед. Гӯед, ки гузоришнома аз гузоришномаи хидматӣ чӣ фарқ дорад.

***Дар ёд гиред:*** Ҳам гузоришнома ва ҳам гузоришномаи хидматӣ (маърӯзаи хаттӣ) дар дохили сохтор истифода мешаванд.

**VII. Супориши 2: Кори инфиродӣ.** Кор бо машқи 207. Матнро хонед ва шарҳ диҳед. Дар асоси намуна гузоришномае таҳия кунед.

• Баррасии кори хонандагон.

**VIII. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ**. Иҷрои машқи 208. Матнҳои гузоришномаро хонед ва ба тартиби таҳияи онҳо диққат диҳед. Мавзӯъҳои ҳарду гузоришномаро муайян созед. Сипас ду гузоришнома дар мавзӯъҳои гуногун таҳия кунед.

**IX. Супориши 4:** Навиштаҳои худро бо ҳамдигар иваз карда, иловаҳо кардан.

• Муҳокимаи гузоришномаи навиштаи хонандагон;

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

**X. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Муҳокимаи гузоришномаҳо:

| Гузоришнома | Гузоришномаи хидматӣ |
|---|---|
| | |

**XI. Ҷамъбасти дарс тавассути саволу ҷавоб.**

**XII. Эълони баҳо.**

**XIII. Вазифаи хонагӣ.** Барои иҷрои қарори шӯрои созмонҳои талабагӣ гузориш нависед.

## XII. ИМЛОИ ҲИССАЧА ВА НИДО
## §60.ҲИССАЧАҲО ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

Хонанда

– аз матнҳои адабиёти бадеӣ ҳиссачаҳоро меёбад;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода мебарад; бо ҳиссачаҳои шева муқоиса мекунад ва шакли дурусташро муайян месозад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

– тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;

– мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан;

– ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

– тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;

– мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Барои иҷрои қарори шӯрои созмонҳои талабагӣ гузориш нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Имлои ҳиссача ва нидо. Ҳиссачаҳо ва имлои онҳо

**Водорнамоӣ:**

1.Дар бораи ҳиссача ва нидо ва фарқи онҳо чӣ медонед?

2.Вазифаи ҳиссаҳо дар ҷумла аз чӣ ибора аст?

**Супориши 1: Диктанти таъкидӣ.** Омӯзгор матнро дикта мекунад, хонандагон менависанд. Сипас, ҳиссачаҳоро ёфта,ба хелҳо ҷудо мекунанд.

Кӯҳҳои Бойсун чандон баланд не, лекин хушку беобу гиёҳанд. Дар роҳ баъзе ҷӯйҳо ва ҳатто дарёчаҳо вомехӯранд. Фақат дар Сайроб ном қишлоқи кӯҳии хушбоду ҳаво чашмаи софу ширин аз зери санг ҷӯш зада мебарояд. Мусофир фақат дар ҳамин ҷо истироҳат карда, дам мегирад.

Охир вай чандин сол боз бенуқсон кор мекард-ку? Ӯ зоҳиран ҳалиму оқилнамо ва олуфта. Ботинан-чӣ? Наход ки ба ягон мошини сабукрав зӯрамон нарасад-а? Бахтиёр, ту ӯро мешиносӣ-ми? –Ҳа, мешиносам, -базӯр ҷавоб дод вай. -Ана ин ба ман маъқул! –хурсандона фарёд зад ӯ.

**IV. Супориши 2:** Ҳиссачаҳоро ёфта ба хелҳо ҷудо кардан:

| Тасдиқӣ | Инкорӣ | Маҳдудӣ | Саволӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Баррасии кори хонандагон.

**V. Супориши 3: Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 209**. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки ҳиссача ва нидоҳо дар матн чӣ вазифаҳоро иҷро кардаанд. Чаро Дунё бо ҳарфи калон навишта шудааст?

**VI. Супориши 4: Кори гурӯҳӣ**. Бо ҳиссачаҳои зерин ҷумла тартиб диҳед: -ку, мана, ҳатто, -дия, фақат, танҳо. Ба имлои онҳо эътибор диҳед.

• Баррасии кори хонандагон.

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 5:** Кор бо машқи 210. Ҳикояро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Хулосаи баровардаатонро мухтасар нависед ва аз ҳиссачаҳо истифода баред.

• Баррасии кори хонандагон.

**VIII. Ҷамъбасти дарс тавассути саволу ҷавоб.**

**IX.Эълони баҳо.**

**X.Вазифаи хонагӣ.** Муколама тартиб диҳед, дар он аз ҳиссачаҳо истифода баред.

## §61. АЛОМАТИ КИТОБАТ ВА ҲИССАЧАҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

Хонанда

– аз матнҳои адабиёти бадеӣ ҳиссачаҳоро меёбад;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода мебарад; бо ҳиссачаҳои шева муқоиса мекунад ва шакли дурусташро муайян месозад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

– тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;

– мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан;

– ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

– тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;

– мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Мколама тартиб диҳед, дар он аз ҳиссачаҳо истифода баред.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III.Баёни мавзӯи нав.** Аломати китобат ва ҳиссачаҳо.

• Кадом аломатҳои китобатро номбар карда метавонед?

- оид ба ин мавзӯъ чӣ медонед?
- ҳиссачаҳо дар матн чӣ нақш доранд?
- аломати китобат ба ҳиссача чӣ иртибот дорад?

**IV. Супориши 1:** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссача гузошта ҷумларо пурра кардан; сохт ва имлои ҳиссачаҳоро шарҳ додан.

1. ... дарёчаи шӯхи кӯҳӣ аз қарибии он макон гузашта ғавғо мекард.
2. ... дидед, сабаби хат накарданаш акнун маълум шуд.
3. ... биёяд, пешвоз мегирем, -гуфт дигаре.
4. Пешвоз нагирифт-чӣ, -гуфт ҳамон аввалангӣ.
5. Ин хабар рост бошад-мӣ, охир?

(танҳо, ана, майлаш, -чӣ, -мӣ).

**Савол:** Оё «аввалангӣ» шакли дурусти навишти калима аст?

• Аз назар гузарондани кори хонандагон.

**V.Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Ба сохт ва имлои ҳиссачаҳо дар ҷадвал таваҷҷуҳ намоед. Бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед. Таваҷҷуҳ кунед, ки бештар кадом аломатҳои китобат бо ҳиссачаҳо кор фармуда мешаванд.

| Ҳиссачаҳои сода | Ҳиссачаҳои таркибӣ |
|---|---|
| ана, мана, ҳа, канӣ, фақат, танҳо, -ку, дия, оре, бале, магар… | гӯё ки, на ин ки, ҳо ана, наход ки, аз афташ, ҳатто ки… |

**Супориши 3: Кори дунафара.** Иҷрои машқи 211. Матнро хонед ва ҳиссачаҳои онро ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки ҳиссачаҳо бештар кай истифода мешаванд? Аломатҳои китобати ба ҳиссачаҳо марбутро муайян кунед.

***Дар хотир доред:***

1. Ҷузъҳои ҳиссача ва калимаҳои модалии рехтаи навъи зерин: **кошки, бигузор(бигзор) , мабодо, даркор ва ғ.** якҷоя навишта мешаванд.
2. Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҳиссачаҳои **на, фақат, танҳо, гӯё, магар, ҳатто, оё, ҳам, низ** аз калимаҳои дигар: На омадед ва на пайғом фиристодед. Оё (магар) ин кор барои Шумо вазнин нест? Меҳмон ҳам(низ) бо момнрвадвағ.

б) ҳиссача ва таркибҳои модалии **ҳа(ҳо), не(на), оре, бале, биё мон, гӯё ки, шояд ки, равад ки ва ғ.**

3. Ҳиссачаҳои **-чи, -ку, -а, -да(-дия)** пас аз калима меоянд ва бо нимтире навишта мешаванд: равем-чи, рафтед-ку, наовардед-а, гуфтем-да ва ғ.

**VI. Супориши 3: Кори мустақилона.** Иҷрои машқи 212. Матнро хонед ва гӯед, ки дар он сухан дар бораи кӣ меравад? Ҳиссачаҳо ба матн чӣ тобише бахшидаанд?

**VII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4: Кори гурӯҳӣ.** Ҷадвалро пур кардан. Кадом ҳиссача чӣ тавр навишта мешавад?

| Якҷоя навишта мешавад | Ҷудо навишта мешавад | Бо нимтире навишта мешвад |
|---|---|---|
| Кошки ...<br>Даркор | Оё, ҳатто ... | -чӣ<br>-ку |

• Баррасии кори хонандагон.

Саволҳо:

• Кадом ҳиссачаҳо бо нимтире навишта мешаванд?

• Ҳиссачаҳои содаро номбар кунед.

• Ҳиссачаи инкории *на* боз дар кадом шакл меояд ва имлои он чӣ гуна аст?

**VIII. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

**IX. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи "Суҳбати ду дӯст" иншо нависед ва аз ҳиссачаҳо кор бигиред.

## §62. ҶОЙ ВА МАВҚЕИ ҲИССАЧАҲО ДАР НУТҚ ВА АСАРҲОИ БАДЕӢ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

Хонанда

– аз матнҳои адабиёти бадеӣ ҳиссачаҳоро меёбад;

– дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода мебарад; бо ҳиссачаҳои шева муқоиса мекунад ва шакли дурусташро муайян месозад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;
– тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;
– мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан;
– ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;
– тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;
– мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи "Суҳбати ду дӯст" иншо нависед ва аз ҳиссачаҳо кор бигиред.

• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Ҷой ва мавқеи ҳиссачаҳо дар нутқ ва асарҳои бадеӣ

**Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 213. Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Ҷумлаҳоеро, ки ҳиссача доранд, муайян куне д ва нависед. Ба имлои ҳиссачаҳо диққат диҳед.

IV. Супориши 2: Кори дунафара. Муколамае тартиб диҳед ва дар он ҳиссачаҳоро истифода баред.

• Баррасии кори гурӯҳҳо.

**V. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Бо истифода аз ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гурӯҳи 1: ана, фақат
Гурӯҳи 2: оё бале
Гурӯҳи 3: -чӣ,наход
Гурӯҳи 4: магар, ҳам…

• Ҳиссачаҳоро таҳлили сарфӣ намудан;
• Баррасии кори гурӯҳҳо

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 4:** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссачаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кардан.

1. ... хотираҳои пурдаҳшат дар ёд мондааст.
2. ... дар вақти ба поён расонидани мактуб дар лабонаш табассум пайдо шуд.
3. ... нашинохтӣ, Собир!
4. ..., Турсунтош, -тинҷӣ-..., чаро ранги рӯят кандагӣ?

(танҳо, ҳатто, магар, ҳа, -мӣ)

**Саволҳо:**

• Ҳиссачаҳои махсуси услуби гуфтугӯ кадомҳоянд?
• Кадоме аз ҳиссачаҳо асосан хоси адабиёти бадеианд?
• Магар ҳиссачаҳо дар ҷумла ҷойи доимӣ доранд?

**VII. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

**VIII. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 214. Ҳикояро хонед ва хулосаи баровардаатонро нависед. Ҳиссачаҳои матн магар дар навиштаи шумо истифода шуданд? Чаро? Дар эҷодиёти шоирони пешин бештар кадом ҳиссачаҳо во мехӯранд?

## §63. НИДО ВА ИМЛОИ ОН

**Салоҳиятҳо:**
10.1.9. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.
Хонанда
– мавқеи истифодаи нидоро меомӯзад;
– нидоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамавқеъ истифода мебарад.
**Мақсадҳои дидактикӣ:**
– оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;
– ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;
– ба имло ва аломатҳои китобат таваҷуҳ зоҳир кардан.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.
**Равиши дарс**
**I.Ташкили дарс:**
• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.
**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 214. Ҳикояро хонед ва хулосаи баровардаатонро нависед. Ҳиссачаҳои матн магар дар навиштаи шумо истифода шуданд? Чаро? Дар эҷодиёти шоирони пешин бештар кадом ҳиссачаҳо во мехӯранд?
• Баррасии кори хонандагон;
• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.
**III. Баёни мавзӯи нав.** Нидо ва имлои он.
**Водорнамоӣ:**
1. Дар бораи нидо чӣ медонед?
2. Кадом нидоҳоро номбар карда метавонед?
**Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Нидоҳои зеринро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан.
Дареғо, Илоҳо, Худоё, ҳайфо, раве, хезе, сад афсӯс, сад ҳайф, во дареғо, бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай.

**Гурӯҳи 1-ум:**

| Сода | Таркибӣ | Такрор |
|---|---|---|
| | | |

**Гурӯҳи 2-юм:**

| Якҷоя навишта мешавад | Ҷудо навишта мешавад | Бо нимтире навишта мешавад |
|---|---|---|
| | | |

***Дар хотир доред:***
*1.* Нидоҳо ва калимаҳои модалии зерин: дареғо, Илоҳо, Худоё, ҳайфо, раве, хезе, ва ғ. якҷоя навишта мешаванд.
2. Нидоҳои таркибии зерин: сад дареғ!, сад афсӯс!, бисёр афсӯс!, сад ҳайф!,во дареғо! ва ғ. ҷудо навишта мешаванд.
3. Нидоҳои такрор: бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай ва ғ.бо нимтире навишта мешаванд.
**IV. Супориши 2: Кори дунафара. Иҷрои машқи 213.** Порчаи манзумро хонда, мазмуни онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ғаму андуҳи шоир дар кадом мисраъҳо равшану возеҳ инъикос ёфтааст? Ба кадом шакли шеърӣ суруда шудааст?
**V. Супориши 2: Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 216**. Матнро хонед ва ҷумлаҳои нидодорро ҷудо карда нависед. Гӯед, ки онҳо дар ҷумла чӣ вазифаро адо кардаанд?
**VI. Супориши 3:** Дар мавзӯи «Модар» ё «Баҳор» иншо нависед ва нидоҳои мувофиқро истифода баред.

• Навиштаҳои ҳамдигарро аз назар гузаронед, бинед, ки нидоҳоро бамавқеъ истифода бурда тавонистаед ё не. Ба кори ҳамдигар баҳо гузоред:

| Мазмун | Имло | Нидо | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**VII. Супориши 4: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Машқи 218-ро хонда, нидоҳо ва ҳиссачаҳои матнро ҷудо кардан.

| Ҳиссача | Нидо |
|---|---|
| | |

**Гурӯҳи 2:** Нидоҳои зеринро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан: Хомӯш, ташаккур, ӯй, ҳой, ало, хайр, офарин, ҷим, ором, аё, ой.

| Даъват, муроҷиат | Амр | Миннатдорӣ, табрик | Видоъ |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Гурӯҳи 3:** Нидо аз ҳиссача чӣ фарқ дорад дар нақша нишон диҳед.



**Гурӯҳи 4:** Иҷрои машқи 219. Машқро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Гӯед, ки нидоҳо кай ва барои чӣ истифода шудаанд?

**Гурӯҳи 5:** Иҷрои машқи 215. Шеърро ифоданок хонед ва гӯед, ки моҳияти он аз чӣ иборат аст? Эҳсоси ғарибӣ асосан дар кадом байт равшан ифода ёфтааст? Шоир ҳиссиёти ғарибиро ба воситаи кадом нидоҳо ба қалам додааст?

**Гурӯҳи 6:** Иҷрои машқи 217. Матнро хонед ва гӯед, ки он дар бораи кӣ маълумот медиҳад? Нидоҳо ва ҳиссачаҳои матнро аниқ сохта, нақши онҳоро маънидод кунед.

**• Баррасии кори гурӯҳҳо.**

**VIII. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 5:** Бо ҳиссача ва нидо ҷумла навишта, имлои онҳоро шарҳ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Кор бо саволнома.

**IX.Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

**X. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 218**. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Нидоҳо кай ва барои чӣ истифода шудаанд? Дар мавзӯи "Ҳар лаҳза ғанимат аст" иншо нависед.

## §64. КОР БО МАТНИ ЭССЕ
## (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.7. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни эссе.

Хонанда

– матни эссеҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– эссеи кӯтоҳ менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– фарқ кардан тавонистани эссе аз дигар жанрҳо;

– аз худ карда тавонистани шарту талаботи эссе.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи** 218. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Нидоҳо кай ва барои чӣ истифода шудаанд? Дар мавзӯи "Ҳар лаҳза ғанимат аст" иншо нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни эссе**

• Эссе чӣ гуна жанр аст, ба ёд оред.

• Шумо дар кадом мавзӯъҳо эссе навиштанро меписандед?

**Супориши 1: Кори дунафара.** Матни китоби дарсиро аз саҳ…. (Забондонӣ ҷаҳондонист) бодиққат мутолиа кунед. Талаботи навиштани эссеро ба хотир оварда, гӯед, ки ин матн то кадом дараҷа ҷавобгӯ аст. Хулосаи худро хаттӣ нависед ва онро дар ҷадвал баррасӣ намоед. Ба кори якдигар баҳогузорӣ намоед.

| Мавзӯъ | Сохтор ва ҳаҷм | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**IV. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.** Матни "Дӯстӣ..."-ро аз саҳифаи .... хонед, онро таҳлил кунед. Гӯед, ки кадом ном ба он мувофиқ аст. Хуосаатонро дар ҷадвал нависед.

| Мавзӯъ | Сохтор ва ҳаҷм | Махсусият | Камбудӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ** тавассути саволу ҷавоб.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

**VII. Вазифаи хонагӣ.** Навиштани эссе дар мавзӯи «Чаро ман аз Интернет истифода мебарам?»

## §65. КОР БО МАТНИ ЭССЕ
## (дарси 4)

**Салоҳиятҳо:**

10.2.7. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни эссе.

Хонанда

– матни эссеҳоро дигаргун мекунад, онҳоро таҳрир менамояд;

– ё эссеи кӯтоҳ менависад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– фарқ кардан тавонистани эссе аз дигар жанрҳо;

– аз худ карда тавонистани шарту талаботи эссе.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани эссе дар мавзӯи «Чаро ман аз Интернет истифода мебарам».

Супориши 1: Ба кори ҳамдигар баҳо гузоред. Ба фикри Шумо, кадом ном ба ин матн мувофиқ аст?

| Мавзӯъ | Сохтор ва ҳаҷм | Камбудӣ | Пешниҳоди Шумо | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

• Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Супориши 2: Кори инфиродӣ.** Ба мазмуну муҳтавои матни “Ҷилои рангҳо” таваҷҷуҳ намоед. Хулосаатонро шифоҳӣ баён кунед. (Хонандагон интихобан пурсида мешаванд).

**IV. Супориши 3:** Аз руйи нишондоди ҷадвал ба ҳамдигар баҳо диҳед.

| Забон | Нутқ | Камбудӣ | Пешниҳоди Шумо | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**V. Супориши 4: Кори мустақилона**. Дар мавзӯи озод эссе нависед. Ба номгузорӣ диққати ҷиддӣ диҳед.

• Баррасии кори хонандагон.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

**VII. Вазифаи хонагӣ.** Навиштани эссе дар мавзӯи «Ҷавонон ва ҷавонӣ».

## XIII. ТАКРОРИ МАВОДДИ ОМӮХТА

## §66.ТАКРОРИ МАСЪАЛАҲОИ ДУШВОРИИМЛОИ ИСМ ВА СИФАТ

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– тарзи навиштани ному насаби шахсҳои таърихиро медонад;

– дар навишти номҳои сулолаҳои таърихӣ ва асарҳои бадеӣ ғалат содир намекунад;

– тартиби ном ва номгузориро фаро мегирад ва аз рӯйи муодил ном ва тахаллус месозад;

– дар матн аз рӯйи маъно исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс фарқ мекунад;

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккаб, шумора ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд;

– замон, тарз, шаклу намудҳои феълро дуруст истифода мебарад;

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мустаҳкам гардондани донишҳои бадастоварда;

– амалан собит намудани донишҳои назариявӣ.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани эссе дар мавзӯи «Ҷавонон ва ҷавонӣ».

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта. (Саволҳо аз тарафи худи хонандагон пешниҳод гарданд, хубтар аст. Ба тарзи саволдиҳӣ аҳамият диҳед).

**III. Супориши 1: Кори гурӯҳӣ.** Ҳалли машқҳо.

**Гурӯҳи 1:** Иҷрои машқи 219. Матнро хонда, моҳияти онро мухтасар нависед. Гӯед, ки ба ин матн чӣ ном муносиб аст? Дар матн бештар кадом навъи ҷумлаҳо истифода шудаанд?

• Баррасии кори хонандагон.

**Гурӯҳи 2:** Машқи 220-ро хонда, моҳияти онро мухтасар навиштан, ба матн ном гузоштан. Дар матн бештар кадом навъи ҷумлаҳо истифода шудааст, муайян кардан; калимаҳоро ба исму сифат ҷудо карда, имлои онҳоро шарҳ додан.

| Исм | Сифат |
|---|---|
| | |

**Гурӯҳи 3:** Исмҳоро аз руйи таркиб дар сутунҳо ҷо диҳед:

| Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Гурӯҳи 4:** Машқи 221-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Исмҳои матнро ёфта,ба гурӯҳҳо ҷудо кардан.

| Моддӣ | Маънӣ | Кулл | Ҷузъ | Танҳо | Ҷамъ | Хос | Ҷинс |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

**Гурӯҳи 5:** Бо сифатҳои сохта ва мураккаб аввал ибора, сипас ҷумла сохтан.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориш. Кори инфиродӣ.** Ҷуфти сифатҳоро навишта, ҷумла тартиб додан.

Бамехру..., боақлу..., бедолу..., сершоху..., пурнозу..., хушобу..., сабзу..., пасту...,

тавассути саволу ҷавоб.

• Баррасии кори хонандагон.

• Кор бо саволнома.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 220. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Аниқ созед, ки матлаби ин матн чист? Дар бораи аҳамияти илм нақле нависед.

## §67.ТАКРОРИ МАСЪАЛАҲОИ МАСЪАЛАҲОИ ДУШВОРИ ИМЛОИ ШУМОРАЮ ҶОНИШИН

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– имлои сифатҳои таркибӣ ва мураккаб, шумора ва ҷонишинро дар нутқи хаттӣ риоя менамояд;

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мустаҳкам гардондани донишҳои бадастоварда;

– амалан собит намудани донишҳои назариявӣ.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 220. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Аниқ созед, ки матлаби ин матн чист? Дар бораи аҳамияти илм нақле нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**III. Супориши 1: Кори дунафара.** Машқи 223-ро хонда, мазмуни онро нақл кардан. Хулосаи худро мухтасар навиштан. Шумора ва ҷонишинҳои матнро ҷудо кардан.

| Шумора | Ҷонишин |
|---|---|
| | |

**IV. Супориши 2: Кори гурӯҳӣ.**

**Гурӯҳи 1:** Бо шумораи таркибӣ ҷумла навиштан.

**Гурӯҳи 2:** Бо ҷонишинҳои номуайянии ким-кӣ, ким-кадом, ким-чиҳо ҷумла навиштан.

**Гурӯҳи 3:** Калимаҳое нависед, ки як ҷузъи онҳо аз шумора иборат бошад:

2+тор,ка+2, 30+мурғ...

• Баррасии кори хонандагон.

**V. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши 3:** Иҷрои машқи 222. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Андешаҳои ба миён гузоштаи нависанда ба шумо писанд омаданд? Чаро? Фикри шумо дар ин бора чист? Мухтасар нависед.

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта аз ҷониби хонандагон ба ҳамдигар пешниҳод гарданд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо**

**VII. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 221. Матнро хонед ва бардоштатонро нақл кунед. Ба матн ном гузоред. Дар хусуси меҳнат кардан ва асоси зиндагӣ будани он иншое нависед.

## §68. ТАКРОРИ МАСЪАЛАҲОИ ДУШВОРИ ИМЛОИ ЗАРФҲО

**Салоҳиятҳо:**

10.1.8. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

Хонанда

– пасванд ва пешвандҳои калимасози исм, сифат, феъл ва зарфро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода мебарад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

– мустаҳкам гардондани донишҳои бадастоварда;

– амалан собит намудани донишҳои назариявӣ.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

• ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

• омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

• шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 221. Матнро хонед ва бардоштатонро нақл кунед. Ба матн ном гузоред. Дар хусуси меҳнат кардан ва асоси зиндагӣ будани он иншое нависед.

• Баррасии кори хонандагон;

• Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта (такрорӣ).

- Оид ба имлои феълу зарф чӣ медонед?
- Пешвандҳои феълсоз кадомҳоянд?
- Пешванди шаклсози феъл кадом аст?
- Бандакҳои феълӣ кадомҳоянд?
- Пешвандҳои зарфсоз кадомҳоянд?
- Кадом зарфҳо бо нимтире навишта мешаванд?

**III. Супориши 1: Кори дунафара.** Пешвандҳои феълсоз ва зарфсозро бо мисолҳо нишон додан.

| Пешванди феълсоз | Мисол | Пешванди зарфсоз | Мисол |
|---|---|---|---|
| | | | |

• Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намудан.

**IV. Супориши 2: Кори инфиродӣ.** Иҷрои машқи 223. Матнро хонед ва мазмунашро мухтасар нақл кунед. Гӯед, ки феълҳои чида ба матн чӣ муассирияте бахшидаанд. Барои оромии кишвар чӣ бояд кард?

**V. Супориши 3: Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 224. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Моҳияти асосии порча дар кадом байт баён ва ҷамъбаст шудааст?

**Мустаҳкамкунии мавзӯъ:**

• Истифода аз тестҳо;

• Саволу ҷавоб барои мустаҳкамкунии дониш.

**VII. Ҷамъбасти дарс ва баррасии фаъолияти хонандагон дар давоми сол.**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ 10-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Саидова |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 02.08.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 13.0.
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 172/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет» ба табъ расидааст.